**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 33 тоҷик +331+336:34+63 тоҷик**
**ТКБ: 65.9(2 тоҷик) +65.240+67.405+4+41/42**
**О-75**

**ОДИНАЗОДА АСЛАМ МАДГИЁ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат**

**Роҳбари илмӣ: н.и.и, дотсент**
**Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич**

**ДУШАНБЕ - 2025**

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

СИ – сармояи инсонӣ

ББМ – бозори байналхалқии меҳнат

СМР-2030 – Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2030

СММ – Созмони милали мутаҳид

БҶ – Бонки ҷаҳонӣ

СУС – Созмони умумиҷаҳони савдо

БДС – Барномаи давлатии сармоягузорӣ

БМР – Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШФМ – Ширкатҳои фаромиллӣ

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

КАС – Комплекси агросаноатӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## М У Н Д А Р И Ҷ А


Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ............................................ 2

МУҚАДДИМА ................................................................................... 4

**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ** ............................. 16

1.1. Асосҳои консептуалии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ...................................................... 16

1.2. Принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ................................................. 32

1.3. Ташаккули институтҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ................................................................. 49

**БОБИ II. ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** .................. 58

2.1. Тамоюли рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 58

2.2. Нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди сармояи инсонӣ ................... 75

2.3. Таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон ................................................................................ 88

**БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** ...................................................... 100

3.1. Амсилаи консептуалии ташаккулёбии арзиши стратегии сармояи инсонӣ ........................................................................................ 100

3.2. Дастгирии давлатии рушди таҳсилоти олӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ....................................................................................... 112

3.3. Коркарди механизми коҳиши “фирори мағзҳо” ................................ 129

Хулоса ва тавсияҳо ......................................................................... 150

Рӯйхати адабиёт ............................................................................. 154

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир инсон яке аз захираҳои асосии иқтисодӣ ба шумор меравад. Назарияи рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба эътирофи инсон ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди ҷомеа асос ёфтааст. Дар шароити иқтисоди инноватсионӣ сармояи инсонӣ ҳамчун омили бунёдии рушди системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад. Дар ҷаҳони муосир тамоми дигаргуниҳои мусбат бо рушди сармояи инсонӣ алоқамандаанд. Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ бо назардошти ташаккули муҳити муассири институтсионалии танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд.

Мушкилоти ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ иброз доштанд, ки «…ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок毛 дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад» [117]. Сарфи назар аз таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ, сатҳи рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя боқӣ мемонад. Дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ норасоии кадрҳои баландихтисос ва дорои қобилиятҳои иноватсионӣ баръало эҳсос мешавад.

Зимнан, солҳои охир асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мавзӯи тадқиқоти васеи олимон гардидааст. Торафт равшантар мегардад, ки роҳи муассиртарини ташаккули сармояи инсонии босифат ин принсипҳо, воситаҳо ва фишангҳои иқтисоди институтсионалӣ мебошад, ки ба таъмини ягонагии ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва танзими бозори меҳнат, аз ҷумла, равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунанд.

Ҳалли ин масъала такмил додани системаи тайёр кардани мутахассисонро дар асоси зиёд кардани маблағгузорӣ барои ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ бо назардошти такмили системаи маориф талаб мекунад, ки ин ба баланд шудани сифати захираҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад. Дар ин марҳалаи ислоҳоти иқтисодӣ масоили таҷдиди низоми маориф ва мутобиқсозии он ба талаботи иқтисоди муосир барои ташаккули сармояи инсонии босифат, ки қодир ба таъмини рушди равандҳои инноватсионӣ мебошад, махсусан муҳим дониста мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон барои ҷалби кадрҳои соҳибихтисос аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд. Дар баробари ин, омили «муҳоҷирати меҳнатӣ» ба раванди ташаккули сармояи инсонии миллӣ барои давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ таъсири норавшан дорад. Дар робита ба ин, таҳияи Консепсияи миллии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе назардошти равандҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва тазъифи таъсири омили «фирори мағзҳо» имконнопазир аст.

Ҳамин тариқ, аҳамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро номуназзамии равандҳои ҳамкории байни институтҳои асосии ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити афзояндаи зарурати гузаштан аз модели аграрию саноатии рушди иқисодиёти миллӣ ба модели индустриалию аграрии он асоснок менамояд. Мавориди зикршуда зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои такмили

равандҳои ҳамкории институтҳои асосии ташаккул ва рушди сармояи инсониро дар асоси таҳлили системавии ҷараёнҳои тайёр кардан, бозомӯзӣ, инчунин нигоҳ доштани кадрҳои соҳибтахассусро барои таъмини рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ тақозо менамояд.

Ҳамаи ин аҳамияти мавзӯи кори диссертатсионро муайян менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши масъала.** Масъалаҳои идоракунии давлатии захираҳои инсонӣ ҳамеша таваҷҷуҳи олимони барҷастаи давру замонҳои гуногунро ба худ ҷалб кардаанд. Онҳо дар осори А.Смит [148], Д.Рикардо [130], Л.Вальрас [23], А.Маршалл [90], А.Пигу [122], М.М.Сперанский [153], Ж.Б. Сея [146], Ф.Хайек [169], Р.Солоу [150], Ҷ.Коммонс [73], Р.Коуз [199], Г. Беккер [16], Т. Шултс [205] ва дигарон таҷасум ёфтаанд. Муаллифони мазкур асосҳои бунёдӣ, консепсияҳои методологӣ ва мисолҳои амалии идоракунии сармояи инсониро гузоштаанд.

Ҷанбаҳои институтсионалии идоракунии сармояи инсонӣ дар корҳои Д. Норт [107], А.В. Корицкий [74], С.И. Бабина [13], Р.Нуриев [108], А.Олейник [115], Д.Б. Қодиров [55], О Вильямсон [208], Ҷ. Ҳоҷсон [202] ва дигарон таҷассум ёфтаанд.

Дар Тоҷикистон масъалаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ ва идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар асарҳои: Амонова Д.С. [6], Гурезов С.И [35;36], Ғаниев Т.Б. [28], Дустбоев Ш [44], Комилов С.Ҷ [71], Кошонова М.Р [79], Нурмаҳмадов М [109], Раҷабов Р.К [126], Саидмуродзода Л.Х [135], Усмонова Т.Д [163], Фақеров Ҳ.Н [165], Ҳабибов С [190], Мирзоалиев А.А [95], Бабаджанов Р.М [12], Хамидова С.Х [172], Ҳодиев Д.А [178], Машокиров Ҷ.Н [94], Шамсов И.С [191], Ҷабборов А [43] ва ғайра таҷассум ёфтааст.

Дар тадқиқотҳое, ки олимони тоҷик анҷом додаанд, масъалаҳои умумии назария ва амалияи идоракунии сармояи инсонӣ бо назардошти татбиқи муқаррароти асосии дар мактабҳои гуногуни иқтисодӣ бадастомада дар шароити Тоҷикистон таҳлил карда шуданд. Дар баробари ин, таҳқиқоти

бисёре аз муаллифон хусусияти ҷузъӣ дошта, ҷанбаҳои муайяни (масалан, ҷанбаи таҳсилотии) раванди ташаккул ва рушди сармояи инсониро дар бар мегирад. Масъалаҳои омӯзиши мунтазами мушкилоти ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ бо назардошти талаботи иқтисоди инноватсионӣ дар заминаи мушаххас намудани нақш ва вазифаҳои функсионалии ниҳодҳои алоҳидаи танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба қадри кофӣ дар адабиёти иқтисодии ватанӣ инъикос наёфтаанд. Зарурати дарки назариявии ин мушкилот, таҳияи муқаррароти консептуалӣ, принсипҳо ва усулҳои идоракунии ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ дар асоси истифодаи васеъи воситаҳои институтсионалии танзими равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ аҳамияти мавзуи тадқиқоти диссертасиониро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.

Муқаррароти назариявию амалии рисолаи илмӣ бо барномаҳои давлатии рушди инкишофи иқтисодиёти кишвар марбут мебошанд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инкишофи сармояи инсонӣ чун самти муҳими ноил гардидан ба меъёрҳои рушди босубот муайян гардидааст. Инчунин барномаҳои рушди минтақаҳо, соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт фарогири муаммоҳои инкишофи сармояи инсонӣ мебошад.

Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзӯъҳои “Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206), ки дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот асоснок намудани ҷанбаҳои назариявии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати таъмини бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад

Татбиқи ин ҳадаф ҳалли ҳамаҷонибаи вазифаҳои ба ҳам алоқамандро талаб менамояд:

- омӯзиши таҳаввулоти назарияи сармояи инсонӣ ҳамчун равиши системавии рушди устувори иқтисодиёт;

-таҳияи методологияи ташаккул ва татбиқи сармояи инсонӣ дар шаклҳои мушаххаси рушди иҷтимоию иқтисодӣ;

- муайян намудани омилҳо ва хусусиятҳои рушди сармояи инсонӣ дар дар шароити тағйирёбии муҳити ниҳодӣ;

– таҳлил ва арзёбии сиёсати давлатӣ оид ба рушди низоми маориф ва таъсири он ба бозтавлиди сармояи инсонӣ;

- баррасии омилҳои коҳиши “фирори мағзҳо” ва пешниҳоди чорабиниҳои муассир ҷиҳати бартараф намудан онҳо;

- коркарди амсилаҳои бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Объекти тадқиқот** механизми инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ба шумор меравад.

**Предмети тадқиқот** муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, омилҳо ва шароити ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонии кишвар ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқотро** андешаҳои муаллиф оид ба афзалияти таваҷҷуҳ ба такмили механизми сармоягузорӣ ба сармояи инсонии кишвар бо назардошти ҳадафҳои расидан ба меъёрҳо ва талаботҳои иқтисодиёти навоварона ташкил медиҳад. Пешбинӣ мешавад, ки яке аз роҳҳои афзалиятноки расидан

ба иқтисодиёти инноватсионӣ ин таъмини рушди босифати сармояи инсонии кишвар мебошад.

**Асоси методологии тадқиқотро** равишҳои муосири диалектикӣ-материалистӣ барои муайян кардани робитаҳои дохилии падидаҳо ва омилҳо, инчунин тағйироти сифатӣ ва тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ дар минтақа ташкил медиҳанд. Эътимоднокии хулосаҳои назариявии муаллиф тавассути истифодаи усулҳои умумии илмии равиши системавӣ, дедукция ва индуксия, аналогия, ягонагии таҳлили таърихию мантиқи, оморӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, усулҳои таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ, регрессионӣ, инчунин усулҳои моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ барои интихоби беҳтарин роҳи татбиқи сиёсати минтақавии идоракунии рушди сармояи инсонӣ истифода мешаванд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; маълумот оид ба вазъи ҷанбаҳои алоҳидаи рушди бозори меҳнат ва соҳаи савдо; маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд; маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда; натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии довталаб баромад мекунанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули монографӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар солҳои 2019-2025 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқикот** дар асоснок намудани муқаррароти назариявии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар диссертатсия натиҷаҳои

зерини назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки навгонии илмиро муайян мекунанд ва мавзуи дифоъ мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявии омузиш, хусусиятҳо ва мазмуни сармояи инсонӣ асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад онро ҳамчун натиҷаи инкишофи сифатӣ ва миқдории захираҳои меҳнатии кишвар таъриф намуда таъсири омилҳои табиӣ, минтақавӣ (ҷуғрофӣ), таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар раванди ташаккулёбии он бо таваҷҷуҳ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат дар ин раванд баҳогузорӣ намоем, ки дараҷаи рушди сармояи инсонии миллӣ ва мувофиқати он ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсиониро инъикос менамояд;

- таърифи муаллиф оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи калидии унсури таркибии он - тавонмандии инноватсионӣ - пешниҳод гардидааст, ки аз дигар унсурҳои таркибии он (маълумот, саломатӣ, ахлоқ, сахткушӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳаракатпазирӣ ва ғ.) таъсирпазир мебошад ва ба зарурати сармоягузориҳои ҳадафманд ҷиҳати бештар намудани ин таъсир таъкид мекунад;

- асосҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ростои омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва эҷоди системаи ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ ифода мекунад;

- омилҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар муҳити институтситсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти “фирори мағзҳо” дастабандӣ шудаанд, ки сабаб ва натиҷаи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд. Дар робита ба ин тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии

бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани “фирори мағзҳо” ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар таъриф шудааст;

- самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин муайян карда шуданд. Дар ин замина амсилаи муҳосибаи омилҳои муассир ба арзиши сармояи инсонӣ дар сатҳи ширкатҳои ватанӣ кор карда баромада шудааст, ки ба назар гирифтани натоиҷи он ҷиҳати таъмини рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат мусоидат менамояд;

- системаи чорабиниҳои мансуб ба танзими давлатӣ, ки ба истифодаи самараноки сиёсати танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди “фирори мағзҳо”, истифодаи бештар аз самараи синергетикии “гардиши мағзҳо” ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар пешниҳод карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд:

- ҷамъбандии мафҳуми сармояи инсонӣ аз дидгоҳи нав, ки аҳамияти унсури тавонмандии инноватсиониро дар таркиби унсурҳои дигари сармояи инсонӣ баровардашуда аз сиёсати ҳадафмандонаи сармоягузории давлатии ташаккули муҳити инноватсионии бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, таъриф менамояд;

- модели мафҳумии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ, ки алоқамандии ниҳодҳои мухталифи ташаккули сармояи инсониро дар заминаи таҳаввулоти сифатии як муҳит аз муҳити дигар ва ботадриҷ сифатан рушд намудани сармояи инсонии миллӣ ифода мекунад;

- модели риёзии таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи ташаккули сармояи инсонӣ собит менамояд;

- муҳосибаи арзиши сармояи инсонӣ дар ширкатҳо, ки нақши рушди мутавозини бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти олиро дар раванди арзишафзоии сармояи инсонии ширкатҳо нишон медиҳад;

- маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати танзими оқилонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва коҳиши раванди "фирори мағзҳо", ки ҷиҳати таваҷҷуҳи бештар намудан ба густариши ҷараёни "гардиши мағзҳо" ва дар заминаи он мусоидат намудан ба рушди равандҳои инноватсионӣ дар кишвар, таъкид менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии натиҷаҳои тадқиқотро инкишофи назарияи сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, татбиқи он дар минтақаҳое, ки теъдоди захираҳои меҳанатиашон зиёд мебошад, муайян менамояд. Муқаррароти алоҳидаи натоиҷи тадқиқот асосҳои назариявии иқтисодиёти меҳнатро бо таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои тавонмандии инноватсионӣ пурратар менамояд.

**Натиҷаҳои тадқиқоти илми**ро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он метавон истифода бурд. Натиҷаҳои тадқиқотро инчунин ҳангоми хондани курсҳои «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисоди меҳнат» ва «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», "Иқтисодиёти навоварона" истифода бурдан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои

рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмили механизми ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти навоварона имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асосноккунии такмили механизми ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти навоварона пешниҳод шудаанд, дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ истифода шудаанд.

**Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия** дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Менеҷмент» ва «Идоракунии кормандон» ва ғайра татбиқ шудаанд. Муқарраროти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 177 саҳифа оварда шуда 20 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 196 номгӯй иборат аст.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ шарҳ дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия – **«Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ»** асосҳои консептуалии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ тавсиф шуда, принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити мазкур тадқиқ шудаанд, инчунин, омилҳои муассир ба рушди институтҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ шарҳ дода шудаанд.

Дар боби дуюм - **«Вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тамоюли рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди сармояи инсонӣ баррасӣ гардидааст ва дар асоси амсилаи риёзӣ таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон анҷом дода шудааст.

Дар боби сеюм - **«Самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** амсилаи консептуалии ташаккулёбии арзиши стратегии сармояи инсонӣ коркарда баромада шуда, рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили ҳамкории мутақобилаи давлат, бозори меҳнат ва низоми маориф тадқиқ ва усулҳои танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиш додани ҷараёни "фирори мағзҳо" баррасӣ гардидааст.

Дар **хулоса** пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои такмили механизми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ оварда шудаанд.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

## 1.1. Асосҳои консептуалии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ

Марҳилаи нави рушди иқтисоди Тоҷикистон бештар бо рушд ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди сармояи инсонӣ омили асосии рушди устувор дониста шудааст, ки самаранокии он бояд сариваќтӣ ва самаранокии татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд.

Имрӯз низоми маориф ва тарбияи кадрҳо бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шудааст. Муносибати муносиб бо ин масъалаҳо метавонад самаранокӣ ва иҷрои рисолати ин ниҳодро афзоиш диҳад. Иқтисоди маориф яке аз масъалаҳое мебошад, ки аз гузашта бо мушкилот рӯбарӯ шудааст, зеро он ба сифати таълим соя гузоштааст. Иқтисоди маориф як илми байнисоҳавӣ буда, масъалаҳои байни ин ду фанро дар робитаи иқтисод ва маориф шарҳ медиҳад. Дар байни мавзӯҳое, ки ҳамеша дар иқтисоди маориф мушкилот ва муаммо буданд, маблағгузорӣ, судмандии сармоягузорӣ дар соҳаи маориф, иштироки бахши хусусӣ, хароҷоти таълим ва таъсир ба таъсиси ҷойҳои корӣ мебошанд.

Аз гузаштаи дур ду равиши ба хароҷот нигаронидашуда ва ба сармоя нигаронидашуда ба таълим дар идоракунии захираҳои инсонӣ вуҷуд дошт. Ин ду равиш ба рафтори ташкилии роҳбарон ва таъминкунандагони захираҳои молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ таъсир расонидааст. Дарвоқеъ, маориф дар тӯли умри худ ҳамеша зери таъсири низоми ҳукмронии тафаккур қарор дошт. Эътиқоди тасмимгирандагон дар соҳаи маориф нисбат ба ҳар як назарияи иқтисоди маориф рафтор ва идоракунии онҳоро ташаккул додааст.

Яке аз назарияҳои марказӣ дар иқтисодиёти маориф «назарияи сармояи инсонӣ» мебошад. Пайравони ин назария бар ин боваранд, ки маориф намунаи сармоягузорӣ аст. Ин намуди сармоягузорӣ боиси даромаднокӣ ва эҷоди арзиши изофӣ дар ҷомеа мегардад. Аксари созмонҳои муваффақ, ки захираҳои инсонии худро аз нуқтаи назари сармояи инсонӣ идора кардаанд, бо мурури замон аз бартариятҳо, дастовардҳо ва даромаднокии он баҳра бурданд. Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки агар асосҳои фалсафии афкор ва назариясозӣ дар бораи маориф такмил гардад, бахшҳои асосии масъалаҳо, аз ҷумла иқтисодиёти маориф низ осон мегардад.

Дар ҳоли ҳозир масъалаҳои умдаи иќтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷумҳурӣ монеи ҳалли масъалаҳои низоми маориф шудаанд. Омӯзиши фалсафаи назарияи сармояи инсонӣ ва паҳн кардани он метавонад муносибати таъминкунандагони захираҳои молиявӣ ва сармоягузоронро дар соҳаи маориф тағйир ва беҳтар созад. Дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷрибаҳое вуҷуд доранд, ки агар идоракунии захираҳои инсонӣ ба сармояи инсонӣ асос ёбад, аксари мушкилоти ҷомеа ҳаллу фасли худро хоҳанд ёфт.

Таҷрибаҳо дар ин соҳа нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ҳамеша фоидаовар ва якҷоя бо эҷоди арзиши изофӣ дар самти рушди устувор будааст. Ба ғайр аз мусоидат ба тавонмандсозии кормандон, дурнамои сармоя дар соҳаи маориф бо эҷоди арзиши иловашуда дар ҷомеа ҳамроҳ мешавад.

Ба андешаи олимони маъруфи тоҷик Ш. Дустбоев ва З.С. Султонов “Маълум аст, ки рушди устувори иқитсодиёти ҳар як давлат дар заминаи истифодаи самараноки омилҳои иқтисодӣ: боигариҳои табиӣ, капитал (ё захираҳои инвестисионӣ), меҳнат (қобилияти фикриву ҷисмонии кормандон) ва қобилияти соҳибкорӣ ё ташаббускорӣ дар просесси истеҳсолӣ ва соҳаҳои хизмат ба даст оварда мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар чорчӯбаи омилҳои иқтисодӣ ва рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизмат, нақши калидиро захираҳои меҳнатӣ (коргарону кормандон) мебозанд. Чунки ҳама неъматҳою сарватҳоро

одамон барои қонеъ гардонидани талаботҳои моддию маънавияшон истеҳсол, истифода ва истеъмол менамаянд. Талаботи беохири аҳолӣ омили асосии пешбарандаи соҳаҳои истеҳсолию ғайри истеҳсолӣ (хизмат) мебошад” [44, С.208].

Ҳамчунин профессор А. Ҷабборов қайд мекунанд, ки омили калидии таъмини шуғли маҳсулнок ва сатҳи баланди зист дар шароити муосир ин дониш, малака ва сатҳи баланди омодагии касбии захираҳои меҳнатӣ мебошад [43, С.45].

Ба вуҷуд омадани назарияи сармояи инсонӣ тағйир ёфтани самти илми иқтисодиро аз масоили истифодабарӣ ва, махсусан, ба кор андохтани захираҳои меҳнатӣ ба ташаккули қувваи сифатан нави меҳнатӣ, ки шароити пешрафти илмию техникиро қонеъ мегардонад, инъикос намуд. Он бо дарки нақш ва саҳми сармояи инсонӣ дар суръат ва сифати рушди иқтисодӣ алоқаманд буд, дар ҳоле ки маълум шуд, ки бо назардошти омилҳои классикии рушди иқтисодӣ афзоиши воқеии иқтисодиёти кишварҳо шарҳ дода намешавад [177].

Дар баробари ин, инкишофи назарияи сармояи инсонӣ бо саноатикунонии иқтисодиёт ва зарурати таъмини рақобатпазирии субъектҳои сатҳи гуногуни идоракунӣ зич алоқаманд аст. Давраи нисбатан босуръати тараққиёти илм ва техника дар солҳои 60-уми асри гузашта барои пайдоиши назарияи нав дар сохтори илмҳои иқтисодӣ шароити зарурии фароҳам овард. Ва сарфи назар аз он, ки олимони америкоӣ Г. Беккер ва Т. Шулс асосгузорони ин назария маҳсуб мешаванд, баҳсҳо дар бораи нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ, роҳу усулҳои идоракунӣ, ташаккул ва рушди он, ченкунӣ ва таҳлил идома додаанд, имкон медиҳад, ки ба хулосае оем, ки назарияи сармояи инсонӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст, дар доираи низомҳои мушаххаси идоракунии сатҳи хоҷагии халқ таҳқиқоти иловагиро талаб мекунад. Ҳамчун яке аз ин сатҳҳо, ки дар он ҷо бо сабабҳои муайян ҷанбаҳои мундариҷаи

сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари идоракунии муассир суст дарк карда мешаванд, сатҳи макро, ё сатҳи миллӣ ба шумор меравад [179].

Муҳимтарин омили рушди иқтисодиёти иноватсионӣ сармояи инсонӣ шинохта шудааст. Аз сифат ва самарнокии низоми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ самаранокии равандҳои гузариш ба иқтсодиёти иинноватсионӣ муайян карда мешавад. Шароити муосири рушди иқтисодиёт бо таваҷҷуҳ ба нақши кашфиётҳои илмӣ дар таъмини рақобатпазирии ширкатҳо ва минтақаҳо сармоягузории мунтазамро ба инркишофи сармояи инсонӣ тақозо менамояд [79].

Дар адабиёти илмӣ тафсирҳои гуногуни мафҳуми сармояи инсонӣ мавҷуданд (ҷадвали 1.1.1.), ки асосан ба ҷанбаҳои сармоягузории идоракунии рушди нерӯйи инсонӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ: фирмаҳо, минтақаҳо, кишварҳо оварда шудаанд.

Зимнан, дар ҳамаи таърифҳои дар боло зикршуда сатҳи ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ ҳамчун объекти идоракунии мақсаднок зикр нашудааст, ки татбиқи онҳоро ба мақсади гузаронидани таҳқиқоти мушаххас ва мақсаднок то як андоза мушкил мегардонад. Гарчанде ки баъзе таҳқиқотҳо сатҳҳои корпоративӣ, минтақавӣ ва миллии ташаккул ва идоракунии сармояи инсониро нишон медиҳанд, аммо таҳлили пурмазмуни ҷузъҳои як сатҳ, ки далелҳои мукаммалро барои ҷудо кардани аломатҳои хусусияти идоракунӣ пешниҳод мекунад, ба қадри кофӣ баён карда нашудааст.

Аммо, дар айни замон сармояи инсонӣ бештар дар сатҳи субъектҳои алоҳидаи ҳудудӣ - минтақаҳо ё кишварҳо омӯхта мешавад. Дар баробари ин, аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ омӯхтани принсипҳо ва шартҳои инкишофи сармояи инсонӣ маҳз дар сатҳи миллӣ афзалтар дониста мешавад [178].

Сармояи инсонии минтақаро С.И. Бабина ва И.Ю. Садовникова чунин таъриф мекунанд: «маҷмуи захираҳои инсонии ба ҳудуд мутамарказшуда,

дорои дониш, қобилият, маҳорати касбӣ, вазъи саломатӣ, дараҷаи маданияти андӯхтшуда мебошанд. 2

**Ҷадвали 1.1.1.**

**Шарҳи мазмуни мафҳуми «сармояи инсонӣ»**

| Ному нас. олим | Мазмун |
|---|---|
| **Т. Шултс.** Schulz T. Investment in Human Capital // Ameқican Economic Қevien. – 1961, Maқch – № 1. | «Сармояи инсонӣ» – ин манбаи даромади иловагӣ буда, бо ёрии донишҳо, малакаю маҳорат, қобилияти инсон ташаккул меёбад. |
| **Ляшенко Е.Е.//** Ляшенко Е.Е. Формирование человеческого капитала в условиях реформирования высшего образования / /авт. дисс.... канд. экон. наук: 08.00.05 – Ляшенко Елена Евгеньевна. Москва: Московский гуманитарный университет, 2012. – 25 с. | Сармояи инсонӣ модарзод буда, дар натиҷаи сармоягузорӣ ташаккул ёфта, дараҷаи муайяни саломатӣ, маълумот, малака, қобилият, ҳавасмандӣ, нерӯйи ҳам шахси алоҳида, гурӯҳи одамон ва ҳам дар тамоми ҷомеа ҷамъ оварда шудааст, ки мувофиқи мақсад дар ин ва ё он такрористеҳсоли ҷамъиятии як соҳаи муайян ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад ва ба ҳаҷми даромади соҳибони онҳо таъсир мерасонад. |
| **Капелюшников Р.И.** Капелюшников Р.И. Концепция человеческого капитала//Критика современной буржуазной политической экономии. – М.: Наука, 1977. | Сармояи инсонӣ - захираи муайяни дониш, қобилият ва ангеза мебошад, ки ба шахси муайян хос аст. Онхо аз як тараф, бар зарари истеъмоли имрӯза харҷ кардани маблағҳоро талаб кунанд, аз тарафи дигар, дар оянда манбаи боэътимоди фоида ва даромад мебошанд. |
| **Корнейчук Б.В.** Корнейчук Б.В. Информационная экономика. – СПб.: Питер, 2006. - 382 с. | Сармояи инсонӣ «маҷмуи сифатҳои шахсият мебошад, ки ҳамчун манбаи даромади пулӣ хизмат мекунанд. Аз рӯйи ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва ғайра чен карда мешавад. |
| **Добринин А.И.** Добрынин А.И., Дятлов С.А., Курганский С.А. Методология человеческого капитала // Экономика образования. Международный периодический журнал. Кострома. – 1999. – №. 5. – С.10-26. | Сармояи инсонӣ – захираи муайяни саломатӣ, дониш, маҳорат, қобилият, ҳавасмандӣ, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ташаккул ёфта, аз ҷониби шахс андӯхта мешавад, ки дар соҳаи муайяни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ба мақсад мувофиқ истифода мешавад, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот ва бо ҳамин ба афзоиши даромади ин шахс таъсир мерасонад. |
| **Луғати калони иқтисодӣ.** Большой экономический словарь/ Под ред. А.Н. Азрилияна. – М.: Фонд «Правовая культура», 1994. – 470 с. | Сармояи инсонӣ - «маълумот, тахассуси дар раванди истеҳсолот ҳосилшуда; дониш ва малакаҳое, ки дар қувваи корӣ таҷассум шудаанд». |
| **Ҳодиев Д.А. //** Ходиев Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан) // дисс… канд. экон. наук: 08.00.05 – Ходиев Д. А. - Душанбе: ТГУК, 2011. – 160 с. | Сармояи инсонӣ - маҷмуи донишҳо ва қобилиятҳои эҷодии шахс, инчунин малакаҳо, саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ангезае мебошад, ки тавассути сармоягузорӣ дар соҳаи маориф, касбомӯзӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират, инчунин дар тарбияи кӯдакон ҷамъоварӣ гардида, бо максади дар оянда ба даст овардани даромад истифода мешаванд. |

**Таҳияи муаллиф.**

Ҳамаи хосиятҳо ва хусусиятҳои номбаршуда дар натиҷаи сармоягузорӣ аз ҷониби шахсони алоҳида, оилаҳои онҳо, инчунин ҷомеа, корфармоён ва ғайра ба вуҷуд омада, дар фаъолият ба мақсад мувофиқ истифода мешаванд ва рушди инноватсионии низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаро таъмин намуда, ба ин васила сифати ҳаёти аҳолиро беҳтар намуда, барои рушди минбаъдаи инсоният шароити муосид фароҳам меорад» [13, С. 70].

Ба назари мо, сармояи инсонии минтақа ва тамоми кишварро аз ҳамдигар ҷудо кардан душвор аст, хусусан вақте ки сухан дар бораи кишварҳое меравад, ки аз рӯйи ҳаҷм чандон калон нестанд. Баръакс, чунин кишварҳоро аз рӯйи аломатҳои ҷуғрофӣ (хушк, кӯҳӣ, ҷазиравӣ, нимҷазиравӣ ва ғайра) бо як навъи муайяни минтақаҳо баробар кардан лозим аст. Аммо дар дохили ин кишварҳо дар таҳияи сиёсати минтақавӣ оид ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ тафовути муайян низ мушоҳида мешавад.

Сохтори сармояи инсонӣ нишондиҳандаи асосӣ ва сифатии омодагии он ба фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад. Дар сохтори сармояи инсонӣ одатан се унсури асосӣ (сатҳи маълумот, самрояи саломатӣ, ҳаракатпазирӣ) ҷудо карда мешавад, ки онҳо дар навбати худ ба аносири дигар тақсим мешавад. Қуваи инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ сатҳи маълумот ё сармояи маълумоти он ҳисобида мешавад, ки қодир аст унсурҳои боқимондаро такомул диҳад (расми 1.1.1.).

Такомули сармояи инсонӣ ҳамон вақт ба мақсад ва ҳадафҳои стратегияи рушди миллӣ мувофиқат менамояд, ки тавонмандиҳои инноватсионии он бо таваҷҷӯҳ ба мавҷудияти захираи табии минтақа инкишоф ёбад.

Яъне тавонмандиҳои инноватсионии сармояи инсонӣ барои аз худ кардан, коркард ва то ба марҳиллаи маҳсулоти ниҳоӣ расонидани захираҳои табиии мавҷуд мусоидат намояд. Дар акси ҳол нерӯи мутахассис ва дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ ба раванди “фирори мағзҳо” фаро гирифта

мешаванд ва амалан манфиаташан ба рушди инноватсионии кишвар таъсир камранге касб менамояд [138].

Сиёсати миллии инкишофи захираҳои меҳнатӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ба ноил шудан ба ҳадафи асосии шукуфоии иқтисодӣ, яъне рушди мутаносиби иқтисодӣ дар байни минтақаҳо, барҳам додан ё кам кардани фарқияти минтақаҳо ба минтақаҳои пешрафта ва ақибмонда нигаронида шудааст. Яъне ин маънои расидан ба он мақсадҳоро дорад, ки иқтисоди бозорӣ бе дахолати фаъолонаи сиёсати давлат ҳал намекунад [184].




Расми 1.1.1.Модели консептуалии инкишофи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти навоварона . Сарчашма: таҳияи муаллиф

Инкишофи иҷтимоии иқтисоди миллӣ барои ба даст овардани адолати иҷтимоӣ, инкишофи иқтисодӣ бошад, ба фаъолияти иқтисодӣ нигаронида шудааст. Адолати иҷтимоӣ ин чунин маъно дорад, ки дар саросари минтақаҳои кишвар фаъолияти иқтисодӣ баробар тақсим карда шавад. Танҳо дар ҳамин сурат барои сокинони тамоми минтақаҳои мамлакат имкониятҳои баробарро одилона фароҳам овардан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки ҳадафҳои асосии рушди минтақавӣ ноил шудан ба чунин ҳадафҳо, аз қабили рушди умумӣ, ҳадди аксар самаранокии минтақавӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ғайраро дар назар доранд.

Ин мақсадҳо дар назари аввал ба мақсадҳои рушди миллӣ мухолиф нестанд. Аммо, ба назар гирифтан лозим аст, ки барои расидан ба ин мақсадҳо сиёсати иҷтимоию иқтисодии ба амаломадаро ҳарчи бештар муфассал ва мушаххас намуда, ба ҳаллу фасли масоили гузошташуда қадам ба қадам наздик шудан лозим аст.

Марҳилаи ҳаллу фасли ҳадафҳои глобалии ба миён гузошташуда дар сатҳи минтақавӣ, пеш аз ҳама, маънои бо ҳадди ақали хизматрасониҳои стандартие, ки дар ҷомеа ва ҷамъият қабул шудааст, фаро гирифтани тамоми аҳолии минтақаро дорад. Ҳамин тавр, мақсадҳои дар боло зикршударо ба ибтидоӣ ва дуюмдараҷа, ба хурду калон, пасту баланд ҷудо намуда, аз рӯйи миқёси қабулшуда ҳал кардан лозим аст. Ҳарчанд дар ҳолати умумӣ, иқтисодиёти минтақавӣ ба бисёр мақсадҳо нигаронида шудааст, аммо ҳамаи онҳоро метавон дар ду амсилаи оддӣ ҷамъбаст кард:  амсилаи самаранокӣ - ба ҳадди аксар расонидани афзоиши иқтисодиёти миллӣ (маънои тақсимоти оптималии захираҳо дар фазоро дорад); амсилаи баробарӣ – коҳиш додани тафовути байниминтақавии нишондодҳои даромад, некӯаҳволӣ ва афзоиш [155].

Иқтибоси боло нишон медиҳад, ки мақсадҳои асосии рушди минтақавиро ба ду амсила - амсилаи самаранокӣ ва амсилаи баробарӣ

ҷамъбаст кардан мумкин аст. Дар доираи амсилаҳои пешниҳодшуда ихтилофи байни ҳадафҳои миллӣ ва минтақавӣ бартараф карда мешавад. Зеро, чуноне ки дар боло кайд карда шуд, ба мақсадҳои умумиҷаҳонии тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ба воситаи нишондиҳандаҳои баланди минтақаҳои алоҳида, бомуваффақият инкишоф ёфта истода, сарфи назар аз ақибмонӣ ва сусттараққикардаи боқимондаҳо ноил шудан мумкин аст. Дар ин ҷо, ҳар ду амсиларо ба кор бурдан лозим аст, яъне аввал тақсимоти хеле самарабахши захираҳоро дар байни минтақаҳо таъмин намуда, баъд фарқи байниминтақавии дараҷаи даромад ва некӯаҳволии умумиро кам кардан лозим аст. Аммо набояд фаромӯш кард, ки татбиқи амсилаҳои дар боло зикршуда дар сатҳ истифодаи ҳадди аксари захираҳои маъмурию идоракунии мақомоти ҳокимияти вилоятӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ ва саъю кӯшишҳои дахлдорро дар сатҳи ҷумҳурӣ тақозо мекунад. Захираҳои маъмурӣ ва фишангҳои идоракунии мақомоти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ танзими фискалӣ, татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ, татбиқи бомуваффақияти барномаҳои стратегии давлатиро дар назар доранд [39].

Мутахассисон воситаҳои сиёсати иқтисодиро дар сатҳи минтақавӣ ба тарзҳои гуногун тасниф мекунанд, вале дар маҷмуъ онҳо ба абзорҳои сиёсати макро ва микроиқтисодӣ тааллуқ доранд.

Ба гурӯҳи якуми воситаҳо, чунин абзорҳои сиёсати макроиқтисодӣ, аз қабили воситаҳои андозию буҷетӣ, пулию қарзӣ, нархӣ, иҷтимоӣ ва дигар воситаҳо дохил мешаванд, ба ибораи дигар, ин маблағҳо барои татбиқи сиёсати марказии давлат дар сатҳи минтақа заруранд.

Дар баробари ин, барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодӣ баъзан имконот вуҷуд дорад, ки вазифаҳои муайяни мақомоти ҳокимияти вилоятӣ ба ихтиёри ҳукумати марказӣ ё баръакс дода шавад. Дар ҳоле, ки ба минтақаҳо гузаштани ҷиҳатҳои алоҳидаи сиёсати иқтисодӣ ба амал меояд, он гоҳ доираи салоҳияти мақомоти ҳокимияти минтақавӣ васеъ мешавад, вай барои пешбурди сиёсати худ бо назардошти хусусиятҳои

иҷтимоию иқтисодии маҳал озодтар мегардад. Масалан, ба минтақаҳои алоҳида ваколати идоракунии фишангҳои андоз ва пардохтҳои гумрукӣ дода мешавад, ки онҳо дар асоси ғояҳои худ дар бораи рушди оянда идора мекунанд.

Ба гурӯҳи дувуми абзорҳо воситаҳои сиёсати микроиқтисодӣ дохил мешаванд, ки асосан ба таъсиррасонӣ ба меҳнат ва сармоя дахл доранд, яъне ин воситаҳо маҳдудияти қатъии имкони назорати давлатӣ ба тақсимоти қувваи корӣ ва ҷойгиронии сармояро доранд. Воситаҳои сиёсати минтақавии микроиқтисодӣ ҳам дар шакли таъсири мустақим ба объектҳои интихобшуда ва ҳам дар асоси самтҳои интихобшудаи фаъолият истифода мешаванд. Масалан, объекти таъсири сиёсати минтақавӣ метавонад сармоя ва меҳнат бошад. Сиёсати минтақавӣ бо истифода аз воситаҳои андоз ва қарз метавонад муваффақияти бозори сармояро хеле беҳтар созад ва ба ин васила ба рақобатпазирии корхона таъсири мусбӣ расонад. Аз тарафи дигар, афзун гардондани муваффақии бозори меҳнат бо роҳи аз нав тайёр кардани қувваи корӣ, таъмини ҳаракати қувваи корӣ, таҳкими ҷанбаҳои инноватсионии тавонмандиҳои кормандон  ва ғайра [12].

Воситаҳои сиёсати макро- ва микроиқтисодии минтақавӣ, мутаносибан бо усулҳои мустақим ва ғайримустақими таъсир аз ҳамдигар фарқ мекунанд, яъне воситаҳои сиёсати макроиқтисодии минтақавӣ усулҳои бевоситаи таъсиррасониро дар бар мегиранд ва воситаҳои сиёсати микроиқтисодӣ бавосита мебошанд. Ин вазъият бо он шарҳ дода мешавад, ки сиёсати минтақавӣ дар макросатҳ маънои назорати бевоситаи давлатро аз болои функсияҳои алоҳидаи ҳокимияти вилоятӣ дорад ва дар микросатҳ, чуноне ки дар боло зикр гардид, аз сабаби маҳдудияти ҷиддии назорати давлатӣ аз болои тақсимоти қувваи корӣ ва ҷойгиронии сармоя имконияти таъсири мустақим вуҷуд надорад.

Натиҷаҳои макро ва микроиқтисодии сиёсати минтақавӣ метавонанд дар шакли таъмин намудани тақсимоти баробари захираҳо дар бозорҳои

байниминтақавӣ ва таъсири мустақим ба пешниҳоди молу хизматрасонӣ дар бозорҳои минтақавӣ зоҳир шаванд. Воситаҳои макроиқтисодӣ барои тағйир додани тақозо истифода мешаванд ва воситаҳои микроиқтисодӣ барои тағйир додани самти сиёсати дохили ширкат истифода мешаванд. Натиҷаҳои сиёсати минтақавиро дар асоси нишондиҳандаҳои параметрҳои алоҳида, муқоисаи оқибатҳои сиёсати пешгирифта бо давраи гузашта, муқоисаи хароҷот ва даромад баҳо додан мумкин аст. Асосан, бояд иҷрои мунтазами нақшаи тартибдодашударо вобаста аз мақсадҳои гузошташуда ба эътибор гирифт. Дараҷаи татбиқи нақша оиди фаъолияти сиёсати минтақавӣ ва баръакс ҳарф мезанад.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои асосии самаранокии равишҳои макро- ва микроиқтисодӣ дар сиёсати минтақавӣ натиҷаҳои бадастомада мебошанд. Бояд гуфт, ки интихоби ин воситаҳо ва самтҳои амали сиёсати минтақавӣ аз шароити иҷтимоию иқтисодии кишваре, ки дар он ҷо чунин сиёсат пеш гирифта мешавад, вобастагии зиёд дорад. Асосан ба дуруст тақсим кардани қувваи корӣ ва ҷойгиронии сармоя дар сатҳи минтақаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудан лозим аст.

Аз нигоҳи тарафдорони мактаби институтсионалӣ идоракунии сармояи инсонӣ як сохтори муташаккие мебошад. Дар ин ҷо, низоми идоракунӣ ба маънои васеъ - маҷмуи ботартиби маҷмуиҳои зерин фаҳмида мешавад: - мақомоти идоракунӣ; - робитаҳои байни мақомотҳои минтақавӣ; - робитаи байни мақомотҳои минтақавӣ ва объектҳои идоракунӣ; - робитаи байни мақомотҳои идоракунии минтақаи мазкур ва мақомотҳои идоракунии дигар минтақаҳо; - робитаи байни мақомотҳои идоракунии минтақаи мазкур ва мақомотҳои давлатии идоракунӣ. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки дониш ва малакаи касбӣ, тахассуси кормандон омили низомгузори ташаккули ҷузъи сифатии сармояи инсонии минтақавӣ буда, маҳз низоми таҳсилоти касбӣ ва таълими бояд дар ҷанбаи институтсионалии ташаккули

сифатҳои инноватсионии сармояи инсонӣ дар минтақа ба асли механизм табдил ёбад [7].

Аксарияти мутлақи муҳаққиқон нақши асосиро дар ташаккули сармояи инсонӣ ба соҳаи маориф медиҳанд. Дар доираи он малакаи касбӣ, дониш, салоҳиятҳои шахсон ва ҳавасмандӣ ба меҳнати пурсамар ташаккул меёбанд, ки арзиши иқтисодии шахсию иҷтимоӣ доранд. Дар соҳаи маориф барои татбиқи онҳо дар самти баланд бардоштани некӯаҳволии субъектҳои хоҷагидори алоҳида ва дар маҷмуъ сарвати миллии кишвар, шартҳои зарурии талаботи касбӣ ба шаҳрвандон ва некӯаҳволии иҷтимоию иқтисодӣ имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд. Нишондиҳандаҳое, ки ба модули таълимӣ дохил карда шудаанд, мавҷудияти захираҳои инсонӣ ва сармояи инсонии низоми маориф (шумораи хонандагон ва омӯзгорон дар ҳама шаклҳо ва зинаҳои таҳсилоти касбӣ), самарабахшии он (хатми мутахассисон), ҳолати маблағҳо (фарсудашавӣ ва кандашавӣ, навсозӣ, сармоягузорӣ) ва сатҳи маблағгузорӣ (хароҷоти буҷет барои маориф) [10].

Муҳимтарин омили ташаккули сармояи инсонӣ рушди соҳаи тандурустӣ мебошад. Хароҷоти тиббӣ вақти гардиши меҳнатро дар истеҳсолот дароз мекунад. Тандурустӣ заминаи физиологии ташаккули сармояи инсониро таъмин менамояд; дар робитаи мутақобила бо фазои таълим дар шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ, ки сатҳи зиндагии аҳолии минтақаро муайян мекунанд, идома дорад. Аз ин рӯ, гурӯҳҳои муассисаҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки барои идоракунии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ масъуланд: - мақомоти тандурустӣ; - мақомоти маориф; - мақомоти назорати меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; - мақомоте, ки ҳифзи экологии аҳолиро таъмин менамоянд; - мақомот (мақомотҳое), ки ҳамкории мутақобилаи гурӯҳҳои дар боло зикргардидаро ҳамоҳанг мекунанд.

Самти муҳимми сиёсати минтақавии ташаккули сармояи инсонӣ низ танзими оптималии равандҳои муҳоҷират мебошад. Ҳаракати сармояи

инсонӣ дар баробари соҳаи маориф ва тандурустӣ яке аз муҳимтарин объектҳои сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ мебошад [163].

Яке аз падидаҳое, ки дар даҳсолаҳои охир ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, падидаи муҳоҷирати байналмилалии сармояи инсонӣ ё фирори мағзҳост. Дар ибтидо танҳо таъсири манфии фирори мағзҳо ба кишварҳои пайдоиш баррасӣ мешуд, аммо пас аз чанд даҳсола равиши наве пайдо шуд, ки таъсири мусбати фирори мағзҳо ба кишварҳои аслиро таъкид мекард. Таъсири фирори мағзҳо ба ҷамъшавии сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар байни солҳои 1975 ва 2000 нишон медиҳанд, ки дурнамои муҳоҷират ба ҷамъоварии сармояи инсонӣ таъсири мусбӣ ва назаррас дорад ва аз ин рӯ механизми ҳавасмандгардонии онро ташвиқ мекунад. Метавон гуфт, ки аз ҷиҳати оморӣ таъсири умумии дурнамои муҳоҷират (таъсири мусбии ҳавасмандгардонӣ) ва худи муҳоҷират (таъсири манфӣ) ба ҷамъшавии сармояи инсонии кишвари аслӣ ҳамдигарро безарар мегардонад. Аммо муҳоҷирати фирори мағзҳо ба рушди иќтисодии кишвари аслӣ таъсири манфӣ дорад [78].

Д.В. Юрков ва Н.М. Габдуллин қайд мекунанд, ки «Муҳоҷират ба рушди устувори ҳудуди таъинот ва рафтани муҳоҷирон таъсири калон мерасонад. Муносибати ҷомеа ба муҳоҷират давра ба давра аз мусбат ба манфӣ ва баръакс тағйир меёбад. Дар марҳилаи ҳознра нисбат ба ин ҳодисаи иҷтимоию иқтисодӣ дигаргуншавии равшан мушоҳида мешавад. Мисли ҳама гуна падидаҳои дигари иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муҳоҷират ҳам оқибатҳои мусбат ва манфӣ ба бор меорад. Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои муҳоҷират бояд ба муайян ва эҷоди механизмҳои амалӣ намудани таъсири мусбӣ ҳангоми коҳиш додани хатару таҳдидҳо аз муҳоҷират равона карда шавад [196, С.30].

Дар даҳсолаҳои охир муҳоҷират ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтааст ва чизи хеле муҳим ин суръати муҳоҷирати одамони соҳибихтисос ва тахассусист, ки фирори мағзҳо номида мешавад. Фирори мағзҳо ҳам аз нигоҳи миқдорӣ ва ҳам аз нигоҳи сифатӣ нисбат ба муҳоҷирати замони

гузашта фарқ мекунад, зеро дар гузашта муҳоҷирати олимон кам ба назар мерасид. Инро метавон як падидаи маъмуль номид, зеро муҳоҷирати байналмилалӣ дар даҳсолаҳои охир падидаи пайваста ва афзоишёбанда буд.

Фирори мағзҳо ба рушди иқтисодӣ, таҳсилот, тақсимоти даромад, некӯаҳволӣ ва дигар омилҳои муҳими иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад, зеро фирори мағзҳо ба маънои яке аз омилҳои маҳдудкунандаҳои истеҳсолот баромад мекунад.  Дар ибтидо танҳо таъсири манфии ин падида ба кишварҳои пайдоиш баррасӣ мешуд, вале пас аз чанд даҳсола равиши нав ба фирори мағзҳо ташаккул ёфт. Ин равиш таъсири мусбати фирори мағзҳо ба кишварҳои муҳоҷирқабулкунандаро таъкид кард. Аммо бештари пажӯҳишҳое, ки дар бораи оқибатҳои муҳоҷирати афроди тахассусӣ ба кишварҳои пайдоиш анҷом дода шудаанд, дар шакли таҳқиқоти назариявӣ ва аз сабаби набудани омор ва раќамҳо то солҳои охир дар ин масъала таҳќиќоти таҷрибавӣ зиёд гузаронида нашудааст [127, С.72].

Азбаски кишвари мо яке аз кишварҳои муҳоҷират аст, ќисми зиёди муҳоҷирони он одамони соҳибмаълумот ва соҳибтахассусанд. Ин яке аз тамолҳои манфӣ мебошад, ки баъди солҳои 1990 дар Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳануз дар кишвари мо масоили марбут ба муҳоҷират ва фирори мағзҳо бо таваҷҷӯҳ ба адабиёти нав оид ба фирори мағзҳо дар бо назардошти  натиҷаҳои таҳќиќи таҷрибавии таъсири фирори мағзҳо ба ҷамъшавии сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодии кишвар, муфассал шарҳ дода нашудааст.

Истилоҳи «фирори мағзҳо» бори нахуст барои тавсифи муҳоҷирати олимон ва муҳандисони британиёӣ ба Иёлоти Муттаҳида истифода шудааст ва аз он вақт инҷониб барои муҳоҷирати одамони боистеъдод ва тахассусӣ аз як кишвар ба кишвари дигар истифода. Дар соли 2008, дар баъзе луғатҳои иқтисодӣ таъсири мусбати гардиши мағзҳо низ қайд карда шуда буд: «Мафҳуми «гардиши мағзҳо» интиқоли байналмилалии захираҳои инсонӣ ва асосан муҳоҷирати олимонро аз кишварҳои гуногун ифода мекунад. Дар ҳоле

ки фирори мағзҳо ҳамчун омили дарозмуддат барои рушди кишварҳои фақир истифода мешавад, таҳқиқоти иқтисодӣ ба як қатор таъсири мусбӣ, ки тавассути иштироки муҳоҷирони тахассусӣ дар шабакаҳои тиҷоратӣ ба вуҷуд омадааст, таъкид мекунанд. Муҳоҷират ба сармояи инсонӣ дар кишвари пайдоиш таъсири мусбӣ мерасонад» [181, С.319].

Ба ҳар ҳол, таърифҳои фирори мағзҳо низ норавшан буда, ислоҳоти табодули мағзҳо, талафи мағзҳо ва гардиши мағзҳо ба ин мавзӯъ марбутанд. Яке аз далелҳои ҷолиб дар бораи муҳоҷирати байналмилалӣ ин аст, ки дар даҳсолаҳои охир ҳиссаи одамони соҳибихтисос аз ҳаҷми умумии муҳоҷирати байналмилалӣ, аз шумораи муҳоҷирони мутахассис, ки дар кишварҳои ОЭСР зиндагӣ мекунанд, афзоиш ёфтааст (63,7%). Дар ҳамин давра шумораи муҳоҷирони пастихтисос ҳамагӣ 19,9% афзудааст.

Умуман, омилҳоеро, ки ба фирори мағзҳо таъсир мерасонанд, метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: омилҳои тақозо (талабот ба қувваи корӣ дар кишварҳои муҳоҷир) ва омили пешниҳод (фирори мағзҳо аз кишварҳои муҳоҷир).

Яке аз назарияҳо дар бораи фирори мағзҳо назарияи фишори ҷозиба мебошад. Дар ин назария муҳоҷират аз омилҳои марбут ба кишвари пайдоиш, омилҳои марбут ба кишвари таъинот ва омилҳои инфиродӣ вобаста аст. Шароитҳои хубе, ки дар як маҳал вуҷуд дорад (даромади кам, мушкилоти иҷтимоии сиёсӣ, аз қабили ҷангҳои шаҳрвандӣ ва минтақавӣ, инқилобҳо, мушкилоти саломатӣ ва ғайра) ва омилҳои ҷолиб дар минтақаҳои дигар (даромади калон, мавҷудияти имкониятҳои хуби саломатӣ ва таҳсилот, озодии сиёсӣ ва ғайра) ба одамон аз як су фишор ва аз суи дигар ҷазб мекунад, то онҳо муҳоҷират кунанд [161].

Назарияи неоклассикӣ инчунин падидаи муҳоҷиратро дар чаҳорчӯбаи таъминот ва пешниҳоди нерӯи инсонӣ баррасӣ мекунад. Дар талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ, бозори меҳнат дар ҳолати номутаносиб қарор дорад ва муҳоҷират як падидаи

танзимкунандаи ин бозор аст, дар ҳоле ки дар кишварҳои сусттараққикарда таъминоти қувваи корӣ баландтар аст ва сатҳи музди меҳнат пасттар аст, ки ин фарқияти маош боиси он мегардад, ки одамон аз минтақае, ки маошашон паст аст, муҳоҷират намоянд.

Дар назарияи неоклассикӣ, муҳоҷирати байналмилалӣ самаранокии иқтисодиро тавассути интиқоли кор аз минтақаҳои каммаҳсул ба минтақаҳои сермаҳсул тавассути муҳоҷирати қувваи корӣ аз иқтисодҳои дорои қувваи кории изофа ба минтақаҳое, ки қувваи корӣ намерасад, афзоиш медиҳад. Дар натиҷаи ин интиқол, муҳоҷирон дар кишвари таъиншуда аз ҳуқуқҳои бештар истифода мебаранд ва аъзоёни оила дар кишвари асл дар ин имтиёз ҳиссаи худро доранд.

Дар баҳси фирори мағзҳо равиши тарафдорони назарияи ҷаҳонишавиро низ бояд зикр кард. Ба ақидаи ин гуруҳ, фирори мағзҳо танҳо як инъикоси бозори байналмилалии истеҳсоли сармояи инсонӣ, "қувваи махсуси инсонӣ" ва сармояи ҷисмонӣ аз минтақаҳое мебошад, ки даромади камтар доранд, ба минтақаҳое, ки даромади бештар доранд, мебошад.  Ин гуруҳ чунин чунин мешуморад, ки интиқоли қувваи кории мутахассис манфиатҳои дуҷониба дорад ва ба онбояд дахолат накард. Дар ин равиш, муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ низ фоидаовар аст, зеро он барои муҳоҷирон ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва он ба афзоиши истеҳсоли ҷаҳонӣ оварда мерасонад, ба ғайр аз манфиатҳои кишварҳои таъиншуда, муҳоҷират ба таври ғайримустақим ба кишварҳои аслӣ ҳам манфиат меоварад. Маҷмӯи манфиатҳое, ки ба муҳоҷир ва кишвари таъиншуда мерасад, аз зиёне, ки ба кишвари аслӣ мерасад, бештар аст, пас муҳоҷират фоидаовар аст ва боиси афзудани фоидаи умумичаҳонӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ - категорияи хеле мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки барои рушди устувори иқтисоди миллӣ муҳим аст. Дараҷаи самаранокии равандҳои истеҳсолӣ аз сифати сармояи инсонӣ вобаста аст. Дар баробари ин, сармояи инсонии баландсифат сармоягузории доимиро ба

унсурҳои таркибии он, ба мисли маориф, тандурустӣ ва зудҳаракатӣ талаб мекунад. Асосҳои консептуалии ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ ба фароҳам овардани муҳити муассири институтсионалӣ барои ҳамкории оптималии байни низомҳои маориф, тандурустӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират, ки бо назардошти сифат ва нишондиҳандаҳои миқдори иқтидори инсонӣ ҷиҳати оқилона истифода бурдани иқтидори табиии минтақаҳо мусоидат мекунад.

## 1.2. Принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ

Дар иқтисодиёти фаросаноатӣ идоракунии захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи таъмини рақобатпазирӣ маҳсуб мешавад. Дар масири пешрафти инсоният ноил шудан ба даромаднокӣ, боигарӣ, маҳсулнокӣ, самаранокӣ ва самарабахшӣ ҳамеша мушкил буд. Соҳибони қудрат, ҷонибҳои манфиатдор ва менеҷерони баландпоя барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва даромаднокӣ аз меҳнат ва захираҳои инсонӣ баҳра мебаранд. Аз ин рӯ, рафтори иқтисодии онҳо бо таваҷҷӯҳ ба баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва захираҳои инсонӣ ҳамчун омили истеҳсолот ба ин муносибат нигаронида шудааст.

Ба вуҷуд омадани назарияҳои нави захираҳои инсонӣ боиси тағйироти назаррас ба усулҳои идоракунии он гардид. Солҳои охир мафҳуми сармояи инсонӣ бо маънои ифодаи сифатии захираҳои инсонӣ ба миён омадааст. Истифодаи самараноки ин равиш бо назардошти рушди параметрҳое, чун дониш, таҷриба, маҳорат, саломатӣ ва дигар арзишҳои ахлоқӣ, боиси эҷоди сарват ва арзиши изофӣ мешаванд.

Дар соли 1954 Люис консепсияи тараққиёти иқтисодиро дар баробари зичии номаҳдуди меҳнат ба адабиёти иктисодӣ дохил кард. Аммо истилоҳи сармояи инсонӣ аз сабаби ҷанбаҳои манфии он (ки ҳамчун омили истеҳсолӣ ба мисли мошинҳо ва асбобҳои истеҳсолӣ истифода мешуд) то замони Сесил

Пинго (1956), ки онро бори нахуст пешниҳод кардааст, зиёд омӯхта нашудааст. Баъдан, истилоҳи сармояи инсонӣ дар пажӯҳишҳои нави неоклассикҳо дар таҳқиқоти Ҷ.Минсер мушоҳида шудааст. Дар мақолае дар Маҷаллаи Иқтисоди сиёсӣ дар соли 1958, ӯ сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва тақсимоти даромади шахсиро баррасӣ кард. Баъд аз ӯ Т. Шултс дар рушди ин масъала саҳми калон гузошт. Бо вуҷуди ин, сармояи инсонӣ, чун як унсури алоҳидаи назарияи иқтисодӣ, аз тарафи Гари Беккер дар соли 1963 бо нашри китоб ворид кард.

Шояд таҳқиқот, арзёбӣ ва назорати захираҳои инсонӣ дар муқоиса бо дигар захираҳои созмон мушкилтар бошад, зеро камёфттарин ва мураккабтарин захираҳои иқтисодии имрӯзаи ба дониш асосёфта ҳамон захираҳои инсонӣ мебошанд. Аксари менеҷерҳо стратегияҳои худро ба омилҳои моддӣ ва намоёни созмон, аз қабили технология ва истифодаи захираҳои моддӣ ва молиявӣ равона мекунанд, ки ин ба хусусиятҳои кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ ва пайдоиши падидаҳо, аз қабили ҷаҳонишавӣ ва афзоиши нақши технология ва истифодаи технологияҳои нав оварда мерасонад. Аз ин рӯ, созмонҳо ба омилҳои дигар, ба монанди сармояи инсонӣ ва зеҳнӣ тамаркуз мекунанд, то бартарии рақобатпазириро ба даст оранд. Аҳамияти ин масъаларо аз он дидан мумкин аст, ки дар соли 1990 Маккензи бо нашри китоби “Ҷанг барои истеъдодҳо” изҳор медорад, ки менеҷерони болоии созмонҳо барои таъмини рақобатпазирии ширкатҳои худ истеъдодҳоро нигоҳ медоранд. Тибқи гуфтаҳо ӯ, сармояи инсонӣ барои созмонҳо аз ҳама гуна захираҳои моддӣ муҳимтар шудааст [49].

Таърифи сармояи инсонӣ аз нигоҳи коршиносон ва назарияшиносони мухталиф воҳиди омехтаи дониш, маҳорат, таҷриба ва ҳавасмандии шахсест, ки дар маҷмӯъ, он ӯро ҳамчун дороии арзишманд ва асосӣ дар сохтори ҷомеа ва иқтисоди ҷаҳонӣ муайян мекунад [205]. Ба ибораи дигар, сармояи инсонӣ захираҳои ғайримоддии дастаҷамъӣ мебошад, ки шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ доранд. Ин захираҳо тамоми донишҳо, истеъдодҳо,

малакаҳо, қобилиятҳо, таҷрибаҳо, зеҳн, маълумот, боварь ба худ ва ҳикматро дар бар мегиранд, ки онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ истифода мебаранд. Ин консепсия, ки солҳои 60-уми асри 20 пайдо шуда ҳамчун як масъалаи иқтисодӣ эътироф шуда буд, ҳоло он хамчун унсури асосии омузиши тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Сармояи инсонӣ барои истеҳсоли сарватҳои моддӣ барои иқтисодиёт ё корхонаи хусусӣ истифода мешавад. Дар ташкилоти ҷамъиятӣ сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи таъмини некӯаҳволии ҷамъиятӣ баромад мекунад. Тарзи инкишоф ва идоракунии сармояи инсонӣ метавонад яке аз омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи фаъолияти иқтисодӣ ва ташкилӣ бошад. Як корхона дороиҳои зиёд дорад. Аммо баъзеҳо нисбат ба дигарон чен кардан осонтаранд. Ба назар гирифтани арзишҳои ғайримоддӣ, ба монанди роҳбарӣ, таҳсилот, эҷодкорӣ ва таҷрибаи кории гузашта душвор аст. Аммо маълум аст, ки инҳо барои ҳар як ширкат арзиш доранд. Ин дороиҳо ба кормандон имкон медиҳанд, ки кор кунанд ва рушд кунанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ сармояи инсонӣ яке аз ҷузъҳои асосии сармоягузорӣ ба рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин нуқтаи назари иқтисодӣ одамонро ҳамчун сармоягузорони иҷтимоӣ мешуморад, ки бо гирифтани таълим, ба даст овардани малака ва таҷрибаи корӣ онҳо дорандаи дониш ва қобилиятҳое мешаванд, ки метавонанд арзиши иловашуда, ташаббус ва навоварӣ эҷод кунанд [15]. Аз ин нуқтаи назар, сармояи инсонӣ дар сохтори иқтисодӣ ҳамчун манбаи ҳаётан муҳим барои тавлид ва эҷоди арзиш дар низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин ҷузъҳои он донишҳои инфиродӣ мебошанд, ки натиҷаи раванди таълим, малакаҳои касбии дар давоми таҷриба ҳосилшуда, таҷрибаи корӣ, ки қобилияти иҷрои вазифаҳои гуногун ва ҳавасмандӣ ва қаноатмандии корро нишон медиҳад ва одамонро ба пешрафт ва рушд ҳавасманд мекунад.

Тибқи ин таъриф, сармояи инсонӣ на танҳо бо сатҳи фардии одамон маҳдуд мешавад, баръакс, он дар созмонҳо, иқтисодҳо ва ҷомеаҳо таҳкурсии

мустаҳкаме аст. Дар ҷаҳони имрӯза, ки иттилоот босуръат густариш меёбад ва дониш яке аз рукнҳои асосии рушд эътироф шудааст, нақши сармояи инсонӣ ҳамчун омили ҳаётан муҳим дар муайянкунандаи самти пешравии ҷомеаҳо ба маънои воқеӣ махсус мегардад. Аз ин рӯ, таҳқиқи усулҳо, принсипҳо ва тарзи идораи ин сармояи беохир дар созмонҳо ва ҷомеаҳои муосир як зарурати асосӣ мебошад.

Ф. Фукуяма ба ин назар аст, ки «... сармоя на танҳо замин, заводҳо, абзору дастгоҳҳо, балки дониш ва одамони тахассусманд низ мебошанд, ки аҳаммиятнокии ин омилҳо доимо меафзояд» [167, С.129]. САРМОЯГУЗОРИҲО ба сармояи инсонӣ омили асосии татбиқи стратегияи инкишофи як субъекти иқтисодӣ чӣ дар макро ва чӣ дар микросатҳ ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти сохтории иқтисодиёт бинобар зарурати вокуниш ба тағйироти муҳити беруна боиси тағйироти ҷиддии бозори меҳнат ва хароҷоти зиёди иҷтимоӣ мегардад. Дар чунин вазъият стратегияи иҷтимоии давлат ба рафъи оқибатҳои манфии вазъияти душвори иқтисодӣ нигаронида шудааст. Аммо ба даст овардани самараи ҳадди аксар танҳо дар сурате имконпазир аст, ки амалиёти корхонаҳои мушаххас бо вектори умумимиллӣ мувофиқ карда шавад. Бидуни таносуби салоҳиятноки микро ва макросатҳҳо рушди динамикии прогрессивии иҷтимоию иқтисодиро таъмин кардан ғайриимкон аст. Механизми самараноки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ зарурати ҳамоҳангсозии дақиқи амалҳои ҷонибҳои манфиатдор - давлат ва худи ширкатҳоро дар назар дорад. Фаъолияти сармоягузории корхонаҳо бояд идомаи табиии сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ бошад, ки ба татбиқи кӯшишҳои давлат ҷиҳати паҳн намудани сатҳи баланди зиндагӣ мусоидат намояд. Иқтисоди ба иҷтимоӣ нигаронидашуда ҳамеша ба таъмини мувозинати байни самаранокии бозор ва адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст ва сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ метавонад ба таври муассир баъзе оқибатҳои манфии муносибатҳои бозорро ҷуброн кунад, ки боиси «тафовут»-и ҷиддии иҷтимоӣ мегардад [11].

Равшан аст, ки сармояи сохтории ташкилот, аз ҷумла сифат ва мавҷудияти технологияҳои иттилоотӣ, консепсияи ташкилӣ, пояҳои гуногуни маълумот ва ғайра бевосита ба он вобаста аст, ки сармояи инфиродӣ то чӣ андоза самаранок ташаккул меёбад, ҷамъ карда мешавад ва истифода мешавад. Аммо, амалия нишон медиҳад, ки на ҳама роҳбарон фаҳмиш нишон медиҳанд - инҳо вобастагии байниҳамдигарӣ мебошанд. Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ доираи хеле васеи соҳаҳои имконпазирро дар бар мегирад, ки асосии онҳо, чун қоида, таълими кормандон мебошад. Дар шароити бозори меҳнати босуръат рушдёбанда, ки аз сиёсати воридотивазкунӣ, ҷорӣ намудани такмили техникӣ ва рақобати рӯзафзун бармеангезад, зарурати пайваста исбот кардани мувофиқати касбии худ ба миён меояд. Дар ин замина, бисёре аз ширкатҳо таҳсилотро тақрибан шакли ҷамъи сармояи инсонӣ медонанд, ки тамоми сармоягузориҳо ба сармояи инсониро ба хароҷот барои таҳсил кам мекунанд. Таъсири сармоягузорӣ танҳо тавассути сатҳи бадастомада баҳо дода мешавад, зеро чунин мешуморанд, ки танхо афзоиши маълумот боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва, аз ин рӯ, музди меҳнат мегардад.

Вазифаи муҳимтарини эҷоди механизми самараноки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳамоҳангсозии кӯшишҳои низоми давлатии маориф ва низоми таълими корпоративӣ мебошад. Муносибати анъанавӣ ба таълими умумӣ ва истеҳсолӣ, ки дар доираи муассисаҳои таълимии расмӣ сурат мегирад, ба талаботи шароити муосир пурра ҷавобгӯ нест. Бисёр ҷойҳои корӣ чунон зуд тағйир меёбанд, ки онҳо то охири барномаи таълимӣ кӯҳна шудаанд. Аз ин рӯ, ташкили дохилифирмавии омӯзиши корпоративӣ бояд барномаҳои асосии таълимиро бо таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти воқеии ташкилот пурра кунад. Бешубҳа, таълим ҳам барои ашхос ва ҳам барои корхона ва умуман иқтисодиёт аҳаммияти калон дорад. Аммо ба маориф мақоми ягона ҷузъи сармояи инсонӣ додан ё ба он нисбат ба қисматҳои дигар нақши пешбаранда додан нодуруст мебуд. Сармоягузории мутавозин ба сармояи

инсонӣ илова бар сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, хароҷоти тандурустӣ, аз ҷумла хароҷот барои пешгирии бемориҳо, нигоҳубини тиббӣ ва ғизо ва хароҷоти ҳаракатро дар бар мегирад, ки кормандон метавонанд ба ҷойҳои нави корӣ кӯчонида шаванд.

Дар давраи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ мо марҳилаҳоро ҷудо мекунем: истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот. Дар ҳар як марҳилаи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ «сарҳадҳо», хусусиятҳои зуҳур ва таъсири мутақобила, самти фаъолият, меъёрҳо, усулҳои баҳодиҳӣ ва андозагирӣ дорад. Рушди марҳилаҳо аз рӯйи принсипи мустақим ва бозгашти байни онҳо сурат мегирад. Алоқаи ҷараёни такрористедсолӣ тавре амал мекунад, ки ҳар як марҳила (бо назардошти талабот ва шароити нав) марҳилаҳои «худи»-и инкишоф ва худинкишофиро аз сар мегузаронад ва тавассути механизмҳои бозгашт бо дигар фазаҳо ҳамкорӣ карда, бо онҳо алоқаманд аст.

Сармояи инсонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар таҳқиқоти худ бисёрҷанба мебошад.

Аммо набудани муносибати инфиродӣ ба ташаккули «нарх»-и дониш, малака ва маҳорати ҳар як корманд, ки дар раванди меҳнат истифода мешавад ва механизми иштироки одилонаи барандаи сармояи инсонӣ дар раванди тақсимот. даромади гирифташуда камбудии назарраси ин нуқтаи назар - ташаккули арзиши беэътимоди баҳодиҳии сармояи инсониро пешакӣ муайян мекунад.

Дар даҳсолаҳои охир муаммои рушди иқтисодӣ, яъне чаро истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ дар баъзе кишварҳо нисбат ба дигар кишварҳо хеле зиёд аст зеҳни иқтисоддонҳои намоён ба монанди Лукасро даргир намудааст. ба андешаи Лукас назарияҳои неоклассикии рушди иқтисодӣ фарқияти нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишварҳоро ба таври қаноатбахш шарҳ дода натавонист. Равиши институтсионалӣ афзоиши даромади саронаи аҳолӣ дар байни кишварҳоро бо ёрии институтҳо тавассути тамаркуз ба таъсири

мутакобилаи сармояи инсонӣ ва институтҳо ба раванди рушди иқтисодӣ маънидод мекунад. Яке аз сабабҳои таваҷҷуҳи хоса ба сармояи инсонӣ дар муқоиса бо дигар омилҳои истеҳсолот дар он аст, ки таҳқиқоти мавҷуда дар бораи таъсири сармояи инсонӣ ба даромади сари аҳолӣ дар кишварҳо натиҷаҳои ба назар мухолифро нишон медиҳанд [203, С.22].

Кӯшишҳои зиёде барои тавзеҳ додани ин натиҷаҳои ба назар зиддиятнок анҷом дода шуданд. Дар умум, се сабаби асосиро барои шарҳ додани робитаи номуайяни байни сармояи инсонӣ ва афзоиши даромад ба ҳар сари аҳолӣ пешниҳод мекунанд:

1) Сармояи инсонӣ дуруст чен карда намешавад.

2) Сармояи инсонӣ аз сабаби норасоии муҳити институтсионалӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ истифода нашудааст.

3) Талабот ба қувваи корӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бо суръати мутаносиб ба рушди пешниҳод афзоиш наёфтааст.

Бояд гуфт, ки агар мо муҳити институтсионалиро дар доираи матритсаи институтсионалӣ баррасӣ кунем, пас хусусияти асосии онҳоро ҷудо кардан лозим аст. Қоидаҳое, ки муҳити институтсионалиро ташкил медиҳанд, хусусиятҳои низоми мушаххасро дар маҷмуъ муайян мекунанд.

Ба ақидаи Д.Норт ва Л.Дэвис, муҳити институтсионалӣ маҷмуи қоидаҳои бунёдии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки асоси истеҳсол, мубодила ва тақсимро ташкил медиҳанд. Ин чаҳорчӯбаи бастани созишномаҳои институтсионалӣ мебошад. Мутобиқан, муҳити институтсионалӣ коҳиши сатҳи номуайяниро дар ҳамкории ҳамарӯзаи агентҳои иқтисодӣ таъмин мекунад [201, С.5].

Муассисаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши шахсро дар ҷомеа (коргари кироя, соҳибмулк, мансабдор, сиёсатмадор) муайян намуда, амали ӯро ба чаҳорчӯбаи қобили қабули ҷомеа ворид мекунанд ва ба андозаи муайян ба интихоби қарорҳо таъсир мерасонанд. Аммо - ва ин яке аз шартҳои пешравӣ аст - одам бо назардошти ангезаҳои дохилӣ, фардӣ қарор қабул

мекунад, ки сарчашмаи он хислатҳои шахсияти ӯ мебошад. Ҳамин тариқ, фарқияти хеле назаррас муайян карда мешавад, яъне, институтҳо дар шакли маҷмуи қоидаҳо ва меъёрҳо рафтори инсонро муайян намекунанд, балки танҳо маҷмуи алтернативаҳоеро маҳдуд мекунанд, ки шахс аз онҳо мувофиқи вазифаи критериаш интихоб карда метавонад.

В.А.Шевченко дар асоси консепсияи Уилямс тафсири васеи сохтори муҳити институтсионалиро пешниҳод намуда, механизми тағйироти институтсионалиро баррасӣ мекунад (ниг. ба ҷадвали 1.2.1.).

Иқтисодиёти бозории муосирро бе механизми самарабахши ҳамкории он бо давлат, мақомоти қонунгузор ва иҷроияи он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зиёда аз ин, чунин механизм яке аз хислатҳои муҳимми ҷамъияти ба дараҷаи баланд тараққикардаи демократӣ гардидааст. Ин ҳамкорӣ дар шаклу самтҳои гуногун татбиқи амалии худро меёбад: дар барпо намудани худи инфрасохтори низоми хоҷагӣ; дар таъмини шароити мусоид барои рушди инсон; амал кардан ва ба амал баровардани сиёсати иқтисодии саноатӣ ва берунӣ; ҷойгиронии фармоишоти давлатӣ ва танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ [164].

**Ҷадвали 1.2.1.**

**Сохтори муҳити институтсионалӣ**

| Институтҳо | Зернизоми меъёрии А | Зернизоми ташкилию техникии В |
|---|---|---|
| Расмӣ 1 | А1 (ҳуқуқӣ, асноди маъмурӣ, қонунҳо, конститутсияҳо, муддаои судӣ) | В1 (фирмаҳо, муассисаҳо, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, бозорҳо) |
| Ғайрирасмӣ 2 | А2 (анъанаҳо, расму русум, ахлоқи корӣ, ҳувият, муносибатҳои оилавӣ) | В2 (оила, иқтисодиёти пинҳонӣ) |

Гузашта аз ин, давлат таъсис ва барҳам додани муассисаҳоро дар ихтиёр дорад, давлат қонунҳо қабул мекунад, «қоидаҳои бозӣ»-ро муайян мекунад, тамоми низомро назорат мекунад.

Дар тадқиқотҳои марбут ба таъсири сармояи инсонӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, он асосан ба сармоягузорӣ ба таҳсилоти расмӣ таъкид шудааст, сарфи назар аз нақши ҳалкунандаи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар ҷамъоварии сармояи инсонӣ, ки аз ҷониби волидон, одамони гирду атроф ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз таваллуд то охири умр таъмин карда мешвад, ба таъсири таҳсилоти расмӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ таваҷҷӯҳ бештар аст. Аксари иқтисоддонҳо ба таҳсилоти расмӣ, аз як тараф, ба таҳлили микроиқтисод дар робита ба сатҳи даромади сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва нақши он дар шарҳи тафовути музди меҳнати коргарони дорои сатҳҳои таҳсилоти гуногун ва аз тарафи дигар, бештар аҳамият медиҳанд. Ҳарчанд истифодаи чунин нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ барои таҳлили сатҳи микро муфид буд, аммо истифодаи онҳо дар сатҳи макро мушкилоти муайяне ба бор овард.

Дар бисёре аз таҳқиқотҳо, таҳлили мушкилоти номувофиқии маълумот дар сатҳи микро ва макро, таъкид шудааст, бинобар ин, дар баробари ин, фарқияти нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ ва тафовут дар муҳити институтсионалӣ, ки дар он сармояи инсонӣ ташаккул меёбад, ҷолиб аст. Масалан, дар бахши маорифи расмӣ танҳо ба солҳои миёнаи таҳсил ё сатҳи фарогир дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ҳамчун нишондиҳандаи сармояи инсонӣ аҳамият дода, ҳадафҳо, усулҳо, мӯҳтаво ва сифати системаи таълимро дар ин робита сарфи назар мекунанд. Он метавонад ба дуруст шарҳ додани сифат ва миқдори таъсири сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодӣ монеъ шавад ва ба пешниҳоди тавсияҳои нодурусти сиёсат давлат дар соҳаи илму маориф оварда расонад.

Дар назарияи институтсионалӣ ба аҳамияти сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодӣ ба таври зерин муносибат карда мешавад.

1. Сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодӣ таъсири мустақим ва назаррас дорад. Одамони дорои дониш, малака ва таҷриба метавонанд дар эҷоди

арзиши иловашуда ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим бозанд. Вобаста ба ин дониш ва маҳорат ниҳоди мустақили рушди иқтисодӣ шинохта мешавад.

2. Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат аз таъсири синергетикии сармояи инсонӣ вобаста аст. Ин консепсия ҳамчун манбаи афзоиши ҳосилнокӣ дар отакмили фаъолиятҳо ва равандҳои истеҳсолӣ нақши хеле муҳим дорад. Идоракунии оқилонаи сармояи инсонӣ ба беҳтар шудани фаъолият ва маҳсулнокии созмонҳо оварда мерасонад, ки асосан дар муҳити мусоиди ниҳодӣ сурат мегирад.

3.Рушди инноватсия ва технология низ аз сармояи инсонӣ вобаста аст. Одамони боистеъдод ва коршинос омили асосии рушди инноватсия ва технология мебошанд. Ба вучуд овардани шароите, ки одамон ба масъалаҳо муносибати эҷодкорона дошта бошанд, ба инкишофи соҳаҳои технологӣ ва илмӣ ёрӣ мерасонад. Вобаста ба ин омили асосии пешрафти инноватсионӣ ташаккули муҳити ниҳоди инноватсионӣ дониста мешавад. Ташкилотҳое, ки дорои сармояи инсонии қавӣ ҳастанд, ҳамчун созмонҳои боэътимод ва ҷолиб маълуманд. Ин созмонҳо қобилияти ҷалб ва нигоҳ доштани неруи инноватсиониро доранд ва ҳамчун муҳити ниҳодии рушди фановраиҳои нав эътироф мешаванд. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба таълим ва рушди илм, эҷоди фарҳанги созмонӣ дар асоси арзишҳо ва системаҳои идоракунии сармояи инсонӣ ҳаётан муҳим ба назар мерасад.

Дар адабиёти илмӣ мавқеи калидии ташаккули муҳити ниҳодии инкишофи сармояи инсонӣ махсус қайд мешавад. Муҳити ниҳодии бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ - ин таносуби муайяне дар низоми алоқамандии ниҳодҳои мухталиф мебошад, ки дар доираи он раванди шаклгирии сармояи инсонӣ анҷом мепазирад. Вазифаи давлат дар ин самт тағйири сифатии муҳити ниҳодии бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ниҳоят ба рушди тавонмандиҳои инноватсионии он оварда расонад. Бо таваҷҷӯҳ ба тамаюлҳои замони муосир яке аз вазифаҳои муҳимтарини муҳити ниҳодиро коҳиши шиддати раванди фирори мағзҳо

шуморидан мумкин аст. Вобаста ба ин ниҳодҳои марбут ба бозтавлид ва инкишофи сармояи инсониро мебояд дар ин самт як ҳамоҳангии хосе дошта бошанд, ки аз сатҳи оила то ниҳодҳои муташаккили давлатӣ бо таваҷҷӯҳ ба татбиқи як стратегияи комил амал намоянд ва ҷиҳати пешгирӣ раванди бебозгашти кадрҳои мутахассис аз абзорҳои мактаби институтсионалӣ ба таври самаранок истифода намоянд. Дар ин замина қайд гардидааст, ки тағйиротҳои ниҳодӣ чун натиҷаи давра ба давра мувоҷеҳ гардидан ба “домҳои ниҳодӣ” мунтазам бояд мавриди омӯзиш амиқ ва тасҳеҳу ислоҳотҳои амиқ қарор дода шаванд (расми 1.2.1).

Дар ҳолатҳои муайян ҳам мубориза бо фасод ва ҳам наҷоти генофонди кишварро метавон масъалаҳои амнияти миллӣ арзёбӣ кард [136].

Ин нуктаи хеле муҳим дар заминаи таҳқиқоти мост, зеро ба назари мо, муаммои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ муҳимтарин масъалаи амнияти миллӣ (давлатӣ) мебошад. Сармояи инсонии ташаккулёфта дар дохили кишвари муайян асосан генофонди миллати ин кишварро ташкил медиҳад.

Ба андешаи Н.И.Протопопов «...агар доктринаи манфиатҳои миллӣ-давлатӣ, ки асоси мустаҳкам шудани ҷамъият, ба ҳам мутобиқ гардондани манфиатҳои ҷамъиятӣ мебуд, ки барои бартараф намудани муқобилияти пассив имконият медихад, инкишоф наёбад, тамоми ниятхои нек барбод хоҳанд рафт» [125, С.129].

Ба андешаи мо, маҳз далели «вайрон кардани иқтидори воқеии кишвар» яке аз шаклҳои зуҳуроти бархурди манфиатҳои ҷамъиятӣ буда, хилофи низоми афзалиятҳои дохилии миллӣ боиси зиддияти пассивии байни ҷомеа ва давлат мегардад.




Расми 1.2.1. Механизми ниҳодии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Дар тадкиқотҳои солҳои охир ба накши махсуси сармояи инсонӣ дар раванди рушди иқтисодӣ дар муқоиса бо ду омили дигари истеҳсолот, яъне сармояи физикӣ ва технологӣ таъкид шудааст. Дар муҳити ниҳодии иқтисоди миллӣ маҳз ҳамин сармояи инсонӣ, бахусус соҳибкорон бо интихоби инфиродии худ тасмим мегиранд, ки сармояи инсонии худ ва дигаронро истифода баранд, ки асосан дар шакли дониш ва маҳорати касбӣ, дар баробари сармояи физикӣ ва технологӣ, таъсиргузор мебошад. Аммо тасмими одамон дар бораи истифодаи омилҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ ё азнавтақсимкунӣ одатан аз он вобаста аст, ки муҳити институтсионалӣ, ки дар он онҳо фаъолият мекунанд, самараноктар аст ё аз нав тақсимкунӣ. Аз ин рӯ, таъкиди бархе аз олимони иқтисодӣ ба ҷамъ овардани ҳарчи бештари омилҳои истеҳсолӣ ё истихроҷи ҳарчи бештари сармояи табиӣ ба умеди табдили онҳо ба сармояи ҷисмонӣ ва инсонӣ ва ё истифодаи онҳо барои воридоти технологияҳои навтарини ҷаҳон, бидуни таваҷҷӯҳ зоҳир кардан ба рушди сармояи инсонӣ на танҳо қобили қабул нест, балки баръакс, натиҷаҳои таҳќиќотҳо нишон медиҳанд, ки агар муҳити институтсионалии ҳавасмандгардонии тақсимоти даромад мавҷуд набошад, чунин тадбирҳо метавонанд барои нишондиҳандаҳои иќтисодӣ оќибатҳои манфӣ дошта бошанд.

Дуруст аст, ки ислоҳоти муҳити институтсионалӣ раванди тӯлонӣ ва душвор аст. Аммо чунин ба назар мерасад, ки ин ягона роҳи ба даст овардани рушди устувори иқтисодӣ, ки метавонад ояндаи иқтисодии мо ва насҳои ояндаро дар сурати коҳиш ё ҳатто аз байн рафтани даромадҳо кафолат диҳад, саромягузорӣ ба ташаккули муҳити мусоиди инкишофи сармояи инсонӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ин раванди ислоҳоти институтсионалӣ ҳар қадар тӯл кашад, ҳамон қадар имконот барои кишвар аз даст хоҳанд рафт. Аммо вазифаи бузурги ислоҳоти ниҳодҳо бо тасмимҳои инфиродӣ амалӣ намешавад ва тасмимҳои ҷиддии дастаҷамъиро тақозо мекунад, зеро муҳити институтсионалии ҷомеа худ маҳсули интихоби дастаҷамъонаи мардуми он ҷомеа аст.

М.В. Власов ва ҳамкоронаш ҳамчун унсурҳои асоси муҳити ниҳодии самрояи инсонӣ ниҳодҳои зеринро ҷудо мекунанд: «... оила, муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ. Институти оила дар ҳамкорӣ бо давлат қодир аст, ки ба бозеҳдиҳӣ ва ҷамъоварии сармояи инсонӣ таъсири мустақим ва бавосита расонад. Аз ин сабаб, омилҳои институтсионалӣ қодиранд ба тамоми марҳилаҳои раванди ташаккули тамоми ҷузъҳои сармояи инсонӣ таъсир расонанд. Ташаккули низоми муассири институтсионалӣ ва муҳити такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бояд яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлат гардад. Фароҳам овардани шароит ва заминаҳои ташаккули низоми муассири институтсионалӣ метавонад натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳо ба мисли якхела будани ҷомеа, кодекси ягонаи фарҳангӣ ва тамаддун, арзишҳои оилавӣ, соҳибкории рушдёфта ва иҷтимоъӣ ва ғайра бошад» [25, С.14].

Таносуби рушди саромяи инсонӣ ва фаъолияти касбиву ҳунарии инсон як ҷанбаи дигар татдқиқотҳо дар ин замина мебошад. Сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосӣ дар муайян кардани фаъолияти инсон нақши хеле муҳим дорад. Дониш ва малака, ҳавасмандӣ ва қаноатмандии корӣ ҳамчун унсурҳои муассир дар беҳтар кардани фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар фаъолияти касбии инсон метавонад ҳамчун воситаи беҳтар кардани сармояи инсонӣ амал кунад. Муҳити корӣ ва омилҳои он (аз ҷумла созмон, идоракунӣ ва фарҳанги ташкилӣ) метавонад ба сармояи инсонӣ ва дар натиҷа ба фаъолияти инсон таъсири калидӣ дошта бошад. Муҳити мусбӣ ва мусоиди корӣ метавонад ба рушд ва ҳосилнокии сармояи инсонӣ мусоидат кунад, зеро самаранокии фаъолияти  инсон ва сармояи инсонӣ дар раванди алоқамандии мутақобила қарор доранд. Натиҷаи беҳтарин ба қобилиятҳо ва малакаҳои сармояи инсонӣ бармегардад ва метавонад сармояи инсониро дубора мустаҳкам кунад. Дар натиҷа, такмили ин муносибатҳо ва тавозуни байни сармояи инсонӣ ва фаъолияти инсонӣ омили калидии ноил шудан ба ҳадафҳои рақобатпазирии кормандон мебошад. Таваҷҷӯҳ ба беҳбуди сармояи инсонӣ ва беҳбуди фаъолияти инсонӣ, дар баробари муваффақияти корхона, барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ низ кумак мекунад [178].

Ҳама ташкилотҳо ба сармояи инсонӣ ниёз доранд, то фаъолият кунанд ва ба ҳадафҳои худ ноил шаванд. Маънои сармояи инсонӣ, аҳамияти он ва нақши идоракунии захираҳои инсонӣ мавзӯъҳое мебошанд, ки мо ба онҳо мухтасар дида мебароем. Пеш аз ихтирои зеҳни сунъӣ ба мо захираҳои инсонӣ лозим буд, то ба аксари он чизе, ки дар ҷаҳони имрӯз дорем, ба даст орем.

Воқеан, рушди сармояи инсонӣ дар корхона хеле муҳим аст, то дигар навъҳои сармоя бунёд гардад. Гарчанде ки мошинҳо эҳтиёҷотро ба доштани садҳо коргарони хатти истеҳсолиро бартараф карда бошанд ҳам, барои сохтан ва тарҳрезии ин мошинҳо ба сармояи инсонӣ ниёз аст. Аз сӯйи дигар, ба далели даврони иқтисоди донишбунёд, ки вобаста ба иттилоот аст ва рӯз то рӯз густариш пайдо мекунад, дониш ва сармояи инсонии дорои малакаҳои баланд арзишмандтар шудааст.

Низоми идоракунии захираҳои инсонӣ дар сатҳи корхона дар ҷалб, парвариш ва нигоҳ доштани сармояи инсонӣ иштирок мекунад. Ин низом ва шӯъбаи ӯ барои дарёфт, ба кор қабул кардан ва интихоби одамоне масъуланд, ки дониш, малака ва қобилиятҳои барои ширкат зарурӣро доранд. Ба ибораи дигар, раванди азхудкуниро бо шуғли сармояи инсонӣ баробар кардан мумкин аст. Вақте ки кормандон ба коллектив дохил мешаванд, онҳо бо худ сармояи умумии инсониро меоранд. Ин сармоя дорои малакаҳои муошират, қобилияти ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот бо роҳҳои гуногун, қобилияти тафаккури интиқодӣ ва ҳалли мушкилот мебошад. Баъзеҳо инчунин донишҳои махсус доранд, ба монанди малакаҳои идоракунӣ ё барномаҳои компютерӣ.

Сармояи инсониро метавон тавассути омӯзиш ва такмили дониш такмил дод. Низоми идоракунии захираҳои инсонӣ дар сатҳи корхона метавонад барномаҳои таълимии хонагӣ пешниҳод кунад, то кормандонро дар соҳаи таҷрибаи худ навсозӣ кунанд. Илова бар ин, ташкилот метавонад хароҷоти истифодаи имкониятҳои омӯзиш ва малакаи берун аз ширкатро барои кормандони худ таъмин намояд.

Ҷанбаи дигари методии идоракунии рушди сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи равандҳои инноватсионӣ, муҳоҷирати мезҳнатии шаҳрвандон

мебошад. Воқеан, муҳоҷирати меҳнатӣ, ки сол то сол тавсеа ва микдорӣ зиёд мешавад, омили асосии «фирори мағзҳо» аз кишвар мегардад. Р.С.Моисеев дар асари худ «Оид ба масъалаи назарияи сармояи «инсонӣ» ва «табиӣ» дар бораи сабабҳои объективӣ ва субъективии пайдоиши назарияи сармояи инсонӣ, яъне дар марҳилаи инкишофи капитализм, махусус қайд мекунад: «Бешубҳа, он фаҳмиши назариявии равандҳои тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодӣ илмӣ буда, воқеияти объективиро инъикос накарда наметавонист, ҳодиса ва ҷараёни ҳаёти воқеиро таҳқиқ накарда наметавонист.

Ин мулоҳизаҳоро мо ҳангоми омӯзиши минбаъдаи рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ошкор намудани вижагиҳои ҷомеаи Тоҷикистон, ки аз мавқеи геосиёсӣ ва тамоюлҳои муосири рушди тамаддуни башарӣ бармеоянд, истифода мебарем.

Ҳамин тавр, саромяи инсонӣ асоси дигаргунсозиҳои таҳаввулотӣ буда, мувофиқи вазифаҳое, ки дар консепсияҳои манфиатҳои миллӣ-давлатии мамлакат муайян карда шудаанд, дар инкишофи он маориф ва илм накши пешбаранда мебозанд. Дурнамои рушди маориф дар асри XXI бисёре аз коршиносони ғарбӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва, пеш аз ҳама, ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ алоқаманд медонанд. Истилоҳи «глобализатсия» тақрибан дар ҳама мақолаҳои таҳқиқотии охирин оид ба муаммоҳои муосири маориф, бахусус мактаби олӣ дида мешавад. Ҳамаи донишгоҳҳо дар равандҳои ҷаҳонишавӣ - қисман ҳамчун объект ва ҳатто қурбониёни ин равандҳо ва қисман ҳамчун субъектҳо ё миёнаравҳои асосӣ ҷалб шудаанд.

Мафҳуми сармояи инсонӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ реша мегирад дар асл, хусусиятҳои сифатии сармояи одамон аст. Сармояи инсонӣ на сармояи ҷисмонӣ аст ва на сармояи молиявӣ, балки сармояи инсонӣ ҳамчун дониш, маҳорат, эҷодкорӣ ва саломатии инсон муайян карда мешавад. Сармояи инсонӣ, сармояи ҷисмонӣ ва сармояи молиявӣ ҳама ба ягон роҳ шаклҳои сармоя ҳисобида мешаванд, аммо фарқияти онҳо дар он аст, ки шахсро аз малакаҳо, саломатӣ ва арзишҳои ӯ ҷудо кардан мумкин нест. Ин маънои онро дорад, ки сармояи устувортарин ва барқароршаванда сармояи инсонист. Таълиму тарбияи

расмӣ воситаи муҳим ва ҳатто ҳ хаётан муҳимми такмил додани иқтидорҳои истеҳсолӣ мебошад. Инчунин, сармоягузорӣ ба сармояи инсониро меъёри сабти номи таҳсилот медонанд. Сармояи инсонӣ сарвати истеҳсолӣ мебошад, ки дар меҳнат, малака ва дониш таҷассум ёфтааст. Дар аксари мавридҳо, муваффақияти созмон аз одамоне вобаста аст, ки сатҳи баланди салоҳият доранд, дар чунин вазъият, ин одамон ба дороиҳои арзишманд барои созмон табдил меёбанд, ба ибораи дигар, сармояи инсониро метавон яке аз омилҳои истеҳсолӣ арзёбӣ кард ба ташкилот ва чамъият арзиши изоафаи калон дода метавонад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки сармояи ташкилӣ маҷмӯи пайвастаи хусусиятҳои сифатӣ, таълимӣ, маҳорат ва фарҳангии одамони созмонест, ки барои созмон арзиши изофӣ эҷод мекунад.

Ба андешаи мо, барои бомуваффақият иҷро кардани нақшҳои сершуморе, ки ба муассисаҳои таълимӣ дар фарҳангу ҷомеа гузошта шудаанд, онҳо бояд на танҳо қабулкунанда (ҷавобгӯ), балки масъулиятшинос (фаъол): ба эҳтиёҷот ва талаботи ҷомеа, донишгоҳҳо ҷавобгӯ шуда, бояд дар назди ҷамъият масъулиятро ба дӯш гирад. Фарқи бузурги идрок ва масъулият дар он аст, ки дар мавриди аввал донишгоҳҳо бояд он чизеро, ки ҷомеа аз онҳо интизор аст, қабул кунанд ва дар мавриди дувум, онҳо бояд озодии муайян кардани самт барои инъикос ва таҳияи сиёсат дар ҷомеаро дошта бошанд. Ҳамин тариқ, механизми сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ муносибати мунтазамро бо назардошти ҳамкории ниҳодҳои гуногун талаб мекунад. Давлат нақши ҳамоҳангсози тамоми кӯшишҳои ҷамъоварӣ ва рушди сармояи инсониро дорад.

## 1.3. Ташаккули институтҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ

Дар таҳияи илмӣ ба ҷанбаҳои институтсионалӣ, махсусан механизмҳои ҳамкории муҳити институтсионалӣ ва сармояи инсонӣ дар шароити табдили муносибатҳои иқтисодӣ ва шаклҳои идоракунӣ нисбатан кам таваҷҷуҳ дода мешавад. Муносибати неоинститутсионалӣ, ба андешаи мо, чунин имконият дорад, ки механизми динамикаи институтсионалӣ ва бунёди сохторҳои назариявии таъсири мутақобилаи муҳити институтсионалӣ ва сармояи инсониро шарҳ диҳад.

Сармояи инсонӣ, ба монанди аксари истилоҳҳои иқтисодӣ, ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Тавре зикр гардид, сармояи инсонӣ дар ин тадқиқот қобилиятҳои инсонӣ мебошад, ки барои ба даст овардани даромад ва истеҳсоли маҳсулот самаранок истифода мешавад. Барои тавзеҳи ин мафҳуми сармояи инсонӣ таърифи дар боло зикршударо бо таърифи Розен муқоиса кардан мумкин аст: «Сармояи инсонӣ ба қобилиятҳои истеҳсолии одамон ҳамчун омилҳои эҷоди даромад дар иқтисодиёт ишора мекунад». Бояд гуфт, ки қобилиятҳои бесамар, вале даромадноки одамон низ як қисми қобилиятҳои инсонии онҳо маҳсуб мешаванд, ки метавонанд дар фаъолиятҳои ғайриистеҳсолӣ ва ҳатто харобиовар истифода шаванд. Масалан, Баумол ба таври муфассал шарҳ медиҳад, ки соҳибкорӣ ҳамчун як намуди сармояи инсонӣ дар тӯли таърих бештар дар самти бесамар ва ҳатто харобиовар истифода шудааст.

Хусусияти хоси ду асри охир тафовути назаррас дар даромади ҳар сари аҳолӣ дар саросари ҷаҳон буд. Таносуби ММД ба ҳар сари аҳолӣ байни минтақаҳои сарватмандтарин ва камбизоати ҷаҳон аз таносуби миёнаи 3 ба 1 дар соли 1820 то 18 ба 1 дар соли 2023 ба таври назаррас афзоиш ёфт. Нақши омилҳои ҷуғрофӣ ва институтсионалӣ, ташаккули сармояи инсонӣ, тақсимоти этникӣ, забонӣ ва динӣ, мустамликадорӣ ва ҷаҳонишавӣ дар маркази баҳсҳо дар бораи сабабҳои фарқиятҳо дар ҷадвали гузариш аз таназзул ба рушди иқтисодӣ ва тағйироти назаррас дар тақсимоти даромади ҷаҳонӣ қарор доштанд. Нобаробарӣ дар тақсимоти моликият ба замин ба пайдоиши институтҳое, ки ба

рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунанд (мактабҳои давлатӣ ва танзими меҳнати кӯдакон) ва аз ин рӯ ба суръат ва хусусияти гузариш аз иқтисодиёти кишоварзӣ ба иқтисодиёти саноатӣ таъсири манфӣ расонида, боиси фарқияти назарраси даромади ҳар сари аҳолӣ дар байни кишварҳо гардид.

Гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ ба иқтисодиёти саноатӣ табиати низоъи асосии иқтисодиро дар ҷомеа тағйир дод. Баръакси иқтисодиёти аграрӣ, ки бо низоъҳои манфиатҳо байни ашрофи заминдор ва омма хос буд, раванди саноатикунонӣ ба шиддат гирифтани низоъ байни элитаи кӯҳнаи заминдорон ва элитаи капиталистии ташаккулёбанда оварда расонд. Барои ба даст овардани фоида аз қувваи кории бомаърифат, капиталистон кӯшиш карданд, ки сиёсати мусоидат ба таҳсили оммаро дастгирӣ кунанд, дар ҳоле ки заминдороне, ки ба коҳиш додани ҳаракати қувваи кории деҳот манфиатдоранд, барои сиёсатҳое, ки дар натиҷаи омма бесавоб боқӣ мемонанд, ҷонибдорӣ карданд.

Раванди индустрикунонӣ аҳамияти сармояи инсониро дар раванди истеҳсолот афзоиш дод, ки ин аз ҳамгироии он бо сармояи ҷисмонӣ ва технология шаҳодат медиҳад. Аммо, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ аз сабаби мушкилот дар бозори қарзӣ номатлуб буд. Ҳамин тариқ, сармоягузории давлатӣ ба маориф ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аммо, ҷамъоварии сармояи инсонӣ на ба ҳама бахшҳои иқтисодиёт фоида овард. Аз сабаби дараҷаи камтари пуррагии байни сармояи инсонӣ ва замин, болоравии сатҳи таҳсилот боиси баланд шудани ҳосилнокии қувваи корӣ дар истеҳсолоти саноатӣ нисбат ба кишоварзӣ гардид ва даромади замин аз ҳисоби муҳоҷирати қувваи корӣ ва афзоиши музди меҳнат коҳиш ефт. Ҳамин тариқ, то он даме, ки саҳми заминдорон дар баланд бардоштани ҳосилнокии бахши саноатӣ нокифоя буд, соҳибони замин барои дастгирии сиёсати ҳавасмандкунандаи рушди иқтисодӣ ҳавасмандии иқтисодӣ надоштанд.

Маълум аст, ки агар сармояи инсонӣ дар чунин фаъолиятҳои ғайриистеҳсолӣ истифода шавад, сармояи физикӣ ва технологие, ки инсон истифода мебарад, низ ба чунин истифодаи ғайриистеҳсолӣ дучор мешавад. Аз ин рӯ, саволи муҳиме, ки дар ин ҷо ба миён омадааст, ин аст, ки чӣ гуна чунин

кор имконпазир аст? Дар посух бояд гуфт, ки институтсионалистҳо чунин мешуморанд, ки институтҳо ва махсусан институтҳои иқтисодӣ ҳамчун қоидаҳои бозии дастаҷамъӣ ва ҷорӣ дар ҷомеа мотивҳои иқтисодии мардуми он ҷомеаро роҳнамоӣ мекунанд. Аз як тараф, ниҳодҳо дар муайян кардани тарзи истифодаи сармояҳои мухталиф нақши ҳалкунанда доранд, ки онҳо дорои ҷамъи сармояи ҷисмонӣ, сармояи инсонӣ ва технология мебошанд, ва аз тарафи дигар, онҳо нақши роҳнамоии сармояи инсонӣ ва дигар омилҳои истеҳсолиро ба фаъолияти истеҳсолӣ ва ё ғайриистеҳсолӣ (аз ҷумла ҷиноятӣ, харобиовар) доранд.

Ҷонибдорони таъсири омилҳои ҷуғрофӣ (неокласикҳо) ба рушди иқтисодӣ далели таъсири ин омилҳоро ба ҷамъшавии омилҳои истеҳсолӣ шарҳ додаанд, аммо ба назар мерасанд, ки онҳо натавонистаанд механизми қаноатбахши идоракунии омилҳои истеҳсолиро ба вуҷуд оранд. Ин дар ҳолест, ки институтсионалистҳо тавонистаанд механизмҳои қаноатбахши идоракунии омилҳои истеҳсолиро тавассути назарияи муҳити ниҳодӣ пешниҳод кунанд [183].

Назарияи неоинститутсионалӣ нишон медиҳад, ки таъсири манфии ҷорӣ намудани таҳсилоти давлатӣ ба даромади заминдорон тавассути таваҷҷӯҳ ба моликияти замин тақвият меебад. Аз ин рӯ, то он даме, ки соҳибони замин ба раванди сиёсӣ ва ба ин васила ба татбиқи ислоҳоти таълимӣ таъсир мерасонанд, нобаробарӣ дар тақсимоти моликияти замин монеаи ҷамъшавии сармояи инсонӣ буда, раванди индустрикунонӣ ва гузариш ба рушди муосирро суст мекунад. Иқтисодиёте, ки дар он замин тақрибан баробар тақсим карда шудаст, таҳсилоти давлатиро ҷорӣ карда ва аз раванди босуръати рушд баҳра мебарад. Баръакс, кишварҳое, ки тақсимоти нобаробари моликияти замин доранд, боиси сармоягузории нокифоя ба сармояи инсонӣ, бахши саноатии беихтисос ва сустшавии рушд дар марҳилаҳои баъдӣ мегарданд. Ҳамин тариқ, тағйирот дар тақсимоти моликияти замин дар байни кишварҳо тағйиротро дар сохтори соҳавии иқтисодиет ба вуҷуд овард ва ба ин васила моделҳои гуногуни рушдро дар саросари ҷаҳон ташаккул дод.

Хулоса, чорчубаҳои институтсионалие, ки дар онҳо ҷамъият, аз як тараф, шоҳиди сатҳи гуногуни ҷамъшавии омилҳои истеҳсолӣ ва аз тарафи дигар, шоҳиди таносуби гуногуни фаъолияти истеҳсолӣ ва даромад мешаванд, омили муҳимми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ шуморида мешаванд. Албатта, маълум аст, ки шарти зарурии мавҷудияти даромад дар иқтисодиёт мавҷуд будани фаъолияти минималии истехсолӣ дар он иқтисодиёт мебошад. Аммо ҳар қадар захираҳои табиӣ дар иқтисод зиёд бошанд ва сифати институтсионалии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ пасттар бошад, ҳамон қадар он ҷомеа бештар дучори мушкилоти иқтисодӣ мегардад. Намуни боризи ин фарзия иқтисоди Ҷопон аст, ки бо вуҷуди камбуд ва норасоии захираҳои табиӣ, вале муҳити солими ниҳодии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, як аз кишварҳои пешрафтатарин маҳсуб мешавад. Кишварҳое, ки захираҳои бои табиӣ доранд, аммо муҳити солими ниҳодии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ надоранд, баръакс, дар фақр ва бухронҳои иқтисодӣ ба сар мебаранд.

Ғайр аз он, далелҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки воқеан тақсимоти моликияти замин ба хусусияти гузариш аз иқтисоди кишоварзӣ ба иқтисодиети саноатӣ таъсир расонидааст ва дар пайдоиши фарқиятҳои устувор дар ташаккули сармояи инсонӣ ва шакли рушд дар байни кишварҳо нақши хеле муҳим бозидааст.

Дар назарияи рушди комплексӣ нақши асосии ташаккули сармояи инсонӣ дар гузариш аз таназзул ба рушди иқтисодӣ таъкид карда мешавад. Ин тадқиқот аз ҷиҳати назариявӣ ва миқдорӣ исбот мекунад, ки афзоиши талабот ба сармояи инсонӣ дар раванди индустрикунонӣ ва таъсири он ба ташаккули сармояи инсонӣ, рушди технология ва танзими равандҳои демографӣ омилҳои асосии гузариш аз таназзул ба афзоиш буданд. Бо пайдоиши талабот ба сармояи инсонӣ, тағйирот дар миқёси ташаккули сармояи инсонӣ ба вуҷуд омада, суръати пешрафти техникро такон дод ва ба тақсимоти даромад дар иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири назаррас расонд.

Равиши аналитикии назарияи неоклассикӣ хусусияти раванди таҷдиди сармояи инсониро, ки ба он омилҳои институтсионалӣ таъсири ҷиддӣ

мерасонад, шарҳ дода натавонист. Асоси назарияи неоклассикӣ амсилаи интихоби оқилона дар доираи маҷмуи маҳдудиятҳо мебошад. Неоинститутсионализм ин амсиларо ҳамчун амсилаи асосӣ қабул мекунад, вале онро аз як қатор шартҳои ёрирасоне, ки одатан ҳамроҳи он буданд, озод мекунад ва онро бо мазмуни нав ғанӣ мегардонад. Неоклассикҳо чунин мешуморанд, ки рафтори инсон аз сохтори институтсионалии ҷомеа вобаста нест ва ангезаи асосии рафтори ӯ принсипи ҳадди аксар расонидани фоида аст. Дар ин замина, муассисаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ба шумораи омилҳои муҳиме, ки рафтори инсонро муайян мекунанд, мувофиқат намекунанд. Аз нуқтаи назари неоинститутсионалистҳо, шахс, гарчанде пурра набошад ҳам, дар зери таъсири ниҳодҳое қарор мегирад, ки рафтори ӯро ислоҳ карда метавонанд. Аз як тараф, муассисаҳо ҳамчун маҳдудият дар рафтори ӯ амал мекунанд, аз тарафи дигар, онҳо самти ин амалҳоро муайян мекунанд.

Нақши омилҳои институтсионалӣ, чун фарзияи алтернативӣ дар бораи рушди саромяи инсонӣ, назарияи неоинститутсионалиро маъруф сохт. Д. Норт, У. Ҷонсон ва А. Робинсон собит карданд, ки институтҳое, ки ба ҳимояи ҳуқуқи моликият ва васеъ кардани таҳқиқоти технологӣ ва паҳн кардани дониш мусоидат мекунанд, тафовути бузурги технологӣ дар саросари ҷаҳонро дар асоси тавофутҳои ниҳодии кишварҳои пешрафта ва ру ба инкишоф вусъат доданд. Фарзияи неоинститутсионалӣ нишон медиҳад ки шароити мусоиди ниҳодӣ, аз хатарҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто экологӣ камтар осебпазир аст, дар ҳоле ки шароити номусоиди ниҳодӣ барои раванди рушд монеаҳои доимӣ эҷод мекунад.

Ду гурӯҳи коршиносон вуҷуд доранд, ки ба таври ғайримустақим ё ошкоро бо ҳамдигар аҳамияти таъсири сохторҳои макро (ба ном ниҳодҳои расмӣ) ва аҳамияти таъсири фарҳанг ва роҳбарии гурӯҳӣ ва созмониро (ба ном ниҳодҳои ғайрирасмӣ) дар бораи ташаккул ё тағйирёбии рафтори инсон ва ба далелҳои таҳќиќотӣ вобаста ба нуќтаи назари онҳо.муҳокима мекунанд. Масалан, барои ғанӣ гардонидани рафтори ахлоқӣ, гурӯҳи ҷонибдори ниҳодҳои ғайрирасмӣ

кӯшиш мекунад, ки ахлоқи касбӣ ва ташкилиро пешбарӣ кунад ва мавқеи роҳбарии созмонро дар эҷоди ин намуди рафтор шарҳ диҳад [18].

Маъруфияти назарияи неоинститутсионалӣ баъди аҳамият пайдо кардани ҳуқуқи муаллифӣ ба навовариҳои илмӣ бештар гардид. Аз миёнаи солҳои 1970-ум сохтори сиёсати иқтисодии ҷаҳонӣ тадриҷан тағйир ёфт ва ҷомеаи ҷаҳонӣ сиесати навро пеш гирифт. Кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Иттиҳоди Шӯравии собиқ аз охири солҳои 1980-ум сиёсатеро пеш мебаранд, ки аксари онҳо аз ҷониби кишварҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф дар охири солҳои 70-ум қабул карда шуданд. Хусусигардонӣ, аз нав ҳисоб кардани қурби асъор, паст кардани тарифҳо, озод кардани низоми молиявӣ аз дахолати давлатӣ ва танзими самараноки нархҳо ҳангоми тақсимоти захираҳо принсипҳои умумии сиёсати иқтисодӣ дар ду даҳсолаи охир буданд. Иқтисодиети ҷаҳонро ба ду давраи пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ - то охири солҳои 1970 ва аз солҳои 1970 ба минбаъд тақсим кардан мумкин аст.

Таъсири сифати муҳити институтсионалӣ ба рушди иқтисод дар солҳои охир мавзуи асосии бисёр тадқиқотҳо буд. Сарфи назар аз он, ки ин пажӯҳишҳо бо равишҳо, нишондиҳандаҳо, давраҳо ва намунаҳои гуногун анҷом дода шудаанд, натиҷаҳои ҳамаи онҳо аҳамияти ниҳодҳоро дар раванди рушди иқтисодӣ нишон медиҳанд. Гузашта аз баррасии аҳамияти ниҳодҳо, саволи асосӣ ин аст, ки дар байни ниҳодҳои мавҷуда кадом ниҳодҳо ба афзоиш ва рушд бештар таъсир мерасонанд? Бояд аҳамият ва таъсири ҳар кадоми онҳоро ба раванди рушди иқтисодӣ тавассути ҷудо ва тақсим кардани институтҳо таҳлил намуд [72].

Илова бар он, ки дар фаҳмиши беҳтари фаъолияти муассисаҳо ва мусоидат ба тавсеаи таҳқиқоти илмӣ дар ин самт самаранок бошанд, ин тадқиқотҳо раванди ислоҳоти институтсионалӣ ва баррасии афзалиятҳои асосиро таъмин мекунанд. Родерик институтҳоро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардааст: институтҳои бозорсоз, институтҳои танзимкунандаи бозор, институтҳои устуворкунандаи бозор ва институтҳои қонунигардонии бозор ва таъсири онҳоро ба рушди иқтисодӣ ва рушди иқтисодӣ баррасӣ кардааст [209].

Бар асоси гуфтаҳои боло, нуқтаи назари намояндагони ин ду самт дар бораи ташаккули қобилиятҳои истеҳсолии инсон гуногун аст.  Ба хамин тарик, давлат доимо дар ҳолати зарурати муттаҳид намудани институтҳои муваққатӣ, давраи гузариш мебошад, ки бидуни онҳо инкишофи иқтисодиёти миллиро тасаввур кардан мумкин нест. Институтҳои кӯҳнашуда ва бесамар қодиранд дар иқтисодиёт дар шакли меъёрҳои маржиналӣ, боқимонда, қоидаҳо ё муносибатҳои кӯтоҳмуддат вуҷуд дошта бошанд, баъзан кӯшиш мекунанд, ки ба низоми нави институтсионалӣ дар шакли «домҳои институтсионалӣ» мутобиқ шаванд [107]. Бинобар ин, ба назари мо, яке аз вазифаҳои давлат дар иқтисодиёт бояд ба вуҷуд овардани алтернативаи рақобатпазир ба «домҳои институтсионалӣ» ҳамчун ташаккул ва мустаҳкам намудани институтҳои нав, ки ба талаботи инкишофи иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ бошанд, мебошад.

Мисоли мушаххаси таъсири муҳити ниҳодиро метавон дар давраи густариши беморecho ҳамагири COVID-19 мушоҳида кард.  Бисёре аз ширкатҳо, шояд аз сабаби шароити муҳити зист, ба баъзе тадбирҳо дар соҳаи идоракунии захираҳои инсонӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карданд ва ё ҳатто дар баъзе масъалаҳо, онҳо дар худ дигаргуниҳои куллӣ эҷод карданд. Нисбатан беҳтар шудани системаи тандурустӣ дар баъзе ширкатҳо ва таваҷҷӯҳи бештар ба ҷанбаҳои саломатӣ ва некӯаҳволии кормандон, эҷоди қоидаҳои кори фосилавӣ, истифодаи бештар ва баъзан тағйирот дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии равандҳои корӣ аз ҷумлаи қоидаҳои кор мебошанд, ки дар фазои кории бисьёр ташкилотхо конунӣ гардонда шудаанд (ниҳодина шуданд). Ҳоло дар давраи пас аз беморӣ мо шоҳиди он ҳастем, "шароитҳои нави муқаррарӣ" боқӣ мондаанд. Албатта, суоли бунёдӣ дар ин замина ин аст, ки чӣ гуна тадбирҳо ва қоидаҳое, ки дар ин даврон истифода мешуданд, дар шароити нав дар шаклу дараҷаҳои гуногун боқӣ хоҳанд монд, аз байн хоҳанд рафт ва ё идомаи меёбанд.

Мисоли дигар, расму оинҳои миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Сатҳи пасти маърифати динии шаҳрвандон боис шудааст, ки бисёре аз расму оинҳои миллӣ ва оинҳои динӣ, ки мебоист дар доираи хонавода ва хешу табор

баргузор мешуданд, ба рӯйдодҳои бошукӯҳ ва гаронарзиш табдил ёфтаанд. Таҷлили солгарди олимону шоирону нависандагон, санъаткорон ва ходимони хизматнишондодаи муассисаҳои давлатӣ, ташкили зиёфатҳои бошукӯҳ ба муносибати гирифтани рутбаҳо, унвонҳо, мукофотҳои давлатӣ, дипломи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ низ ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳатто он одамоне, ки имкониятҳои маҳдуд доштанд, қарз мегирифтанд [183].

Сарфи назар аз он, ки масъалаи ба тартиб даровардани расму оинҳо ҳанӯз дар соли 1999 мавриди муҳокима қарор гирифта буд ва ҳуҷҷатҳои махсуси Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, инчунин Комиссияи ҷумҳуриявӣ таъсис ва тавсияҳо тасдиқ гардиданд, расму оинҳои аҳолӣ бештар аз доираи ахлоқ ва ахлоқи исломӣ берун рафтан гирифтанд. Онҳо дар роҳи баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагӣ, махсусан барои оилаҳои камбизоат, ки аксарияти аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оварданд. Муддатҳои тӯлонӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ВАО ва ходимони динӣ барои кам кардани арзиши расму оинҳои халқӣ бо мақсади осон гардондани амалӣ гардондани онҳо мубориза мебаранд. Аммо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомадаанд. Ин, пеш аз ҳама, ба институтҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дахл дорад. Ба кор андохтани муассисаҳо тамаркузи ҷидду ҷаҳди илму амалияро пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқот дар соҳаи асосҳои назариявии иқтисоди институтсионалӣ ва дарки мафҳум ва мавқеи институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ ва гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ дар кишвар инчунин таҳлили таъсири ҳар як шохиси идоракунӣ, аз қабили тақвияти ниҳодҳои таълимӣ, волоияти қонун, суботи сиёсӣ ва ғайра аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди иқтисодӣ аст.

## Хулосаи боби 1

Дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ омили муҳимми татбиқи сиёсати оқилонаи иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи инсонӣ - категорияи мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисоди миллӣ муҳим аст. Дараҷаи самаранокии равандҳои истеҳсолӣ аз сифати сармояи инсонӣ

вобаста аст. Дар баробари ин, сармояи инсонии баландсифат сармоягузории доимиро ба унсурҳои таркибии он, ба мисли маориф, тандурустӣ ва зудҳаракатӣ талаб мекунад. Асосҳои консептуалии ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ ба фароҳам овардани муҳити муассири институтсионалӣ барои ҳамкории оптималии байни низомҳои маориф, илм, тандурустӣ, фарҳанг ва танзими равандҳои муҳоҷират бо назардошти сифат ва нишондиҳандаҳои микдори иқтидори инсонӣ, ҷиҳати оқилона истифода бурдани иқтидори табиии минтақаҳо мусоидат мекунад.

Механизми сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ ташаккли муҳити ниҳодии самаранокро бо назардошти ҳамкории ниҳодҳои гуногун талаб мекунад. Давлат нақши ҳамоҳангсози тамоми кӯшишҳои ҷамъоварӣ ва рушди сармояи инсониро дар муҳити институтсионалӣ ба худ ихтисос медиҳад. Дар баробари ин хусусиятхои тараққиёти хозираро ба назар гирифтан лозим аст. Дар робита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин амиқтар шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ, афзоиши ҷараёни муҳоҷират, баланд шудани нақши дониш ҳамчун ядрои муҳимми гузариш ба модели инноватсионии рушд мебошад.

Омилҳои ниҳоди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври амиқ мавриди омузиш қарор нагирифтааст. Вобаста ба ин, тадқиқи асосҳои назаривии ташаккули муҳити ниҳоди рушди сармояи инсонӣ, таҳлили вазъи кунунӣ, коркарди чорабиниҳои ба рушди ниҳодҳои таъсиррасон ба соҳаи маориф, илм, тандурустӣ аз вазифаҳои муҳим ва авалиндараҷа боқӣ мемонад.

# БОБИ II. ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Тамоюли рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳсилоти олӣ муҳимтарин омили ниҳодии ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ шуморида мешавад. Зеро маҳз дар зинаи таҳсилоти олӣ сармояи инсонӣ ба марҳиллаи ниҳои такрористеҳсоли худ мерасад ва барои дар истеҳсолот истифода шудан омода мешавад. Ба ҳамин хотир, мушкилот ва монеаҳои рушди таҳсилоти олӣ ба таври мустақим муаммоҳои рушду инкишофи сармояи инсонӣ низ ба шумор меравaнд. Матолиби фавқуззикр зарурияти тадқиқи системавии равандҳои ташаккулёӣ ва инкишофи низоми таҳсилоти олиро дар Ҷумҳури Тоҷикистон ба миён меорад. Мушкилиҳои рушди низоми маорифи тоҷик истифодаи равишҳои муосири таҳқиқотиро дар таҳлили динамикаи институтсионалӣ талаб мекунанд.

Таҳсилоти олӣ дар Точикистон дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ва дар тӯли таърихи таъсир бузург дорад, он дар рушд ва пешрафти ҷомеаи кишвар нақши пешбарро бозид ва дар беҳтар кардани рушди техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сиесӣ ва фарҳангӣ хидматҳои арзишманд расонидааст. Дастовардҳои системаи таҳсилоти олии кишвар моро водор мекунанд, ки гузаштаи таърихиро дақиқ ва танқидӣ омӯзем, воқеиятнокӣ ва адолати имрӯзаро арзёбӣ кунем ва воқеияти муассисаҳо ва созмонҳоро аз нуқтаи назари илмӣ баҳо диҳем.

Бешубҳа, муассисаи таҳсилоти олӣ нисбат ба дигар муассисаҳои таълимӣ ба таваҷҷӯҳи бештар ба баҳодиҳии таърихӣ ниёз дорад. Системаи таҳсилоти олӣ платформаи тағйирот аст, аммо онро дигар системаҳои миқёси миллӣ ва ҳатто байналмилалӣ иҳота кардаанд, аз ин рӯ мо бояд тағйироти миқдорӣ ва сифатии онро якҷо тафсир кунем. Системаи таҳсилоти олии кишвар ба талаботи замон, инчунин ба тағйиребии системаҳо ва моделҳои тафаккур нигаронида шудааст. Афзоиши аҳолӣ, тағйироти иҷтимоӣ ва сиесӣ, ки дар натиҷаи истиқлолияти миллӣ ба вуҷуд омадаанд ва рӯйдодҳо ба монанди ҷанги шаҳрвандӣ, бахусус оқибатҳои ҷанг, талаботро барои дохил шудан ба донишгоҳҳо ва тавсеаи системаи таҳсилоти олӣ афзоиш доданд. Аҳолии

кишвар имрӯз аз шумораи аҳолӣ дар соли аввали истиқлолият қариб 2 маротиба зиёдтар аст. Шумораи донишҷӯен дар кишвар имрӯз аз шумораи донишҷӯен дар соли 1991 бамаротиб зиёдтар аст, дар ҳоле ки дар соли 1991 таносуби аҳолии кишвар ба шумораи донишҷӯён хеле зиёд буд, яъне ба 127 нафар як донишҷӯ рост меомад ва имрӯз мо ба 18 нафар як донишҷӯ дорем. Ҳамаи ин ба сифат ва раванди таълим бетаъсир нест.

Аммо, мо набояд мушкилот, хатарҳо ва мушкилотро ҳам дар дохили системаи таҳсилоти олӣ ва ҳам берун аз он нодида гирем. Умед ба ояндаи беҳтар ва бомуваффақият бартараф кардани роҳҳои душвор хеле муҳим аст. Бешубҳа, системаи таҳсилоти олии Тоҷикистон имрӯз бо мушкилот ва муаммоҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавад (ба монанди тавозуни миқдор ва сифат; интернационализатсия; мубодилаи байни ҷомеа ва бозори меҳнат; ҳамкорӣ бо фазои рақамӣ ва ғайра). Омӯзиш рӯ ба  пеш аст, аммо на бо дасти холӣ ва бе сармоягузориҳои мувофиқ. Мо роҳҳои нав ба илм ва навовариро, захираҳои дониш, дастовардҳои нав дар системаи илмӣ-техникӣ ва умед ба ояндаи беҳтарро мекушоем.

Инкишофи поркҳои илмию техникӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи олимони ҷавон, навовариҳои онҳо, ки ояндаи кишварро ба саноатикунонӣ таъмин хоҳанд кард, аз вазифаҳои  асосии таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Дастгирии идоракунии дониш ва стратегияҳои инноватсионии донишгоҳҳо, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва поркҳои илмӣ-технологӣ бо мақсади ҷорӣ кардани ғояҳои инноватсионӣ ва суръат бахшидан ба раванди босифати тағйирот дар системаи таълими академӣ аз авлавитяҳои низоми таҳсилоти олӣ аст. Таваҷҷӯҳ ба раванди ҳамкории байни донишгоҳ ва ҷомеа тавассути бартараф кардани монеаҳои байни онҳо ғояи донишгоҳи иҷтимоиро тақвият медиҳад, ки бояд ба ин масъала ҳам таваҷҷуҳи хос зоҳир шавад.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими тарҳрезии сиёсати давлатӣ барои рушди иқтисодӣ ва рушди инсонӣ баррасии категорияи таҳсилот мебошад. Маориф ба рушд ва рушди иқтисодӣ бо механизмҳои гуногун таъсир мерасонад. Баъзеҳо механизми муҳимтарини таъсири маорифро ба рушди иқтисодӣ тавассути

афзоиши фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, пешрафти технологӣ ва навоварӣ медонанд. Аз тарафи дигар, муҳимтарин механизми таъсири маориф ба рушди иқтисодӣ таъсири экзогении маориф мебошад. Одамон дар ҷомеаи бомаърифат маҳорати меҳнатӣ ва иҷтимоии худро тавассути зиндагӣ ва кор бо ҳам зиёд мекунанд. Қисмати муҳими муаллифон маорифро сабаби беҳбуди сармояи инсонӣ донista, ба ин васила таъсири маорифро ба рушди иқтисодӣ омӯхтаанд [37]. Ин аз он сабаб аст, ки наќши муҳими сармояи инсонӣ дар рушди иќтисодӣ ва рушди иќтисодӣ беш аз пеш, махсусан бо таҳияи моделҳои рушди эндогенӣ дар солҳои 1990 таъкид шудааст.

Аз тарафи дигар, дониш низ дар низоми нави байналмиллалии таќсимоти меҳнат наќши асосиро бозидааст ва боҷуръат гуфтан мумкин аст, ки фарќияти байни кишварҳои мутараққӣ аз ҷаҳони дуюм дар сатҳи истеҳсоли дониши онҳост, на ин ки таќсимоти саноатии онҳо, ё истехсолоти хоҷагии қишлоқ. Мувофиқи он баъд аз чанги дуюуми ҷаҳон собиқ мамлакатҳои саноатӣ истеҳсоли молҳои саноатй ва истеъмоли халқро ба ихтиёри мамлакатхои тараққиёбанда, хусусан мамлакатҳои Осиён Шарқӣ гузоштанд. Аммо дар ин миён, Ҷопон тавонист бо истифода аз низоми мувофиқи таълим ва сармоягузории асосӣ ба захираҳои инсонии худ ба ин тақсимоти меҳнат худро ворид созад. Айни ҳол рақамикунонӣ ва истифодаи фановариҳои рақамӣ дар раванди таълим уҳимтарин хусусияти таҳсилоти олӣ дар тамоми олам шинохта шудааст [192].

Мушкилиҳои рушди низоми маорифи тоҷик истифодаи равишҳои муосири таҳқиқотиро дар таҳлили динамикаи институтсионалӣ талаб мекунанд.

Ба андешаи Ҳ.М. Саидова ва Р.М. Мирбобоев: «Дар низоми хизматрасониҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи ислоҳоти он тули солҳои соҳибистиќлолӣ корҳои назаррасе бо маќсади дигаргунсозии низоми соҳаи маориф ва рушди ояндаи он анҷом дода шудаанд. Дар баробари ин, дар шароити кунунӣ масъалаҳои мубрам, ба монанди паст будани сатҳу сифати таҳсилот ва ба таври васеъ истифода шудани хизматрасониҳои

гаронарзиши пулакии соҳаи маориф ҷой дорад, ки барои ќисми зиёди аҳолӣ дастнорас мебошад» [142, С.99].

Академиям миллии илмҳои Тоҷикистон маркази асосӣ ва олитарин маќомоти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар муассисаву филиалҳояш олимони маъруфи ҷумҳурӣ ҳастанд. Академияи илмҳои ҷумҳурӣ аз аъзоёни доимӣ ва вобаста иборат аст, ки вазифаҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ гузаронидани тадқиқотҳои калон, инчунин ташкил ва амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ мебошанд.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 1951 ҳамчун бахши тоҷикистонии Академияи улуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфтааст. Он маркази асосӣ ва муассисаи олии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, олимони маъруфи кишварро дар муассисаҳо ва филиалҳои худ муттаҳид менамояд. Академияи миллии илмҳои ҷумҳурӣ аз аъзои доимӣ ва ассотсиатсияшуда иборат аст, ки вазифаи онҳо гузаронидани тадқиқоти калон дар соҳаи илмҳои гуногуни табиӣ ва сотсиология, инчунин ташкил ва мутобиқсозии тадқиқоти илмӣ дар қаламрави Ҷумҳурӣ мебошад.

Тадқиқоти илмии Академия дар солҳои панҷоҳум асосан ба астрономия, сейсмология, геология, химия, биология ва як қатор масъалаҳои илми сотсиологӣ, ва дар солҳои шаст ба тадқиқоти илмӣ дар соҳаи математика, физикаи амалӣ ва назариявӣ, нафт ва химияи пайвастҳои табиӣ, физиология ва биологияи растаниҳо бахшида шудааст. Дар соҳаи иқтисод, таърих ва фалсафа ориентализм низ миқеси васеъ пайдо кардааст. Академияи илмҳо бевосита Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст ва маҷлиси умумӣ, ки аз аъзои доимӣ ва ассотсиатсияшудаи Академия иборат аст, мақоми олии Он ҳисобида мешавад.

Дувумин боргоҳи муҳимтарини илму таълим ва тарбияи кадрҳо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад. Донишгоҳ соли 1947 таъсис ёфтааст ва ҳоло аз 19 факултет иборат аст, аз ҷумла факултетҳои механикӣ-математикӣ, биологӣ, химиявӣ, кӯҳӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, геологӣ,

шарқшиносӣ, журналистӣ, иқтисод ва идора, молиявӣ-иқтисодӣ ва ғайра. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо донишгоҳҳои Давлатии Москва, Донишгоҳи Австрия Клугин Форт, донишгоҳи Мантони Амрико ва Донишгоҳи Кипр ва дигар донишгоҳҳои маъруф муносибатҳои дуҷониба дорад.

Дар солҳои охир донишгоҳҳои Тоҷикистон ба туфайли эътирофи дипломашон дар сатҳи ҷаҳонӣ, арзиши пасти таҳсил ва истиқомат дар байни донишҷӯени хориҷӣ мухлисони зиёд пайдо карданд. Аксари донишгоҳҳои Тоҷикистон давлатӣ буда, дар тобеияти Вазорати маориф ва илм қарор доранд. Дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон таълим одатан бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ сурат мегирад, аммо донишҷӯени хориҷӣ, ки бо ин забонҳо ошно нестанд, курсҳои забономӯзӣ мегузаронанд. Ҳукумати Тоҷикистон ба донишҷуёни хориҷӣ, ки имкони таҳсил дар кишварро надоранд, стипендия медиҳад. Гарчанде ки арзиши зиндагӣ дар Тоҷикистон кам аст, донишҷӯен дар ноҳияҳои гуногуни таълимӣ метавонанд дар як ҳафта аз 10 то 30 соат ғоибона кор кунанд. Солҳои пеш, дар мактабҳои олии тоҷик бисёр шаҳрвандони ҷумҳурияҳои бародарӣ аз Гурҷистон, Арманистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва кишварҳои хориҷӣ – Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон, Эрон, мамлакатҳои Африқо ва ғайра таҳсил мекарданд [139].

Дар низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон донишгоҳҳои байнидавлатӣ ҳам фаъолият доранд. Масалан, Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон, ки соли 1996 таъсис ёфтааст, муассисаи таҳсилоти олии давлатии ғайритиҷоратӣ мебошад, ки дар шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Донишгоҳи Славянии Русия Ва Тоҷикистон (РТСУ), ки расман Аз Ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст, муассисаи таҳсилоти олии омехтаи Тоҷикистон мебошад. Донишгоҳи Славянии Русия Ва Тоҷикистон (РТСУ) курсҳо ва барномаҳоеро пешниҳод мекунад, ки ба гирифтани дипломҳои расмии таҳсилоти олӣ дар якчанд самтҳои тайёрӣ оварда мерасонанд.

Ба далели заъфи иқтисодии Тоҷикистон ва сохторҳои кӯҳнае, ки аз даврони Шӯравӣ боқӣ мондааст,  кишвар дар соҳаи маориф, бахусус васоили таълимӣ, камбуди омӯзгорон ва маводи таълимӣ мушкилоти зиёде дорад.

Дар ибтидои солҳои 80-уми асри XX афзоиш ва амиқ шудани номутаносибӣ дар сохтори касбӣ ва сифати мутахассисоне, ки мактабҳои олӣ тайёр мекунанд, ба назар мерасад. Яке аз сабабҳои асосии бӯҳрони афзояндаи низоми таҳсилоти олӣ надонистани тамоюлҳои ҷаҳонӣ буд, ки таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи маориф, ки аз ҳаёт собит шудааст, рад карда мешуд. Афзоиши миқдори таҳсилоти олӣ бо тағйироти зарурии сифатӣ, ки ба омилҳои зудтағйирёбандаи иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва демографӣ ва эҳтиёҷоти воқеии ҷомеа мувофиқат мекунад, мушоҳида намегардид.

Дар замони имрӯза аҳаммияти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон хеле баланд аст. Таҳсилоти олӣ хусусияти фаъолияти серсоҳаи ҷамъиятию ташкилотӣ пайдо кард, ки пешомадҳои наздики инкишофи ҷомеа ба он вобаста аст.

Дар ҳар як донишгоҳ ва ҳар як минтақа низ мушкилоти мушаххас вуҷуд дорад. Ин мушкилотро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ кард:

1. Нигоҳ доштани фаъолияти мӯътадили функсионалии донишгоҳҳои мавҷуда дар шароити якбора кам шудани маблағгузории давлатӣ.

2. Таъсиси заминаи қонунгузорӣ бо назардошти муносибатҳои нави иқтисодӣ.

3. Густариши шабакаи донишгоҳҳо ва ихтисосҳо бо назардошти сиёсати омода намудани кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои зарурӣ.

4. Бо кадрҳои дахлдор таъмин намудани донишгоҳҳо.

5. Ҷустуҷӯи манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ.

6. Мушкилаҳои баланд бардоштани дараҷаи профессионализми ҳайати профессорону омӯзгорон.

7. Масоили сифати таълим. Зарурати омода намудани мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ мутобиқи стандартҳои муосири ҷаҳонӣ.

8. Мушкилаҳои таҷрибаи истеҳсолӣ, таълимӣ ва пешаздипломии донишҷӯён.

9. Ҳифзи иҷтимоии омӯзгорон ва донишҷӯён.

10. Ҷанбаҳои маънавию ахлоқии тарбияи хонандагон.

11. Мушкилаҳои баробарии гендерӣ.

12. Барномаҳои таълимӣ, заминаҳои таълимию методӣ.

13. Инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ.

14. Коррупсия дар низоми донишгоҳҳо.

Хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф дар ҷадвали 2.1.1 оварда шудааст, ки аз таваҷҷуҳи давлат ба ин соҳаи муҳим гувоҳӣ медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.1.**

**Динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба маориф**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба маориф (млн. сомонӣ) | 3702,6 | 4338,6 | 4311,4 | 5259,9 | 6240,8 | 7110,9 |
| Ба ҳисоби фоиз ба ММД | 5,2 | 5,5 | 5,2 | 5,2 | 5,4 | 5,4 |
| Ба ҳисоби фоиз ба хароҷоти буҷети давлатӣ | 15,3 | 18,2 | 17,4 | 17,9 | 17,7 | 17,2 |

**Муҳосибаи муаллиф дар асоси:** [84, С.9] Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, АОПҶТ. - 2024. - С.9

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 то 2023 афзоиши назаррас дошт. Соли 2018 ин хароҷот 3702,6 млн. сомонӣ баробар будааст, ки то соли 2023 ба 7110,9 млн. сомонӣ расидааст. Ин афзоиш қариб ду баробар зиёд шудани маблағҳоро дар давоми 6 сол нишон медиҳад. Гарчанде ки раванд устувор аст, соли 2020 як истисно мавҷуд аст: хароҷот аз 4338,6 млн сомонӣ (2019) ба 4311,4 млн сомонӣ коҳиш ёфт. Ин метавонад ба таъсири COVID-19 ё дигар мушкилоти иқтисодӣ вобаста бошад. Ҳамзамон, дар ин сол фоизи хароҷот аз ММД (5,2%) тағйир наёфт, ки ин нишон медиҳад коҳиш дар маблағҳо мувофиқи коҳиши умумииқтисодӣ сурат гирифтааст.

Нисбат ба ММД, ҳиссаи маориф дар ҳама солҳо байни 5,2% ва 5,5% қарор дошт, ки ин афзоиши устувори хароҷотҳоро бо афзоиши ММД ҳамҷоя мекунад. Аз ҷиҳати нисбат ба хароҷоти умумии буҷети давлатӣ, маориф аз 15,3% (2018)

ба 17,2% (2023) расид. Гарчанде ки дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 18,2% расида буд, вале баъдтар як ҳисса коҳиш ёфт, аммо ҳамагӣ аз 15% баландтар монд. Ин нишон медиҳад, ки маориф ҳамчун самти асосии сиёсати давлатӣ боқӣ мондааст.

Соли 2023, ҳатто бо камшавии фоизи нисбат ба хароҷоти умумии давлатӣ (17,2%), маблағи мутлақ ба маориф ба ҳадди баландтарин (7110,9 млн. сомонӣ) расид. Ин далели аҳамияти маориф дар сохтори хароҷотҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар аст. Барои фаҳмиши дақиқи ин равандҳо, таҳқиқи сабабҳои коҳиши соли 2020 ва муқоисаи маблағҳои маорифӣ бо дигар самтҳои хароҷоти давлатӣ муфид хоҳад буд.

Барои муайян кардани робитаи байни хароҷоти давлатӣ ба маориф ва ММД аз усулҳои регрессионӣ истифода шуд. Регрессияи хаттӣ:

Модели регрессияи хаттӣ барои пайдо кардани робитаи Y (хароҷоти маориф) ва X (ММД):

$$Y = a + bX$$

Бо истифода аз маълумотҳои ҷадвал, коэффициентҳои a ва b ҳисоб карда мешаванд.

- Барои маълумоти додашуда:

- $b \approx 0,054$ (ҳар 1 млн афзоиши ММД, хароҷоти маориф ≈ 54 000 сомонӣ афзоиш меёбад).

- $a \approx -223,5$ (интерсепт).

Коэффитсиенти таъйин ($R^2$): 0,98, ки нишон медиҳад 98% тағйироти хароҷотҳо тавассути ММД шарҳ дода мешавад.

Азбаски $b > 0$, робитаи мусбат байни ММД ва хароҷоти маориф мавҷуд аст. Афзоиши ММД боиси афзоиши хароҷот мегардад. Самаранокии модель: ($R^2$): 0,98 нишон медиҳад, ки модель хеле самаранок аст ва ММД таъсири назаррас ба хароҷоти маориф дорад. Аммо дар сол 2020 хароҷоти маориф нисбат ба ММД каме коҳиш ёфт, ки метавонад ба сабаби COVID-19 ё дигар омилҳои берунӣ вобаста бошад.

Робитаи иқтисодии қавӣ ва мазмундор байни хароҷоти давлатӣ ба маориф ва ММД мавҷуд аст. Аз ҳар 1 млн афзоиши ММД, хароҷоти маориф тақрибан 54 000 сомонӣ афзоиш меёбад. Ин робита бо воситаи регрессияи хаттӣ тасдиқ карда шуд, ки нишон медиҳад ММД яке аз омилҳои асосии таъйинкунандаи хароҷоти маориф аст.

Робитаи иқтисодӣ байни хароҷоти маориф ва буҷети давлатӣ низ хеле қавӣ аст. Аз ҳар 1 млн афзоиши буҷет, хароҷоти маориф тақрибан 171 000 сомонӣ афзоиш меёбад. Модели ($R^2$): 0,98 эътироф мекунад, ки буҷети давлатӣ яке аз омилҳои асосии таъйинкунандаи хароҷот ба маориф аст.

Ба далели бад шудани вазъи иҷтимоӣ ва манзилии донишҷӯён, мушкили қабули донишҷӯён ба донишгоҳҳои пойтахт аз манотиқи дигар, дар шимоли кишвар (вилояти Суғд), инчунин дар ВМКБ, донишгоҳҳои нав ё филиалҳои донишгоҳҳои пойтахт кушода шуданд.

Инчунин бисёр донишгоҳҳои тобеияти идорӣ назди вазоратҳои гуногун, аз лиҳози вазоратҳои қувваҳои мусаллаҳ пайдо шудаанд. Шумораи умумии донишгоҳҳои кишвар аз 13 дар соли 1991 то 46 дар соли 2023, теъдоди донишҷӯён – аз 69, 3 ҳазор нафар то 214,4 ҳазор нафар дар ин давра зиёд шудаанд (ниг. ба ҷадвали 2.1.2.).

**Ҷадвали 2.1.2**

**Динамикаи (пӯёи) шумораи донишгоҳҳо ва теъдоди донишҷӯён дар давраи аз солҳои хониши 1991 то 2023**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2018 | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/1991, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои олии таълимӣ | 13 | 39 | 40 | 41 | 46 | 46 | 3,5 мар. |
| Теъдоди донишҷӯён (ҳаз.наф.) | 69,3 | 09,8 | 229,6 | 239,5 | 218,1 | 214,4 | 3,1 |
| Аз ҷумла занҳо (заҳ.наф.) | 23,3 | 76,4 | 86,5 | 89,6 | 89,8 | 87,1 | 3,7 |
| Вазни қиёсии занҳо, % | 34 | 36,4 | 37,7 | 37,4 | 41,2 | 41,5 | - |

**Муҳосибаи муаллиф дар асоси:** [85, С.8]Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, АОПҶТ. - 2024. – С.8.

Аммо таносуби тавозуни гендерӣ дар ин давра хеле бад шуд. Ҳарчанд қонунгузорӣ тамоми ҳуқуқҳои зарурии занон, аз ҷумла гирифтани таҳсилро пешбинӣ мекунад ва сарфи назар аз он, ки дар солҳои охир шумораи духтароне,

ки дар мактабҳои олӣ таҳсил мекунанд, ба таври умум афзудааст, таносуби онҳо нисбат ба шумораи умумии донишҷӯён қариб 10% коҳиш ёфтааст, ва дар соли 2023 – 41,5%-ро ташкил дод.

Сабабҳои асосии номутавозинии гендерӣ дар маҷмуъ дар низоми маориф ва аз ҷумла дар низоми таҳсилоти олӣ инҳоянд:

- таъсири анъана ва диндорӣ;
- тафриқаи таҳсилоти миёна ба ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ;
- стереотипи «касби занона»;
- мушкилаҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

Коррупсия яке аз монеаҳои муҳимми рушди низоми таҳсилоти олӣ боқӣ мемонад. Тадбирҳои мубориза зидди коррупсия ҳанӯз ҳам натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд. Асосан мубориза бо коррупсия ба мубориза бо оқибатҳои он маҳдуд мешавад, на аз байн бурдани сабабҳои он. Ба далели бад шудани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф ва бахусус ҳайати профессорону омӯзгорони мактабҳои олӣ вазъи ба илм ҷалб намудани ҷавонони болаёқат хеле мураккаб мегардад. Бо кадрҳои чавон пур кардани макотиби олӣ суст ба роҳ монда шудааст, бурунрафти кадрҳо бештар дар байни ҷавонон мушоҳида мешавад.

Чи тавре ки маълум аст, барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ҷалби омӯзгорони мутахассиси дахлдор ва хароҷоти зарурии моддию техникиро талаб мекунад. Дар бобати ҷалб намудани муаллимони мутахассис душвориҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Яке аз ин душвориҳо дар мактабҳои олӣ нарасидани омӯзгорони баландихтисос мебошад. Манзари бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани донишгоҳҳои ҷумҳурӣ чунин намуд дорад (ниг. ба ҷадвали 2.1.3).

Бояд гуфт, ки дар соли таҳсили 1998/1999 дар низоми таҳсилоти олӣ 1902 нафар олимони дорои унвони илмӣ фаъолият дошта бошанд, ки 32,7% шумораи умумии омӯзгоронро ташкил медиҳад, ин нишондод дар солҳои 2023/2024 ба 4947 нафар олимон (35,3% шумораи умумии кадрҳои педагогӣ) баробар буд. Яъне дар тули 33 соли истиқлолия ҳамагӣ 2,6% афзоиш доштааст. Дар ҳоле, ки

теъдоди донишҷуён дар ин давра 3,5 маротиба (аз 69,3 ҳазор нафар ба 214,4 ҳазор нафар) афзудааст.

Ҷадвали 2.1.3 Шумораи омузгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ

| Солҳо | Ҳамагӣ (*ҳайати асосӣ*) | ғайр аз ин, кормандони дуҷоякор | Аз шумораи умумӣ унвони илмӣ доранд | | | | аз шумораи умумӣ - занон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | номзади илм | аз онҳо занон | доктори илм | аз онҳо занон | |
| 2019/20 | 11681 | 1179 | 2939 | 923 | 630 | 97 | 3956 |
| 2020/21 | 11746 | 1261 | 3204 | 952 | 694 | 108 | 4179 |
| 2021/22 | 12642 | 1276 | 3330 | 979 | 657 | 104 | 4654 |
| 2022/23 | 11762 | 1249 | 3325 | 1403 | 734 | 106 | 4551 |
| 2023/24 | 13989 | 1564 | 4166 | 2112 | 781 | 129 | 5677 |

**Муҳосибаи муаллиф дар асоси:** [86. С.97] Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, АОПҶТ. - 2024. – С.97.

Шумораи умумии омузгорон аз 11681 нафар (2019/2020) ба 13989 нафар (2023/2024) афзудааст, ки ин 20% афзоишро нишон медиҳад. Дар ҳамин замон, шумораи кормандони дуҷоякор аз 1179 ба 1564 нафар расид. Омузгорони соҳиби унвонҳои илмӣ (номзаду доктор) аз 2939 нафар ба 4 166 нафар афзуд (42%). Ҳиссаи занон дар байни онҳо аз 31,4% (923 нафар) ба 50,7% (2112 нафар) омада расидасст, ки нишондиҳандаи фаъолнокии занон дар соҳаи маориф мебошад.

Таносуби донишҷӯён ба омузгорон аз 20:1 (2019/2020) ба 15:1 (2023/2024) коҳиш ёфт, ки ин такмили шароити таълимро нишон медиҳад. Аммо, шумораи умумии донишҷӯён аз 229 626 ба 214 435 коҳиш ёфтааст, ки эҳтимолан бо дигар омилҳо вобастагӣ дорад.

Масоили муҳимми низоми маориф сатҳи пасти сифати таҳсилоти олӣ мебошад. Сатҳи сифати таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ асосан аз сифатҳои касбии ҳайати профессорону омӯзгорон, аз фидокорӣ, нововарӣ ва саҳми худи онҳо ба илми интихобшуда вобаста аст. Ғайр аз ин, бо заминаи моддию техникии замонавӣ таъмин намудани донишгоҳ аҳаммияти калон дорад, ки ин имкон медиҳад мутахассисони ба талаботи бозору ҷомеа мувофиқ тайёр карда шаванд.

Омода намудани номзадҳо ва докторҳои илм яке аз роҳҳои асосии бо кадрҳои баландихтисос пурра намудани донишгоҳҳо мебошад. Ҳамасола дар Тоҷикистон беш аз 46 рисолаи номзадӣ ва ҳудуди 14 рисолаи докторӣ дифоъ карда мешавад. Аммо, мутаассифона, бисёр ҳайати профессорону омӯзгорони дорои унвони илмӣ бошанд, дар сурати пайдо шудани имконот ба дигар ташкилотҳо барои кор мераванд ва дар он ҷо музди хуб мегиранд.

Омӯзиши омилҳои иҷтимоию иқтисодии рушди таҳсилоти олӣ як қатор камбудиҳои роҳбарии мақомоти кишварро низ ошкор намуд. Рушди таҳсилоти олӣ ҳамчун соҳаи мушаххаси хоҷагии халқ бештар аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст, ки дар байни онҳо низом ва андозаи музди меҳнати кормандони факултет, имкониятҳои иқтисодии истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимӣ ва низоми ҳифзи иҷтимоии омӯзгорон ва донишҷӯён муҳимтаранд.

Ҳ.М. Саидова, Р.М. Мирбобоев дуруст қайд менамоянд, ки сатҳи хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ «... дар ҷумҳурӣ новобаста ба чораҳои андешидаистода ва гузаронидани ислоҳот дар ин соҳа беҳбудиро талаб менамояд. Ҳанӯз ҳам, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе омӯзиши бозори меҳнат фаъолияти омодасозии кадрҳоро ба роҳ мемонанд, ки ба зиѐд шудани шумораи ба кор таъмин нагардидани хатмкунандагон ва коҳиш ѐфтани нуфузи таҳсилоти олӣ дар мамлакат гардидааст. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бояд сарчашмаҳои алтернативии ҷалби маблағгузориҳоро дарѐфт намоянд ва вобастагии худро аз ҷамъоварии маблағи донишҷӯѐни гурӯҳҳои шартномавӣ камтар намоянд. Дар ин маврид, муассисаҳои таълимӣ дарк менамоянд, ки бо дарназардошти тақозои бозори меҳнат фаъолият намоянд ва тибқи фармоиши корфармоѐн ба тайѐр намудани кадрҳо машғул гарданд» [142, С.99].

Музди меҳнати кормандони низоми таҳсилоти олӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад. Солҳои охир музди меҳнати омӯзгорони донишгоҳҳо аз ҳисоби манбаъҳои зикршуда зиёд шуда истодааст, аммо бинобар мунтазам афзудани арзиши буҷети истеъмолӣ қобилияти

харидории воқеии музди меҳнат коҳиш меёбад, зеро суръати афзоиши нархҳои истеъмолӣ аз суръати афзоиши музди меҳнати кормандони низоми таҳсилоти олӣ зиёдтар аст. Фаъолияти иттифоқҳои касаба дар бобати ба ҳамаи омӯзгорони эҳтиёҷманд расонидани ёри иҷтимоӣ - табобат, истироҳат ва ғайра низ хеле суст ба роҳ монда шудааст.

Муаллимону омӯзгорони хуб танҳо дар сурати пешниҳод кардани маоши ҳавасмандкунанда ҷалб карда мешаванд.

Агар ин нишондодро бо рақамҳои умумиаврупоӣ муқоиса кунем, пас тафовут хеле зиёд аст. Дар ин шароит ба низоми маориф одамони тасодуфӣ барои дарёфти даромади кам, вале устувор меоянд. Муаллимони ботаҷриба бошад, барои зиёд кардани даромади худ, бори соатҳои зиёдро ба даст меоранд, воқеан барои фарсудашавӣ кор мекунанд. Дар ҷомеа мақоми иҷтимоии омӯзгор аз рӯйи анъана баланд аст, вале аз нигоҳи иқтисодӣ омӯзгорон душвориҳои зиёдеро аз сар мегузаронанд.

Мушкилоти соҳаи маориф ба сатҳи маълумоти касбии аҳолӣ таъсир расонидааст. Дар давраи байни ду барӯйхатгирии аҳолӣ (солҳои 1989 ва 2000) сатҳи маълумоти касбии аҳолӣ 1,5 баробар паст шуд.

Низоми мавҷудаи таҳсилоти касбӣ метавонад ҳамасола каме бештар аз 45% ҷавонони ба бозори меҳнат воридшударо омода созад. Фарогирии нопурраи ҷавонон бо таҳсилоти касбӣ аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ (солҳои 80-90-уми асри гузашта) дар Тоҷикистон мушкили анъанавӣ буд. Таносуби шумораи мутахассисони омоданамудаи маълумоти олӣ, миёнаи махсус ва ибтидоӣ дар мамлакати мо 2:1:2 мебошад. Дар ин маврид зарурати таълими вобаста ба муҳоҷирати меҳнатии қисми зиёди аҳолӣ ба назар гирифта намешавад. Аммо бештар аз нисфи муҳоҷирони меҳнатӣ касбу малакаи меҳнатӣ надоранд. Илова бар ин, эҳтиёҷоти муҳоҷирони баргашта ба сертификатсияи малакаҳои меҳнатии дар хориҷа гирифташуда сол то сол меафзояд. Яъне, низоми таълими касбиро қисман ба талаботи муҳоҷирон равона кардан мумкин буд.

Дар шароити кунунӣ ҳаёт тақозо мекунад, ки мантиқ, шакл ва роҳҳои ҳамгироии низоми таҳсилоти олӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ вобаста ба шароити муосир бо мақсади афзун намудани самаранокии ҳамкориҳои судманд равшан карда шавад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши вазъи кунунии муносибатҳои байналмилалии таҳсилоти олии ватанӣ, муайян кардани мушкилот ва мушкилот, муайян кардани тамоюл ва дурнамои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф.

Қобили зикр аст, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон интернатсионализатсияи таҳсилоти олиро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ҳамгироии донишгоҳҳои Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Ин раванд бо иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи стратегияи ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ пурсамартар сурат мегирад.

Ҳамин тавр, низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҳамчун низоми кушодаи иҷтимоии дорои робитаи ғайриқатъии байни унсурҳо, мувофиқати худи унсурҳо ва тағйирпазирии танзими меъёрӣ тавсиф кард. Дар айни замон вай ба хусусиятҳои асосии муносибати низоммандӣ ҷавобгӯ аст. Ин вазъро бо он шарҳ медиҳад, ки Тоҷикистон ҳам мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низоми мутамаркази маорифро ҳамоҳангсозӣ, аз ҷиҳати молиявӣ амн ба мерос гирифтааст.

Ба назари мо, низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон аз тамоюлҳои ҷаҳонии рушди таҳсилоти олӣ хеле ақиб мондааст. Ва, маҳз ҳамин ҳолат, махсусан ба рушди сармояи инсонӣ дар кишвар зарар мерасонад. Бар асоси ин, дар баробари ҳалли мушкилоти дохилӣ, андешидани тадбирҳо оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва интернатсионаликунонӣ гардонидани таҳсилоти олӣ барои ҳамгироии донишгоҳҳои тоҷик ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ зарур аст. Дар ҳоле, ки ҷанбаи байналмиллалӣ дар фаъолияти ташкилотҳои таълимӣ чизи асосӣ ва бартаридошта набуда, дар айни замон ҳамчун дастурамал, стандарти татбиқи вазифаҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки аз ҷониби таҳсилоти олӣ ҳал карда мешаванд, зоҳир мегардад. Дар ҳақиқат тарҳҳои чунин низом мушоҳида карда

мешаванд, ки комёбиҳо, мушкилот ва ихтилофотро ба вуҷуд меоранд. Вазифаҳои асосии низоми таҳсилоти олиро чунин номбар намудан мумкин аст:

- идома додани ҳавасмандгардонии инноватсия ва технологияҳо тавассути истифодаи иқтидори донишгоҳҳо ва муассисаҳои тадқиқотӣ, бахусус паркҳои илмию технологӣ дар ҳамкорӣ бо бахшҳои саноатӣ, хизматрасонӣ ва иҷтимоӣ;
- баланд бардоштани ҳиссаи шуғл тавассути ширкатҳои донишҷуён ва марказҳои шуғл;
- дастгирии махсуси воҳидҳои технологии нав;
- дастгирии ташаккули кластерҳои зеҳнӣ дар донишгоҳҳо бо мақсади ҳамкории муассир бо ҳукумат, иҷрои масъулияти иҷтимоии донишгоҳ ва кӯмак ба системаи қабули қарорҳо;
- банақшагирии густариши салоҳияти касбӣ ва этикаи илмӣ;
- мусоидат ба хуруҷи системаи таҳсилоти олӣ аз давраҳои пӯшидаи ҷорӣ дар таълим ва ворид шудан ба фазои кушоду васеи таҳсилоти якҷоя ва виртуалӣ;
- амиқтар кардани фаъолияти фарҳангӣ, арзишҳои варзишӣ ва миллӣ ва таҳкими ҳаёти донишҷӯён дар соҳаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар баробари соҳаҳои таълимӣ, маҳорат ва тадқиқотӣ;
- эътироф кардани осеби равонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо мақсади коҳиш додани мушкилоти академӣ, равонӣ ва иҷтимоии донишҷӯён.

Стратегияи асосии дар амал ҷорӣ намудани вазифаҳои мазкур инҳо ба шумор мераванд:

➢ ниҳодина сохтани шиори илм решаи дониш ва огаҳӣ аст, таҷриба фаровонии ақлро абадӣ мегардонад ва боиси иззату шаъну шарафи миллат хоҳад шуд;

➢ ҷорӣ намудани усулу моделҳои нав бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими донишгоҳҳо;

➢ муносибати нав ба азнавташкилдиҳӣ, арзёбӣ ва андозагирии сифати барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ;

- баррасии роҳҳои пешравии донишгоҳ дар соҳаи иқтисодиёт аа бо мақсади худдории молиявӣ ва ҳавасмандгардонии бизнесҳои нав;
- тарҳрезии моделҳои наздикшавии наслҳо байни донишҷӯён ва профессорон ва таҳкими умеду эътимод бо мақсади табодули афкор дар соҳаи таҳсилоти олии кишвар.

Дар ҳамин ҳол низоми омода намудани кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ хеле нигаронкунанда боқӣ мемонад. Солҳои охир қабул ба докторантура (PHD) ривоҷ ёфта истодааст, аммо ҳимояи рисолаҳои доктор PHD хеле кам мебошад. Дар соли 2023 1 166 нафар докторант PhD фаъолият доштанд, ки аз онҳо 433 нафар занон (37%) буданд. 417 нафар қабул шуданд, 310 нафар хатм карданд, ва танҳо 24 нафар (7,7% аз хатмкардагон) диссертатсияи худро ҳимоя намуданд.

Аз руи соҳаҳои илмӣ иқтисодиёт (301 нафар) ва филология (179 нафар) бештар аз нисфи докторантҳоро ташкил медиҳанд. Физика-математика (73), техникӣ (59), биология (70) камтар таваҷҷуҳ ҷалб карданд. Дар соҳаҳои ветеринария, фарҳангшиносӣ, меъморӣ маълумот нест.  Занон дар қабул 33% (138 нафар), дар хатм 27% (83 нафар), дар ҳимоя 25% (6 нафар) буданд.

Танҳо 7,7% хатмкардагон диссертатсия ҳимоя карданд. Ин эҳтимолан аз нокомии системаи илмӣ, камбудии молиявӣ ва мушкилоти методологӣ шаҳодат медиҳад.  Аз дигар су, миқдори хатмкардагон (310) нисбат ба қабул (417) кам аст. Ин метавонад бо коҳиши самаранокӣ ё мушкилоти иҷроии таҳқиқот вобаста бошад.

Таваҷҷуҳ бештар ба соҳаҳои иқтисодӣ ва филология аст, дар ҳоле ки фанҳои техникӣ ва табиатшиносӣ камтар рушд ёфтаанд. Афзоиши дастгирии молиявӣ ва методологӣ барои ҳимояи диссертацияҳо, ташвиқи рушди соҳаҳои техникӣ ва табиатшиносӣ бо мақсади баланд бардоштани аҳамияти онҳо, таҳқиқи сабабҳои коҳиши самаранокии хатм аз докторантура, ҷалби бештари занон ба илм ва таъмини шароити баробар барои фаъолияти онҳо,ислоҳоти низоми докторанутра (PHD) барои такмили сифати таҳсилот ва таҳқиқот аз масоли ҳалталаб боқӣ мемонанд.

Дар низоми таҳсили докторантураи анъанавӣ низ ҳолат чандон умедбахш нест. Дар соли 2023 95 нафар докторант дар системаи анъанавӣ таҳсил доштанд, ки аз онҳо 27 нафар занон (28%) буданд. 49 нафар қабул шуданд, 11 нафар хатм карданд, ва танҳо 7 нафар (63% аз хатмкардагон) диссертатсия ҳимоя намуданд. Дар соҳаҳои тиббӣ (32 нафар) ва педагогика (16 нафар) бештар аз нисфи докторантҳоро ташкил медиҳанд. Филология (10), иқтисодиёт (5), физика-математика (6) камтар фаъол буданд. Дар соҳаҳои техникӣ, кишоварзӣ, ҳуқуқшиносӣ, ветеринария маълумот нест ё хеле кам аст. Дар ҳамин ҳол, занон дар қабул 35% (17 нафар), дар хатм 27% (3 нафар), дар ҳимоя 29% (2 нафар) буданд. Дар маҷмуъ 63% хатмкардагон диссертатсия ҳимоя карданд, аммо ин ба шумораи умумии хатмкардагон (11) нисбат хеле паст аст. Дар низоми анъанавӣ низ илмҳои техникӣ ва дақиқи рушди камтар доранд. Дар ин самт ба афзоиши дастгирии молиявӣ ва методологӣ барои докторантҳо, хусусан дар соҳаҳои техникӣ, ташвиқи занон ба иштирок дар таҳқиқот ва таъмини шароити баробар барои онҳо, таҳқиқи сабабҳои пасти ҳимояи диссертатсияҳо ва ислоҳоти раванди таҳқиқотӣ, рушди соҳаҳои илмҳои дақиқ ва техникӣ, таъсиси барномаҳои ҳамоҳангсозии байни муассисаҳои илмӣ ва саноатӣ барои афзоиши аҳамияти таҳқиқот бояд бештар аҳамият дод.

Ҳамин тавр, торафт бештар дарк мешавад, ки тағйироти иҷтимоӣ, тағйирот дар фарҳанг ва тарзи ҳаёти насли нав, рушди технологияҳои нав ва албатта, гардиш дар илм боиси он шудааст, ки таъинот, интизориҳо ва вазифаҳои системаи таҳсилоти олӣ аз он чизе, ки мо дар даҳсолаи гузашта тасаввур мешуд, фаротар рафтанд. Чунин дигаргуниҳо, ба ғайр аз таъсир расонидан ба муносибатҳои муаллимон ва донишҷӯен, ба фарҳанг, таълим ва амалияи таълим, инчунин чигунагии муносибат ба донишгоҳ ва омода намудани кадрҳои илмӣ таъсири калон расонданд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ислоҳоти куллии соҳаи илм ва мориф дар ҷумҳурӣ аз вазифаҳои муҳим ва стратегии рушди сармояи инсонии миллӣ боқӣ мемонад.

## 2.2. Накши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди сармояи инсонӣ

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз омилҳои муҳим дар рушди сармояи инсонӣ шинохта шудааст. Дар шароити Тоҷикистон аҳамияти масъалаи мазкур хеле назаррас мебошад. Зеро қариб беш аз се даҳсола аст, ки падидаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз падидаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии тоҷикистониён гардидааст.

Марк Блауг қайд мекунад: «мафҳуми сармояи инсонӣ ё «ядрои сахт» барномаи таҳқиқоти сармояи инсонӣ ин ақидаест, ки одамон захираҳоро барои худ ба роҳҳои гуногун сарф мекунанд - на танҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои ҷорӣ, балки ба хотири даромади ояндаи пулӣ ва ғайрипулӣ. Онҳо метавонанд ба саломатии худ сармоягузорӣ кунанд; ихтиёран маълумоти иловагӣ гирифта метавонад; метавонад ба ҷои қабули пешниҳоди аввалине, ки дучор мешавад, дар ҷустуҷӯи кор бо маоши баландтарин вақт сарф кунад; дар бораи ҷойҳои холӣ маълумот харида метавонад; метавонад барои истифода аз имкониятҳои беҳтари иштиғол муҳоҷират кунад...» [17, С.317].

Дар назарияи иқтисодӣ ва назарияи сармояи инсонӣ, муносибати байни муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди сармояи инсониро метавон ҳамчун раванди дуҷанба тавсиф кард. Аз як тараф, муҳоҷират ба воситаи пули ирсолӣ ва омӯзиши маҳоратҳо ба афзоиши сармояи инсонӣ мусоидат мекунад: оилаҳо аз хаҷми маблағҳои ирсолишуда барои таълими болоии фарзандон, харидории китобҳо ё хидматҳои тиббӣ истифода мебаранд. Ғайр аз ин, муҳоҷирони бозгашта малакаҳои касбии гирифта дар кишварҳои пешрафта (технологияҳои сохтмонӣ, усулҳои кишоварзии муосир) ба кишвар меоваранд, ки ин ба рушди соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, нопуррагии сармояи инсонӣ худи муҳоҷиратро таҳдид мекунад: дастнорасӣ ба таълими босифат, камшавии музди меҳнат дар деҳот ва нобаробарии имкониятҳо шахсони ҷавонро ба ҷустуҷӯи кор дар хориҷа маҷбур менамояд. Ин раванд метавонад ба фирори маҳоратҳо (Brain Drain) оварда расонад, вақте ки мутахассисони баландихтисос барои кор дар хориҷа кишварро тарк мекунанд, ки ин ба иқтисодиёт ва рушди иҷтимоӣ зарар мерасонад. Ҳамзамон, вобастагии зиёди

ММД ба пули ирсолӣ метавонад сабаби суст шудани сармоягузориҳо дар соҳаҳои асосии истеҳсолӣ (саноат, кишоварзӣ) гардад, ки ин низ барои рушди устувори сармояи инсонӣ монеъ аст. Барои шикастани ин ҳалқаи манфӣ, зарур аст ки сиёсатҳо ба сӯи сармоягузорӣ ба таълими сифатӣ, эҷоди кори мутаносиб ва ташвиқи бозгашти муҳоҷирони маҳрум аз ҳуқуқҳо равона карда шаванд. Ин тадбирҳо метавонанд муҳоҷиратро аз «омили зидди рушд» ба «воситаи рушди сармояи инсонӣ» табдил диҳанд.

Имрӯз муҳоҷирати байналмилалӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини динамикӣ ва тағйироти аҳолӣ ва таркиби он мавриди таваҷҷуҳи муҳаќќиќон ва сиёсатмадорон мебошад. Ҷаҳони муосирро асри муҳоҷират меноманд. Дар бораи муҳоҷирати тоҷикон ба хориҷ маълумоти дақиқи оморӣ вуҷуд надорад, аммо самт ва ҷараёни асосии муҳоҷирати афроди бомаҳорат ва таҳсилкарда ба Россия ва кишварҳои пешрафта ва махсусан кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ мебошад.

Ҳоло, дар натиҷаи инқилоби иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар минтақаи аз ҷиҳати саноатӣ пешрафтаи ҷаҳон ҷомеаи пасосаноатӣ тадриҷан ба ҷомеаи иттилоотӣ мубаддал мешавад. Дар натиҷаи ташаккули институтҳои нав дар ҷомеаи ҷаҳонӣ барои мубодилаи босуръати иттилоот шароити воқеӣ фароҳам оварда мешавад, ки ба ин раванд мусоидат мекунад. мусоидат мекунад.

Аз тарафи дигар бозори ҷаҳонии меҳнат ташаккул меёбад. Ташаккули бозори ҷаҳонии меҳнат натиҷаи раванди сегона: афзоиши ҳаракати байналхалқии се омили асосии истеҳсолот - сармоя, меҳнат ва иттилоот мебошад. Муносибати байниҳамдигарии онҳо, ки бутунии иқтисодии ҷаҳонро ба вуҷуд меоварад, торафт воқеӣ ва аҳаммияти калон пайдо мекунад. Ҷаҳонишавии бозори меҳнат бо ҷаҳонишавии бозорҳои мол ва сармоя дар якҷоягӣ мегузарад. Ба ин маъно, муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари ҳаракати сармоя ва тиҷорат ба унсуре табдил меёбад, ки ташаккули сикли ягонаи ҷаҳониро таъмин мекунад. Бо рушди нерӯҳои истеҳсолкунанда, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ташаккули қувваи кории фаромиллӣ бо

хосиятҳои ҳаракати «глобалӣ» аҳаммияти иқтисодии муносибатҳои муҳоҷират дар рушди сармояи инсонӣ ҳам дар сатҳи мамлакати алохида ва ҳам дар маҷмуъ.

Аз ҷониби дигар, таҳсилот ҷаҳонӣ шуда, стандартҳои ягона ташаккул меёбанд, монеаҳо дар фазои таълимӣ рафъ шуда, шаклҳои нави таълим васеъ мегарданд. Дар воқеъ, маориф ҳам омил ва ҳам шарти амиқтар шудани ҷаҳонишавӣ дар фазои ҷаҳонӣ мегардад. Гузашта аз ин, маориф омили муҳоҷирати аҳолӣ мегардад.

Инчунин, тағйироти парадигмаи иҷтимоию сиёсӣ ба вуҷуд меояд, ки ба ҳамин инқилоб рост меояд ва аз он бармеангезад, ки боиси тағйироти амиқи сохторҳои институтсионалии ҳар як кишвар мегардад.

Дар чунин шароит мусоидат намудан ба азнавсозии сохторӣ ва технологии (азнавсозии) истеҳсолот тавассути муҳоҷират ба мақсад мувофиқ менамояд. Кишварҳое, ки қувваи корӣ содир мекунанд, одатан барои чунин содирот дар шакли интиқоли як қисми даромади муҳоҷирон ба кишвари худ як навъ музд мегиранд.

Дар ин замина, далели мавқеи имтиёзноки қудратҳои пешрафтаи саноатӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ метавонад ҳамчун фирори мағзҳо (шуурҳо) аз кишварҳои сусттараққикарда хизмат кунад. Фирори мағзҳо ба давлатҳои донор зиён меорад, аммо онҳо ба мисли хисороти офатҳои табиӣ ё офати техногенӣ равшан нестанд, вале аксар вақт ҳатто аз андозаи он зиёдтаранд. Давлати донор хароҷоти зиёдеро, ки вай ё сохторҳои хоҷагии халқ барои тарбия ва тайёр кардани мутахассиси баландихтисос, хоҳ олим, хоҳ мусиқичӣ, хоҳ духтур ё муҳандис сарф кардааст, аз даст медиҳад. Ба ин мо бояд фоидаи аз даст додашударо илова кунем, ки онҳо дар давоми солҳои кори фаъолонаи худ ба иқтисодиёт оварда метавонистанд ва одатан аз хароҷоти омӯзиш бештар пул медиҳанд.

Муҳоҷир дониш, таҷрибаи «шахсӣ» аст. Илова бар ин, барои ӯ дониши андӯхтаи инсоният ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва ҳам мақсади ҳаракати ӯ амал мекунад. Иштироки шахсии ӯ дар раванди истеҳсол ва ҷамъоварии дониш аз он

иборат аст, ки ба дониши аввала (дар раванди таълим гирифташуда) дониши наве илова карда шавад, ки тавассути татбиқи он, таҷассуми он дар фаъолияти амалӣ сурат мегирад. Бояд гуфт, ки ҷараёни истеҳсол ва андӯхти дониш ҳеҷ гоҳ «аз аввал» оғоз намеёбад, балки ҳамчун такмили таҷриба ва донишҳои аллакай мавҷуда, ҳамчун табдили дониши андӯхтшуда идоа меёбад [50].

Муҳоҷират дар симои ҷомеаи тоҷик доғи нав нест ва дар тӯли солҳо ҳар яки мо дар оила ва муҳити худ бо он рӯ ба рӯ шудаем, мо холигоҳеро дидем, ки ҳамсабақон ва дӯстони наздики мо аз сар гузаронидаанд ва онҳое, ки тасмим гирифтанд муҳоҷиратро барои зиндагии беҳтар душвор созанд. Ҳадди аққал дар чор соли охир мавҷи муҳоҷират дар байни соҳибкорон ва роҳбарони сатҳи олии корпоратсияҳо ҷараени пурқувваттар шудааст, мавҷе, ки дар байни фаъолони иқтисодӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои ҷомеа хушунати бештар ба бор меорад. Бисере аз фаъолон мавҷи муҳоҷиратро барои корхонаҳои боқимондаи кишвар аз омили харобиовар тавсиф мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳаммул ва заҳматкашии коргарони тоҷик метавон бо итминон гуфт, ки дар маҷмуъ дар кишвар нерӯйи корӣ мавҷуд аст, ки дар БҶМ рақобатпазир аст.

Н.Р. Маҳмадуллозода қайд менамояд, ки: «Дар айни замон ба бозори меҳнати Тоҷикистон номутаносибӣ ва ташаннуҷи аз ҳад зиёд хос аст, ки ин ба чанд омил, пеш аз ҳама, ба сатҳи нисбатан баланди таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ, инчунин ба нокифоя будани шумораи ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод вобаста аст. Аҳолии Тоҷикистон дар аввали соли 2023 беш аз 9 миллион нафарро ташкил медиҳад. Дар 10 соли охир шумораи аҳолии Тоҷикистон қариб 1/3 (57,8%) ва захираҳои меҳнатӣ беш аз 77,4% афзудааст. Дар баробари ин, аҳолии машғули кор дар ҳамин давра 45,2 дарсад афзуда, сатҳи шуғлнокӣ дар аввали соли 2023 44,8 дарсадро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли 2000 18 дарсад пасттар мебошад. Яъне афзоиши сатҳи шуғлнокӣ аз афзоиши қувваи корӣ 37,0 дарсад ақиб мемонад. Шумораи захираҳои корӣ то 1 январи соли 2023 ба 5653,0 ҳазор нафар расид (нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 24,7 дарсад зиёд). Афзоиши шумораи

аҳолии машғули кор аз афзоиши захираҳои корӣ қариб 71,2 дарсад ақиб монда, вазъи бозори меҳнатро душвор мегардонад. Ҳамин тариқ, бозори дохилии меҳнати Тоҷикистон дар ин марҳала қодир нест, ки тамоми аҳолии қобили меҳнатро бо кор таъмин намояд» [92, С.154].

Баррасии тамоюли холиси муҳоҷират нишон медиҳад, ки тавозуни муҳоҷирати аз Тоҷикистон дар ду даҳаи ахир манфӣ буда, дар соли 2023 тақрибан 350 000 нафар будааст. Тамоюли манфии тавозуни муҳоҷират дар ду даҳсола ва ба вижа дар солҳои ахир аз омилҳое аст, ки ба коҳиши афзоиши ҷамъияти Тоҷикистон ва аз даст додани сармояи ҷавонону таҳсилдида таъсир мерасонад.

Гардиши муҳоҷират дар солҳои 2000-2023 дар ҷадвали 2.2.1. оварда шудааст, ки динамикаи мусбии муҳоҷирати хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2.2.1**

**Динамикаи муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2000-2023**

| Нишондиҳанда | 2000 | 2005 | 2006 | 2012 | 2016 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи омадагон, ҳаз.наф. | 14,5 | 17,9 | 19,6 | 24,3 | 24,4 | 33,5 | 30,3 | 27,0 |
| Афзоиши ҳарсола, % | | 117,7 | 109,4 | 124,0 | 100,4 | 105,0 | 90,4 | 89,1 |
| Шумораи хуруҷон, ҳаз.наф. | 28,1 | 27,3 | 30,5 | 38,8 | 37,7 | 40,8 | 39,1 | 34,9 |
| Афзоиши ҳарсола, % | | 111,4 | 111,7 | 127 | 97,1 | 98,6 | 96,7 | 89,2 |
| Афзоиши муҳоҷиратӣ, наф. | -3,7 | -9,3 | -10,9 | -14,5 | -13,2 | - 7,3 | - 8,8 | -7,9 |

**Муҳосибаи муаллиф дар асоси:** [114, С.36] Омори солона. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОПҶТ. – 2024. - С.36.

Аз як сӯ таваррум ва мушкилоти иқтисодӣ боиси муҳоҷирати гурӯҳҳои бузурги фаъолони иқтисодӣ ва аз сӯи дигар камбуди барқ ва фишорҳои иҷтимоӣ боиси он шудааст, ки баъзе ширкатҳои дигар ва ҳатто менеҷерони соҳибкор дигар намехоҳанд дар Тоҷикистон кор кунанд.

- муҳити солими кор дар ташкилот, ки чунин унсурҳои ташкилиро, ба монанди муҳити ташкилӣ, муҳити иҷтимоӣ (дастгирии иҷтимоӣ ва ахлоқӣ байни кормандон), ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии кормандон, инчунин коҳиш додани аз кор озодкунӣ ва амсоли ин;

- аз ҷониби корманд баҳодиҳии сифати ҳаёти меҳнатӣ ва сифати вазифаҳои иҷтимоию равонии он;

- дарки мусбати муҳити корӣ, саломатии касбӣ ва қаноатмандии кормандон;

- воситаҳое, ки аз қаноатмандӣ аз ҳаёти шахсӣ (масалан, қаноатмандӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ ва оилавӣ, мавҷудияти фароғат ва рӯҳонӣ) ва қаноатмандии кор (аз қабили қаноатмандӣ аз низоми пардохт ва имконияти зиёд кардани қаноатмандӣ аз хусусияти кор ва ҳамкорон), саломатии ҷисмонӣ иборатанд;

- сифати умумии кор ва таҷрибаи кормандон дар ҷои кор;

- сифати матлуби зиндагӣ, баҳодиҳии ҳаёти корӣ аз нуқтаи назари эҳсосоти мусбӣ ва афзоянда ва эҳсосоти манфӣ дар ҷои кор.

Некӯаҳволии ташкилӣ дорои ҷанбаҳои равонӣ, ҳувиятӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошад, ки қувваи илҳомбахш ва ҳавасмандкунанда барои таҳқиқи пайвастаи маънои ҳаёти корӣ, дарки амиқи арзиши меҳнат, таваҷҷуҳ ба низоми эътиқоди шахсӣ, баланд бардоштани сатҳи равонӣ ва алоқаҳои сохтии иҷтимоиро пешбинӣ менамояд.

Мо таъсири эҷоди арзиши стратегии сармояи инсониро ба ҳосилнокии захираҳои инсонӣ тавассути нақши миёнаравии некӯаҳволии касбии коргарони корхонаҳои саноатии минтақа баррасӣ мекунем. Ҳадафҳои дуюмдараҷа ин омӯхтани таъсири тағйирёбандаҳои муносибатҳои мусбии ташкилӣ, худдарки касбӣ, мустақилияти кор, мақсаднокӣ, бартарӣ бар муҳити зист, пешрафти мансаб, сохтани даста, навоварӣ ва хидматҳо ба баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои инсонӣ мебошанд.

Чаҳорчӯби назариявӣ ва амсилаи консептуалии таҳқиқот барои тағйирёбандаҳои вобаста ба фаъолияти захираҳои инсонӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: қобилият, дарк ва шинохт, ҳавасмандкунӣ, дастгирии ташкилӣ, фикру мулоҳиза, асоснокӣ ва мутобиқат. Барои тағйирёбандаи миёнаравии некӯаҳволии касбӣ дар асоси амсилаи Шнайдер (1991) ҷузъҳои муносибатҳои мусбии ташкилӣ, худдарки касбӣ, мустақилияти кор, мақсаднокӣ, бартарӣ бар муҳити зист ва рушди касб дохил карда шудаанд. Ва, барои тағйирёбандаи мустақили эҷоди арзиши стратегии сармояи инсонӣ - ҷузъҳои ташкилаи гурӯҳӣ (тимбилдинг), инноватсия ва хидматҳо.




**Расми 3.1.1. Амсилаи консептуалии таҳқиқот**

Дар асоси чаҳорчӯбаи назариявии таҳқиқот, амсилаи амалиётӣ ва раванди индексатсия барои тағйирёбандаҳои мустақил, вобаста ва даллоли таҳқиқот дар зер оварда шудаанд (расми 3.1.2).

Чи тавре, ки дар боло зикр гардид, барои андозагирӣ ва таҳлили маълумоти ин таҳқиқот саволномаи стандартӣ истифода шудааст, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

А) Таъсиси арзиши стратегии сармояи инсонӣ.

Миқёси эҷоди арзиши стратегии сармояи инсонӣ аз воситаи арзёбии 12-ҷузъӣ дар се самт ҳисоб карда мешавад: соҳаҳои инфиродӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ аз рӯйи арзёбии панҷ миқёс, аз «ман комилан розӣ нестам» то «ман комилан розӣ». Коэффисиенти Алфа Кронбах барои миқёси эҷоди арзиши стратегӣ аз 0, 76 то 0, 89 ҳисоб карда мешавад. Маҳз бо ёрии коэффисиенти Алфа Кронбах эътимоднокии эҷоди арзиши тағйирёбандаи стратегӣ бо суръати 0, 82 ба даст омад.

Б) Беҳбудии касбии нерӯйи инсонӣ.

Дар ин ҷо, чи хеле, ки мо дар боло қайд кардем, амсилаи Шнейдер истифода шудааст. Миқёси беҳбудии касбӣ аз 15 ҷузъ иборат аст, ки аз онҳо 3-тоаш бо тағйирёбандаи робитаҳои мусбии ташкилӣ алоқаманд аст; 2 - худшиносии касбӣ; 3 - мустакилият (мухтори) дар кор; 2 - мақсаднокӣ; 3 - бартарӣ дар муҳити зист; 2 – пешравӣ дар мансаб.

В) Махсулнокии нерӯйи инсонӣ.

Чи тавре, ки дар боло зикр гардид, барои андозагирӣ ва таҳлили маълумоти ин таҳқиқот саволномаи стандартӣ истифода шудааст, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

А) Таъсиси арзиши стратегии сармояи инсонӣ.

Миқёси эҷоди арзиши стратегии сармояи инсонӣ аз воситаи арзёбии 12-ҷузъӣ дар се самт ҳисоб карда мешавад: соҳаҳои инфиродӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ аз рӯйи арзёбии панҷ миқёс, аз «ман комилан розӣ нестам» то «ман комилан розӣ». Коэффисиенти Алфа Кронбах барои миқёси эҷоди арзиши стратегӣ аз 0, 76 то 0, 89 ҳисоб карда мешавад. Маҳз бо ёрии коэффисиенти

Алфа Кронбах эътимоднокии эҷоди арзиши тағйирёбандаи стратегӣ бо суръати 0, 82 ба даст омад.




**Расми 3.1.2. Амсилаи амалиётии эҷоди арзиши стратегии сармояи инсонӣ**

Б) Беҳбудии касбии нерӯйи инсонӣ.

Дар ин ҷо, чи хеле, ки мо дар боло қайд кардем, амсилаи Шнейдер истифода шудааст. Миқёси беҳбудии касбӣ аз 15 ҷузъ иборат аст, ки аз онҳо 3-тоаш бо тағйирёбандаи робитаҳои мусбии ташкилӣ алоқаманд аст; 2 - худшиносии касбӣ; 3 - мустакилият (мухтори) дар кор; 2 - мақсаднокӣ; 3 - бартарӣ дар муҳити зист; 2 – пешравӣ дар мансаб.

В) Махсулнокии нерӯйи инсонӣ.

Саволҳои марбут ба маҳсулнокии нерӯйи инсониро мо аз саволномаҳои маъруф интихоб намудем ва дар доираи панҷ ҷузъи Лейкарт истифода бурдем.

Барои нишон додани муқаррарӣ ё ғайримуқаррарии тақсимоти тағйирёбандаҳо санҷиши Колмогоров-Смирнов (К-С) истифода шудааст. Агар сатҳи аҳаммият аз 0, 05 зиёд бошад, пас тақсимот муқаррарӣ ҳисобида мешавад, агар не, ғайримуқаррарӣ.

Бо назардошти додаҳои дар ҷадвали 2 овардашуда, натиҷаҳои санҷиш нишон медиҳанд, ки ҳама тағйирёбандаҳои баррасишаванда муқаррарӣ мебошанд.

**Ҷадвали 3.1.1. Натиҷаи санҷиши Колмогоров-Смирнов барои арзёбии тақсимоти табиии маълумот.**

| | Миқдор | Колмогоров-Смирнов (К-С) | Сатҳи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| Таъсиси арзиши стратегии сармояи инсонӣ | 235 | 1,063 | 0,117 |
| Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 235 | 1,046 | 0,120 |
| Беҳбудии касбӣ | 235 | 0,995 | 0,200 |

Пеш аз гузаштан ба санҷиши амсилаи сохторӣ, мо барои таҳлили муносибати байни тағйирёбандаҳо матритсаи коррелятсионии тағйирёбандаҳоро пешниҳод мекунем, ки онро дар шакли ҷадвали зерин пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 3.1.2. Матритсаи коррелятсияи тағйирёбандаҳои таҳқиқот**

| | Роҳнамои маънавӣ дар муҳити корӣ | Эргономия | Асоси амалӣ будани кормандон |
|---|---|---|---|
| Таъсиси арзиши стратегии сармояи инсонӣ | 1 | 0,823 | 0,709 |
| Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,0 | 1 | 0,831 |
| Беҳбудии касбӣ | 0,0 | 0,0 | 1 |

Дар асоси ҷадвали 3.1.2, ҳамаи тағйирёбандаҳои таҳқиқот бо ҳамдигар муносибати мусбӣ доранд.

Танҳо як тағйирёбанда метавонад тағйирёбандаи дигарро пешгӯӣ кунад ё боиси эҷоди он гардад. Бо назардошти ин, қимати миқёси аҳаммиятнокӣ ба таъсири таъсиси арзиши стратегии сармояи инсонӣ ба мустақилият ё худбоварӣ дар кор рост меояд (0, 92), ки дар сатҳи 0, 05 муҳим аст. Инчунин дар ҷадвали зер коэффисиентҳои мустақими таъсир, t-омор ва сатҳи аҳаммиятнокӣ барои ҳар як траектория оварда шудаанд.

Бо назардошти коэффисиенти траектория метавон гуфт, ки робитаҳои мусбии ташкилӣ дар сатҳи 0, 60 ба маҳсулнокии нерӯйи инсонии коргарон дар корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд. Ба ибораи дигар, дар сурати зиёд шудани муносибатҳои мусбии ташкилӣ ба як воҳид, ҳосилнокии сармояи инсонии кормандони ин ташкилот ба 0, 60 банд меафзояд. Инчунин, бо назардошти коэффисиентҳои дар боло ҳисобшуда метавон гуфт, ки худдарккунии касбии ин кормандон ба нишондиҳандаи зикршуда дар сатҳи 0, 31 таъсир мерасонад; мустақилият ё мухторияти кормандон 0, 43; мақсаднокии касбӣ - 0, 65; бартарият - 0, 27; ва пешравӣ дар мансаб - 0, 40.

**Ҷадвали 3.1.3.**

**Ҳисобкарди коэффисиентҳои таъсири мустақим**

| Тағйирёбанда | Таъсир | Тағйирёбанда | t-омор | Коэффисиенти траектория | Сатҳи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Робитаи мусбии ташкилӣ | ба | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 4,64 | 0,40 | 0,00 |
| Худдарккунии касбӣ | ба | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 3,97 | 0,31 | 0,00 |
| Мухторият дар кор | ба | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 12,15 | 0,43 | 0,00 |
| Мақсаднокии касбӣ | ба | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 10,41 | 0,65 | 0,00 |
| Бартарият дар муҳити зист | ба | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 10,42 | 0,27 | 0,00 |
| Пешравӣ дар мансаб | ба | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 13,13 | 0,40 | 0,00 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | ба | Роитаи мусбии ташкилӣ | 11,82 | 0,86 | 0,00 |

*Давоми ҷадвали 3.1.3.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | ба | Худдарккунии касбӣ | 12,04 | 0,82 | 0,00 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | ба | Мухторият дар кор | 13,35 | 0,92 | 0,00 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | ба | Мақсаднокии касбӣ | 10,67 | 0,73 | 0,00 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | ба | Бартарият дар муҳити зист | 13,11 | 0,90 | 0,00 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | ба | Пешравӣ дар мансаб | 11,36 | 0,80 | 0,00 |
| Таъсири умумӣ | | | 34,44 | 0,12 | 0,01 |

Таъсири бавосита. Бо назардошти ҷадвали 3.1.4, таъсири ғайримустақими таъсиси арзиши стратегии сармояи инсонӣ ба маҳсулнокии нерӯйи инсон тавассути нақши миёнаравии некӯаҳволии касбӣ, зеро арзиши t-омори бадастомада аз 1, 96 зиёд буда, дар сатҳи 0, 001 муҳим аст, метавонем ба хулосае омад, ки ин таъсири мусбат аст. Дар асоси таъсири умумӣ, некӯаҳволии меҳнатӣ боиси афзоиши таъсири эҷоди арзиши стратегии сармояи инсонӣ ба маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ 12, 0% мегардад. Баъдан, мо таъсири ғайримустақими ин нишондиҳандаро муайян мекунем.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дар доираи параметрҳои некӯаҳволии касбии коргарони корхонаҳои саноатӣ чунин омилҳо ба монанди робитаҳои мусбии ташкилӣ дар сатҳи 0, 60, худдарккунии касбӣ - 0, 51, мухторияти касбӣ - 0, 13, мақсаднокӣ-0, 27, муносибати бартарият дар муҳити зист-0, 25 ва муваффақияти дар касб - 0, 40 метавонад таъсири эҷоди арзиши стратегии сармояи инсониро ба маҳсулнокии сармояи инсонӣ афзоиш диҳад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи санҷиши фарзияҳои пешниҳодшуда маълум гардид, ки ҳамаи гипотезаҳои асосӣ ва дуюмдараҷа тасдиқ карда шуданд ва маълум гардид, ки ҷузъи некӯаҳволии касбӣ таъсири таъсиси арзиши стратегии сармояи инсониро ба ҳосилнокии нерӯйи инсонӣ ба 12, 0% зиёд мекунад. Бояд

гуфт, ки омилҳои зиёде метавонанд ба маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ таъсир расонанд.

**Ҷадвали 3.1.4.**

**Ҳисобкунии коэффисиенти таъсири ғайримустақим**

| Тағйирёандаи мустақил | Тағйирёбандаи даллолӣ | Тағйирбандаи вобаста | Коэффи-сиенти траектория | t-омор |
|---|---|---|---|---|
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | Робитаи мусбии ташкилӣ | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,60 | 4,64 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | Худдарккунии касбӣ | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,51 | 4,08 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | Мухторият дар кор | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,13 | 2,14 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | Мақсаднокии касбӣ | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,27 | 2,87 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | Бартарият дар муҳити зист | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,25 | 2,49 |
| Таъсиси стратегии арзиши сармояи инсонӣ | Пешравӣ дар мансаб | Маҳсулнокии нерӯйи инсонӣ | 0,40 | 3,97 |

Аз тарафи дигар, дар асоси он, ки кормандони ташкилотҳои таҳқиқшуда аз хароҷоти зиёди ҳаррӯза барои қонеъ кардани ниёзҳои худ нигаронанд, некӯаҳволии касбӣ метавонад ба омили мусоидаткунанда барои орзуҳои шахсии корманд табдил ёбад ва ӯро водор кунад, ки тамоми қувваҳои худро дар фаъолияти худ барои ҷустуҷӯи ҳаёти беҳ фаъол созад, ва, ин дар навбати худ ба ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Нақши даллолии некӯаҳволии касбӣ дар ҷузъҳои зерини он ифода меёбад: робитаҳои мусбии ташкилӣ, худдарккунии касбӣ, мустақилият ё мухторияти кормандон, мақсаднокии касбӣ, бартарӣ дар муҳити зист ва пешравӣ дар мансаб.

## 3.2. Дастгирии давлатии рушди таҳсилоти олӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ

Таҳсилоти оли болотарин зинаи ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ ва марҳиллаи бевосита дар амал татбиқ гардидани он аст. Вобаста ба ин, дар ин марҳаллаи ҳассос давлат бояд бевосита дастгирӣ ва кумаки ҳамаҷонибаи худро ҷиҳати таъмини мувофиқати ҳадафҳо, барномаҳо ва стратегияҳои ташаккул ва инкишофи сармои инсонии миллӣ дар ин самт тақвият бахшад. Шароити кунунӣ, ки бо зиддият, пуёӣ ва тағйирёбии босуръати равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ фарқ мекунад, тақозо менамояд, ки давлат дастгирии худро дар ҷанбаҳои мухталиф бо таваҷҷуҳ ба беҳтар намудани алоқамандии робитаҳои ҳамкорӣ ва шарикӣ бо низоми таҳсилоти олӣ такмил диҳад ва сифати идоракунии макотиби олиро ба талаботҳои менеҷменти давлатии замони муосир мутобиқ намояд.

Бояд гуфт, ки «...мунтазам таҷдид шудани дониш дар бозори меҳнат ногузир аст. Суръати баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ, технология, нақлиёт, коммуникатсия ба он оварда расонд, ки дар маҷмуъ ин раванд бори аввал ба табиати таълим таъсир мерасонад» [183].

Системаи таҳсилоти олӣ, хоҳ дар шакли бахши хусусӣ ва хоҳ дар шакли давлатӣ, бо сабаби наќши муҳимаш дар пешбурди барномаҳои рушди кишварҳо ба меҳвари барномаҳои стратегии хусусияти миллӣ дошта табдил ёфтааст. Муҳимтар аз ҳама, тағйири бархӯрди ҳукуматҳои аксари кишварҳои пешрафта ба шеваи идоракунии иҷтимоӣ ва сиёсат боиси боз шудани шароити мусоидтар барои ҳузури бахши хусусӣ барои иҷрои нақши таълим гардид. Ба ҳар ҳол, мушкил дар он аст, ки ҳоло барои хусусигардонӣ дар ироаи хадамоти маориф рақобати ҷиддӣ оғоз шудааст. Тағйироти парадигмаи дар ин соҳа ба вуқӯъомада ва усулҳои дастгирии давлатӣ ба системаи таҳсилоти олиро дар самти мусоидат ба инкишофи сармояи инсонии миллӣ тақозо менамояд.

Бо назардошти ин масъала, саволи асосӣ ин ин аст, ки кишврҳои пешрафта чӣ гуна системаҳои таҳсилоти олии давлатӣ ва хусусии худро дастгирӣ мекунанд? Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давлат донишгоҳҳои дар шакли

додани қарзҳои молиявӣ, субсидия, кӯмаки молиявӣ дар шакли қарзу грантҳо ва кафолати мустақилияти таҳсилоти олӣ дастгирӣ мекунад. Аммо нуктаи муҳим ин аст, ки давлат дар баробари дастгирии молиявиву технологӣ, инчунин бояд назорат ва танзими фаъолияти макотиби олиро дар самти сифати таълим, барномаҳо, низоми идоракунӣ, низоми ба кортаъминнамояии хатмкунандагон ва дигар маосоили таълим ва тарбия пурзур намояд.

Давлат ва маҷмааи таълимӣ фаъолияти худро барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян дар асоси манфиатҳои умумии субъектҳо, тақсимоти ҳуқуқу ӯҳдадориҳо мутобиқ мекунанд. Аммо хусусияти дастгирии давлатӣ бояд ҷанбаи ниҳодӣ дошта бошад, на муваққатӣ ва якдафъаина. Таҳлилҳо гувоҳӣ он аст, ки аксар кишварҳои олам маҳз тавассути дастгирии ниҳодӣ тавонистанд, ки дар ин самт ба натиҷаҳои дилхоҳ бирасанд.

Бешубҳа, шукуфоии ҳар як кишвар ба системаи таълимии он вобаста аст. Яъне, ҷомеаи пешрафтае нест, ки дар он маориф ва муассисаҳои таълимӣ омили асосии инкишоф набошанд. Гуфтан мумкин аст, ки баҳс дар бораи рушди фарогир ва устувор бидуни сармоягузории васеъ дар системаи таҳсилоти олӣ қариб бефоида аст. Аммо масъалаи муҳим дар ин замина ин аст, ки ба худи ин масъала тағйирёбандаҳои дигар низ таъсиргузор аст. Ба ибораи дигар, танҳо сармоягузорӣ дар ин соҳа сабаби рушди ҳамаҷонибаи кишварҳо нест, балки муҳим он аст, ки навъи вазифае, ки аз системаи таҳсилоти олӣ пайравӣ мекунад, метавонад ба шаклҳои зиёди рушд оварда расонад. Аз ин нуқтаи назар, вазифаҳо ва кори махсусе, ки аз системаҳои таълимӣ интизоранд, бо равишҳо, сиёсатҳо ва намуди назаре, ки ҳукуматҳо дар бораи он қабул кардаанд, алоқаманд аст. Чӣ гуна ҳукуматҳо таҳсилоти олиро дастгирӣ мекунанд, аз сохтори кратияҳои сиёсӣ ва низомҳои ҳуқуқӣ вобаста аст. Режимҳои сиёсӣ моделҳое мебошанд, ки тавассути онҳо қудрати тасмимгирии ҳукуматҳо ва созмонҳо амалӣ ва интиқол дода мешавад.

Кишвари Туркия, Арабистони Саудӣ, Русия ва Чин намунаҳои дар ин самт барҷастаи муваффақият ба шумор мераванд. Дар Туркия буҷаи муассисаҳои таҳсилоти олии давлатӣ аз ҷониби ҳукумат таъмин карда мешавад, аммо роҳи

муайян кардани буҷет бештар ба усули афзоянда асос ёфтааст, ки тибқи он буҷет аз ҳисоби хароҷоти муассисаҳо дар соли таҳсили гузашта муайян карда мешавад. Илова ба қарзҳои давлатӣ, донишгоҳҳо як қисми дигари захираҳои молиявии худро аз ҳисоби маблағи таҳсил, нашрияҳо ва фурӯши онҳо, дороиҳои манқул ва ғайриманқул таъмин мекунанд. Донишгоҳҳои ғайритиҷоратӣ дар Туркия аз ҷониби муассисони онҳо маблағгузорӣ мешаванд. Хусусияти назаррас дар Туркия ин аст, ки хароҷот барои таҳсилоти олӣ дар ду даҳсолаи охир ҳамчун таносуби ММД афзоиш ёфтааст, аммо бештари ин афзоиш тавассути бахши хусусӣ сурат гирифтааст. Решаи ин падида бояд дар сиёсатҳои Ҳизби Адолат ва Тавсеъа пайдо шавад, ки бар пояи он тавсеаи бахши хусусӣ ва эҷоди механизми афзоиши рақобат дар ҳама бахшҳои иқтисод ҳадаф қарор гирифтааст.

Арабистони Саъудӣ бо такя ба даромади ғании нафт намунаи бисёр барҷаста дар миёни кишварҳои мавриди баррасӣ аст. Зеро он дорои яке аз системаҳои таҳсилоти олӣ босуръат рушдёбанда дар Шарқи Наздик мебошад. Дар ин кишвар аксари донишгоҳҳо давлатӣ буда, таҳсил дар донишгоҳҳои давлатӣ комилан ройгон аст. Ҳукумат ба ҳамаи донишҷӯёни доимӣ ва донишҷӯёне, ки барои таҳсилро дар хориҷа дархост кардаанд, дар давоми таҳсил ҳар моҳ стипендия пардохт мекунад. Давлати Арабистони Саудӣ ба далели кумаки бузурги молии донишгоҳҳо маъмурияти онҳоро таҳти назорати шадиде қарор дорад, ҳарчанд дар даҳсолаи ахир бо афзоиши тақозо ба таҳсилоти олӣ, давлат талош дорад, барои бахши хусусӣ иҷозаи вуруд ба ин заминаро бидиҳад. Аз ин лиҳоз, хайрияҳо ва кумак ба таҳсилоти олӣ падидаест, ки вақтҳои охир хеле афзоиш ёфтааст.

Россия, ки давраи гузори иқтисодиро аз сар мегузаронад, кишвари дигаре аст, ки дар низоми молияи таҳсилоти олӣ сиёсатҳои ҳадафмандро амалӣ карда ва ба вижа дар ду даҳаи ахир тағйироти азимро аз сар гузаронидааст. Таваҷҷӯҳи асосии ин сиёсатҳо тиҷоратӣ ва таҳкими рақобатпазирӣ дар таҳсилоти олӣ мебошад. Ба ин максад буҷети федералӣ манбаи асосии маблаггузории донишгоҳҳо мебошад. Иқдоми хеле муҳими ҳукумати Русия дар ин замина он

аст, ки ҷудо кардани маблағ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ мустақиман ба натоиҷи фаъолияти онҳо бастагӣ дорад ва ба ин манзур як низоми назоратӣ ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ вуҷуд доранд, ки қисми зиёди онҳо аз ҳисоби даромади донишҷӯён ташкил карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳаҷми буҷа мустақиман аз шумораи донишҷӯёни шартномавӣ вобаста аст. Таҳаввули қонунҳои буҷет ва маориф дар сохтори маблағгузории донишгоҳ як гардиши муҳим ба вуҷуд овард ва ҳамчун як такягоҳ барои гузариш аз тақсимоти хароҷот ба натиҷаҳо хизмат кард. Аслан, маблағгузории давлатӣ пеш аз ҳама ба дастгирӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти донишҷӯён нигаронида шудааст.

Чин низ дар таҳсилоти олӣ ва маблағгузории он тағйироти густурдае анҷом дод. То ки дар баробари ин аз чихати ба ин соҳа тақсим кардани як қисми маҳсулоти умумӣ дар ҷаҳон ба дараҷаи баланд ноил гардид. Ҳукумати Чин барномаҳои махсуси маблағгузориро оғоз кард, ки ҳадафи он расонидани кӯмаки молиявӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии рақобатпазир ва ба ин васила ташвиқи ислоҳот ва навоварӣ мебошад. Бо мақсади ба вуҷуд овардани системаи устувори маблағгузории мактабҳои олӣ аз тарафи ҳукумат тадбирҳое андешида шудаанд, ки маблағгузорӣ аз ҳисоби фондҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, маблағгузорӣ ба воситаи банкҳои тичоратӣ ва суратҳисобҳои пасандозҳои бефоизро дар бар мегирад. Албатта, давлати Чин дар баробари манбаи аслии таъмини таҳсилоти олӣ, аз тариқи бонкҳои тиҷоратӣ ба донишҷӯён қарз ва бурсҳои мухталиф медиҳад. Ин қарзҳо ва грантҳо одатан ҳамчун хароҷоти таҳсил ва зиндагӣ барои донишҷӯён ҳисобида мешаванд. Ниҳоят, бо қабули сиёсати дарҳои боз дар тиҷорат, ҳукумат вуруди сармоягузорони хориҷиро ба таҳсилоти олии Чин осонтар кард, то бори молиявии худро коҳиш диҳад ва ҷараёни нави захираҳоро ба таҳсилоти олӣ равона кунад.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки сохторҳои институтсионалӣ аз барномаҳои муштараки байналхалқӣ ва интиқоли технологияҳои истеҳсолӣ ва

таълимӣ дар кишварҳои мухталиф фаъолона истифода бурда мешавад [54, С.62].

Бояд гуфт, ки захираи иттилоотӣ ва оморӣ асоси фаъолияти танзими ҳукумат мебошад. Аз ин рӯ, қобилияти иттилоотӣ ва иртиботӣ барои ҳукумат ва маориф муҳим аст. Зеро, аввалан, нигоҳдории иттилоот шарти ҳатмӣ барои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ, нигоҳдорӣ ва якпорчагии сохторҳои мураккаби иҷтимоӣ мебошад. Ҳукумат бояд назорати воқеии захираҳои азхудкунӣ (банақшагирӣ, идоракунӣ) ва захираҳои ҳокимият (назорат) дошта бошад. аслан, давлати миллӣ таъсиси низоми мутамаркази сиёсест, ки иттилоот захираи муҳимми он аст. Давлатҳои нав ба ҷои сарҳади физикӣ сарҳади иттилоотӣ доранд. Таҳсилоти расмӣ дар ҷомеаҳои нав ҳамчун интиқолдиҳандаи мустақили ғояҳо ва арзишҳо, ки рафторро танзим мекунад, баррасӣ мешавад; Аз ин рӯ, маориф ба маънои васеъаш яке аз намудҳои асосии назорати иҷтимоӣ мебошад, ки бо дигар намудҳои назорат рақобат мекунад ва баъзан мухолифат мекунад.

Ҷаҳонишавӣ ва масъалаҳои дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омада бозбинии сиёсати иттилоотии давлатиро тақозо менамояд. Ғояҳои сиёсати ислоҳоти иқтисодӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон аз системаи таҳсилоти олӣ ва махсусан дар дастгирии ҳукуматҳо дар системаи таҳсилоти олӣ ба вуҷуд омадааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модели давлати миллӣ дар аксари кишварҳо модели бартарият ба  таҳсилот буд ва мебошад.  Дар тӯли муддати тӯлонӣ, ҳукуматҳо танҳо сиёсатгузорони таҳсилоти олӣ ва дигар сиёсатҳо буданд, аммо як қатор таҳаввулот боиси тағйири табиат ва тарзи амали ҳукуматҳо гардид. Муҳимтарин падида ин ќабули талаботи сиёсати таҷдиди сохторӣ буд, ки аз афзоиши хатари ҷанги иттилоотӣ сарчашма мегирад.

Андӯхти сармояи инсонӣ ҳам дар раванди таҳсил дар мактаб, ки дониш ва малакаҳои асосиро ба вуҷуд меорад ва ҳам дар давраи таҳсилоти баъдимактабӣ, ки ба гирифтани касби муайян нигаронида шудааст, инчунин дар доираи фаъолияти касбӣ сурат мегирад. Барои фаҳмидани он, пеш аз ҳама, муайян

кардан лозим аст, ки донишгоҳҳо дар ҷаҳони муосир ба кадом самт ҳаракат мекунанд.

Хусусияти хоси таҳсилоти олӣ дар даҳсолаи охир хеле васеъ ва амиқ шудани ихтисоси дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ тавассути эҷоди самтҳои нав ва интихоби васеи фанҳои интихобӣ мебошад. Дар баъзе донишгоҳҳо, донишҷӯён то 50% фанҳоро интихоб мекунанд. Шумораи мутахассисони байнисоҳа меафзояд: дар солҳои охир истеҳсоли онҳо қариб ду баробар афзуд. Ин ҷавоби табиӣ ба талаботи ҳаёти воқеӣ ҳангоми ҳалли масоили мураккабу серҷабҳа мебошад. Масалан, имрӯз қариб ҳамаи ширкатҳо, ки дар бораи вазъи бозор ва нарх маълумоти мукаммал доранд, бе маълумот дар бораи талабот ва эҳтиёҷот ба маҳсулоти худ, сифати зиндагӣ, маърифат ва одатҳои истеъмолӣ тамоюли асосии рушди бозорҳоро муайян карда наметавонанд. Мушкилоти асосӣ бо хатари аз даст додани ҳувияти миллӣ ва ғайришахсӣ шудани таҳсилоти олӣ вобаста аст [100].

Дар маҷмӯъ кумакҳои мустақими ҳукумат ба таҳсилоти олӣ бештар дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба мушоҳида мерасад, аммо тамоюлҳо нишон медиҳанд, ки ин гурӯҳи кишварҳо аз ҷомеаҳои пешрафта ақиб мондаанд. Дар маҷмӯъ, баъзе сиёсатҳои давлатҳо хусусияти муштараки зерин доранд:

- тамоюли ҳукуматҳо ба коҳиш додани саҳми худ дар маблағгузории таҳсилоти олӣ, фароҳам овардани ҷалби бештари бахши хусусӣ барои ворид шудан ба соҳаи маблағгузории таҳсилоти олӣ;

- фароҳам овардани замина барои вуруди сармоягузорони хориҷӣ (амалӣ намудани сиёсати дарҳои боз дар таҳсилоти олӣ);

- иштироки (ҷалби) бештари хонаводаҳо барои тақсим кардани ҳиссаи ҳукумат дар маблағгузорӣ;

- мусоидат ба қабули донишҷӯёни хориҷӣ бо мақсади ҷалби захираҳои молӣ;

- дастгирии бевоситаи молиявии ҳукумат ба донишҷӯёни ватанӣ барои таҳсил дар хориҷа ва бозгашти онҳо ба кишвар;

- барқарор кардани робитаи мустақим байни буҷетҳои донишгоҳҳо ва нишондиҳандаҳои таълимӣ ва тадқиқотии онҳо.

Ҳамгирои низоми маориф дар Тоҷикистон бо ҷаҳони муосир тақозои замон аст. Дар кишварҳои муосир системаҳои таълимии муваффақ бар ақл ва омӯзиши пешқадам асос ёфта, бар пояи хирад ва дониш идома доранд. Ибтикор дар низомҳои муосири таълими дар дасти ҷомеъа аст ва мактабу донишгоҳҳо ба унвони ниҳодҳои низоми маориф бахше аз маҳаллаҳо ва шаҳрҳо ҳастанд. Нақши ҳукумат дар кишварҳои пешрафта танҳо пуштибонӣ аст, то таҳсил барои ҳама ҳамчун як неъмати ҷамъиятӣ дастрас бошад. Бар хилофи кишварҳои пешрафта, дар Тоҷикистон маориф танҳо моли ҳукумат аст. Яъне дар ҳоле ки ҷомеа талош мекунад бо сармоягузорӣ ба фарзандони худ роҳро барои насли оянда боз кунад, аммо чунин ният аз ҷониби тасмимгирандагони низоми маориф ба хубӣ дунбол намешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва компютерӣ барои пайдоиш ва татбиқи технологияҳои нави таълимӣ, ки дар ҳаёт васеъ истифода мешаванд, шароити мусоид фароҳам овардааст [105]. Таъсири технологияҳои рақамӣ як масъалаи асосӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмии даврони муосир мебошад, ки ба донишгоҳҳо таъсири амиқ гузоштааст ва ҳаёти ҳаррӯзаи донишҷӯён ва кормандони донишгоҳро тағйир додааст. Инқилоб дар усулҳои таълим-дастовардҳои ин технология омӯзиш, соҳаҳои нави фаъолияти илмӣ, воситаҳои пурқувват барои эҷод ва мубодилаи дониш ва роҳҳои нави ҳамкории муҳаққиқон бо ҷомеаро дар бар мегиранд.

Дар партави ин дигаргуниҳо, барои донишгоҳҳо ҳам рақобатпазир будан дар ин муҳит ташкили тиҷорати рақамӣ, ба маълумот нигаронидашуда ва ба сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон нигаронидашударо талаб мекунад. Дар айни замон, ба ҳамаи ташкилотҳо технологияҳое, ба монанди компютерҳои абрӣ, зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумот, блокчейн, шабакаҳои иҷтимоӣ, робитаи васеи виртуалӣ, ки технологияҳои табдилдиҳанда номида мешаванд, таъсир мерасонанд. Ҳамон тавре ки бонкҳо ба мизоҷони худ тавассути технологияҳои

рақамӣ қарзҳои фардӣ пешниҳод мекунанд ва чаканафурӯшон тавассути таҳлили маълумот даромаднокии худро тавассути пешниҳодҳои брендӣ афзоиш медиҳанд, донишгоҳҳо инчунин метавонанд ташкилотҳое шаванд, ки ин технологияҳоро дуруст истифода мебаранд, равандҳо, маҳсулот ва хидматҳои онҳо комилан мақсаднок табдил меебанд ва барои ҷонибҳои манфиатдори худ арзиши ҳадди аксар эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки донишгоҳҳо тамоюлҳои замони муосирро дарк кунанд ва ин технологияҳоро барои омода кардани ҷонибҳои асосии манфиатдори худ, бахусус донишҷӯен барои зиндагӣ дар чунин ҷомеа истифода баранд. Минҷумла дар самти таъмини таҳсилоти фосилавӣ.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии касбӣ» (аз 8 декабри соли 2003 аз ҷониби Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст) таълими фосилавӣ ҳамчун таълим дар масофаи дур ҳамчун идоракунии мақсаднок ва методӣ ташкилшудаи таълиму тарбия ва фаъолияти маърифатӣ ва инкишофи шахсоне, ки аз муассисаҳои таълимӣ дуранд, тавассути воситаҳои таълимии электронӣ ва телекоммуникатсионӣ мебошад.

Қайд кардан мумкин аст, ки таълими фосилавӣ дар ҳолати идеалӣ:

- имкон медиҳад, ки бе тарки ҷои истиқомат ва дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ аз таҳсил гузарад;

- дастрасии васеъ ба захираҳои дохилӣ ва ҷаҳонии таҳсилотро фароҳам меорад;

- барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ва дар ҳама гуна зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва таълими таҳсилот имконият медиҳад;

- имконият медиҳад, ки ҷараёни худомӯзиро барои худ ба таври самарабахш ташкил намуда, барои ин тамоми маблағҳои заруриро ба даст оваранд;

- имкон медиҳад, ки сатҳи нерӯйи маърифатии ҷомеа ва сифати таълим баланд шавад;

- талаботи мамлакатро ба мутахассисон ва коргарони соҳибихтисос қонеъ мегардонад;

- ҳаракати иҷтимоӣ ва касбии аҳолӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва иҷтимоии он, ҷаҳонбинӣ ва сатҳи худшиносии онро баланд мебардорад;

- ба ҳифз, такмили дониш, нерӯйи инсонӣ ва моддии дар низоми маорифи ватанӣ ҷамъшуда мусоидат менамояд.

Технологияҳои рақамӣ барои такмили равандҳои иҷрои кор, ҷалби одамони дигар ба ин раванд имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд, аммо истифодаи технология бидуни дастгирии дуруст метавонад хатарнок ва ҳатто зиёновар бошад. Истифодаи стратегияи мувофиқи рушди рақамӣ, ки манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдорро ба назар мегирад ва боиси фаҳмиши асосии онҳо дар бораи технологияҳои рақамӣ мегардад, дар якҷоягӣ бо таҳияи воситаҳо ва хидматҳое, ки ба ниёзҳои корбарон мутобиқ карда шудаанд ва эҷоди навовариҳо дар асоси технологияҳои рақамӣ, шароити зарурии таҳсилоти олӣ дар замони муосир мебошанд. Ҳамин тариқ, донишгоҳҳо метавонанд технологияи рақамиро барои мусоидат ба раванди рушди илм ба манфиати ҷомеа ва муҳити илмӣ беш аз пеш истифода баранд.

Ба андешаи олимони ватанӣ А. А. Мирзоалиев ва П. И. Холиқова: «Асри имрӯза побанди технологияи иттилоотӣ, рақамикунонӣ дар тамоми соҳаҳо гардидааст ва таваҷҷӯҳ намоед, ки новобаста аз суръатбахшӣ ва татбиқи кайҳонии инноватсияҳо дар хориҷи кишвар дар самтҳои зерин баҳри ҳарчи зудтар аз худ намудани нозукиҳои рақамикунонӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, барномарезии мобилӣ, идораи сомонаҳо, таҳиягари сомонаҳо, таъминоти техникӣ, таъминоти барномавии системавӣ, таъминоти барномавии оффесӣ, таҳлилгари бизнес, лоиҳаи тиҷоратӣ, маъмури дастгоҳҳои шабакавӣ, маъмури дастгоҳҳои техникӣ ва идоракунии фосилавӣ мутахассисон, яъне иқтидори кадриро новобаста аз сину сол омода месозанд. Аз инҷост, ки на танҳо насли ҷавон, балки насли калонсол, агар фаъолона истифода бурдани захираҳо ва технологияҳои рақамиро ёд гирад, дар маҷмӯъ имкони зиндагии шоиста ва босифатро пайдо мекунад» [97, С.279].

Стратегияҳо дар соҳаи маориф тағйироти куллиро аз сар мегузаронанд ва донишгоҳҳо бояд ҳарчи зудтар ин тағйироти куллиро ба ташкилотҳои худ ворид кунанд. Асри рақамӣ ташкилотҳои рақамиро талаб мекунад, ки тавассути технологияҳои табдилдиҳанда дар ҳама самтҳо тағйироти куллӣ ба амал меоранд. Донишгоҳи рақамӣ донишгоҳест, ки ба ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, бахусус донишҷӯён, профессорҳо ва кормандон дар асоси технологияҳои табдилдиҳанда таҷрибаи дилхоҳ медиҳад.

Бояд гуфт, ки донишгоҳи рақамӣ шакли дигари донишгоҳи электронӣ нест, балки номи тағйири парадигма дар ин соҳа мебошад. Барои ташкили чунин созмон, тағйироти куллӣ дар амалия ва хидматҳои лозим аст ва бидуни фаҳмиши дақиқи микёси ин тағйирот (ки нисбатан васеъ аст ва тамоми ҷанбаҳои донишгоҳро фаро мегирад), наметавон ба натиҷаи дилхоҳ ноил шуд. Донишгоҳи рақамӣ донишгоҳест, ки барои муваффақ шудан дар асри рақамӣ таъсис ёфтааст. Бо омӯзиши таърифҳои гуногуни дар сарчашмаҳои гуногун пешниҳодшуда, донишгоҳи рақамиро чунин муайян кардан мумкин аст: Донишгоҳи рақамӣ як донишгоҳест, ки системаи идоракунӣ ва омӯзиши худро дар асоси технологияҳои рақамӣ бо равиши экосистема табдил додааст ва тавассути эҷоди таҷрибаи ҷолиб барои баҳрабарандагонаш ба дастовардҳои аъло ноил шудааст.

Бо консептуализатсияи марбут ба донишгоҳи рақамӣ, ин консепсияро метавон бо тамоюлҳои охирини донишгоҳ ва маориф дар ҷаҳон баррасӣ кард. Донишгоҳи рақамӣ, ки пас аз парадигмаҳои рӯ ба рӯ ва электронӣ ва дар зери парадигмаи рақамӣ таҳия шудааст, фазои ҷисмонӣ, технология ва ҷаҳони виртуалиро ба таври беҳтарин барои эҷоди таҷрибаи ҷолибтарин барои баҳрабардорони худ муттаҳид мекунад. Донишгоҳҳои анъанавии Тоҷикистон ҳарчӣ зудтар бояд талаботи ин давра ва парадигмаро қабул кунанд ва бо ворид шудан ба ҷаҳони технологияҳои рақамӣ ва пас аз табдили рақамӣ ба донишгоҳҳои рақамӣ табдил шаванд. Донишгоҳҳо тахти парадигмаи рақамӣ аз ду мавҷи бузург гузаштанд.

Дар мавҷи аввал, вақте ки донишгоҳҳои электронӣ ва виртуалӣ ташкил ёфтанд, тамоми хидматҳои онҳо ба таври электронӣ ва интернет пешниҳод карда шуданд. Ин мавҷ дар солҳои 90-ум бо пайдоиши ширкатҳои интернетӣ ва дотком оғоз ёфт. Дар ин давра барои донишгоҳҳо як ҷаҳони виртуалӣ ташаккул ёфт, ки дар пеши ҷаҳони воқеӣ қарор дошт ва технологияҳои насли аввалини он давра донишҳои қобили арзишро ба тиҷорати электронӣ табдил доданд.

Ба ин технологияҳои насли аввал Интернет, GPS (ё ҳама гуна технологияи дигари ҷойгиршавӣ), шабакаҳои бесим, RFID ва ғайра дохил шуданд, ки имрӯз ба технологияҳои асосӣ табдил ёфтаанд. Дар зери ин мавҷ технологияҳо тадриҷан ба донишгоҳҳо ворид шуданд ва бисёр равандҳои донишгоҳӣ автоматӣ карда шуданд. Ба ибораи дигар, дар ин мавҷ равандҳои донишгоҳӣ бидуни тағир додани мантиқ бо ёрии технология автоматӣ карда шуданд.

Аммо ҷаҳони воқеии рақамӣ барои донишгоҳҳо вақте оғоз ёфт, ки онҳо бо технологияҳои табдилдиҳанда сарукор доранд. Ин технологияҳо шабакаҳои иҷтимоӣ, Интернети ашё, компютери абрӣ, зеҳни сунъӣ, блокчейн, фиудӣ, компютери квантӣ ва ғайраро дар бар мегиранд, ки донишгоҳро ба муҳити рақамӣ ворид месозад. Мантиқи ин амал эҷод кардани маҷмӯи матлуби ин технологияҳо ва захираҳои ҷисмонӣ барои ташаккули таҷрибаи ҷолибтарин барои ҷонибҳои манфиатдор аст. Дарвоқеъ, дар ин мавҷ донишгоҳҳо метавонанд бо омезиши захираҳои онлайн ва офлайнӣ сарҳадҳои байни қобилиятҳои физикӣ ва технологиро равшан кунанд. Оддӣ карда гӯем, заминаи зеҳнии мавҷи дуввум муттаҳид кардани захираҳои электронӣ ва физикии донишгоҳҳо бо ҳамдигар ташкил медиҳад. Дар ин мавҷ бо ёрии технологияҳои табдилдиҳанда имкон ҳаст, ки мантиқи равандҳои донишгоҳӣ аз як хизматрасонии таълимӣ ба як олами касбу кор, шуғл, истироҳат, татбиқи потенсиали илмӣ, соҳибкорӣ ва амсоли он табдил ёбад.

Дар гузашта истифодаи технология дар таълим як мавзӯи баҳсбарангез буд. Бисёриҳо интиқод карданд ва бовар доштанд, ки таҳсилоти муосир ба ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Бо мурури замон муассисаҳои таълимӣ технологияро дар синфхонаҳои худ истифода бурданд ва ба зудӣ маълум

гардид, ки дар сурати дуруст истифода бурдани ин технологияҳо барои такмил додани системаҳои таълимӣ имкониятҳои зиёд доранд. Албатта, ин беҳбудиҳо аз бисёр тағйирёбандаҳо вобаста аст, бахусус роҳҳои ҳамгироии технология бо усулҳои анъанавии таълим. Имрӯз, яке аз бартариҳои инқилоби омӯзиши рақамӣ дар он аст, ки донишҷӯён ба доираи васеи захираҳои таълимӣ дастрасӣ доранд.

Дар синфхонаҳои анъанавӣ, захираҳои китобҳои дарсӣ, баъзе захираҳои мултимедиявӣ маҳдуданд. Имрӯз, бо истифода аз баъзе асбобҳо, аз қабили тахтаҳои интеллектуалӣ, ноутбукҳо ва планшетҳо, донишҷӯён ба захираҳои виртуалии номаҳдуд дастрасӣ доранд ва роҳҳои васеъи истифодаи онҳо мавҷуданд. Донишҷӯён метавонанд дарсҳоро ба таври худ кашф кунанд ва муаллимон танҳо мавзӯъҳои асосиро нишон медиҳанд ва ба саволҳои худ ҷавоб медиҳанд.

Ҳузури ҷисмонӣ дигар талаб карда намешавад. Омӯзиши рақамӣ роҳҳои нави омӯзишро барои донишҷӯёне фароҳам меорад, ки дар синфҳои анъанавӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ҳузур дошта наметавонанд. Технологияҳои видеоконфронс ба одамон имкон медиҳанд, ки ба таври фосилавӣ дар дарс иштирок кунанд. Ҳоло бо системаҳои ҷустуҷӯӣ, қобилияти ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо барои истилоҳҳои калидӣ барои муаллимон ва донишҷӯён дастрас аст. Онҳо ба иттилооти қаблан дастраснашуда дастрасӣ доранд ва имкон доранд, ки иттилоот ҳангоми зарурат дастрас шавад.

Донишҷӯён метавонанд бо суръати худ пешрафт кунанд. Таҳсилот як андоза нест, ки ба ҳама мувофиқат кунад Баъзе донишҷӯён баъзе мафҳумҳоро нисбат ба дигарон сусттар аз худ мекунанд. Омӯзиши рақамӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дастрасии доимӣ ба захираҳои омӯзишӣ дошта бошанд.

Омӯзиши рақамӣ ба яке аз муҳимтарин бахшҳои системаи таҳсилоти ҷаҳонӣ табдил ёфта, усулҳои зиёди омӯзишро тағйир додааст. Бисёр мактабҳо ба истифодаи технологияҳои нав шурӯъ мекунанд ва мо метавонем таъсири зиёди мусбати омӯзиши рақамиро ба донишҷӯёни оянда мебинем.

Албатта, ҳамаи ин давра ба давра дар натиҷаи татбиқи стратегияи мақсадноки танзими давлатии фаъолияти макотиби олӣ дар амал ҷорӣ карда мешавад. Вале зинаҳои аввали ин тағйироти бузург гузариш ба таҳсили фосилавӣ, ҳамгироии байналмилалӣ, франчайзинги таълимӣ, табодули таҷриба ва монанди ин амалҳо мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, таҳсилоти фосилавӣ аз сабаби қаламрави кӯҳистонӣ ва дур будани аксари маҳалҳо ва минтақаҳои аҳолӣ аз марказҳои таълимӣ аҳаммияти хоса дорад. Асоси раванди таълим дар таълими фосилавӣ кори мустақилонаи пуршиддати мақсаднок ва назоратшавандаи донишҷӯ мебошад, ки метавонад дар вақти барояш мувофиқ тибқи нақшаи таълимии инфиродӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таҳсил кунад [136].

Ба андешаи мо, нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли самараноки ҳамкории байналмилалӣ ва ғанӣ гардонидани сармояи инсонӣ, инчунин рушди низоми маорифи миллӣ франчайзинги таълимӣ мебошад.

Иёлоти Муттаҳида, Ҷопон ва як қатор кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нишон доданд, ки онҳо дар соҳаи дастгирии сиёсати таҳсилоти олии давлатӣ ва хусусӣ ташаббусҳои хеле ҷиддӣ доранд.онҳо собит карданд, ки усулҳои дастгирии таҳсилоти олӣ метавонанд гуногун бошанд. Тафовути пуштибонӣ ба рушди сохторӣ ва низомии кишварҳо низ марбут аст. Дар ҳар сурат, ҳамчун як пешниҳоди стратегӣ барои низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон, пешниҳод ин аст, ки сиёсати ҳукумат бояд бар бозидани нақшҳои дастгирӣ, мусоидат, ёрӣ, назрати сифат тибқи модели маҳаллӣ асос ёбад.

Ҳукумат бояд ба ҷои назорат бар дастгирӣ тамаркуз кунад. Дахолат ба корҳои таълимӣ сифат ва рӯҳафтодагии афроди ба ин соҳа ҷалбшударо коҳиш медиҳад ва дар муддати кӯтоҳ мутахассисон кишварро тарк мекунанд ва инчунин тамоюли гирифтани дараҷа аз донишгоҳҳои босифати хориҷиро коҳиш медиҳад.

Стратегияи ҳукумат бояд ба кафолати озодии академии андеша дар донишгоҳҳо ва пешгирии ҷорӣ намудани барномаҳое, ки озодии фикрро дар

системаи маориф маҳдуд намекунанд, равона карда шавад. Кафолат надодани ин масъала метавонад боиси рукуди густурда дар системаи таҳсилоти олӣ ва монеаи бунёдӣ дар ташаккули донишҳои бунёдӣ ва миллӣ шавад.

Ҳукумат бояд самти сиёсати таҳсилоти олии худро ҳамчун як тадбире, ки мутобиқи талаботи руз аст, кафолат диҳад. Системаи таҳсилоти олӣ ҳамчун системаи динамикӣ ва интеллектуалӣ ду ҷанбаи миќдорӣ ва сифатӣ дорад. Афзоиши мутавозин, мутаносиб ва интерактивии ин система афзоиши ҳам андозаҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ дар баробари ҳамдигарро тақозо мекунад.

Ба ибораи дигар инфрасохтории рақамии ташаккул ва инкишофи сармояи иносниро тақвият диҳанд. Инфрасохтори рақамӣ маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки эҷод, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва истифодаи маълумоти рақамиро таъмин мекунанд. Ин ҷузъҳоро ба якчанд категорияҳои асосӣ тақсим кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо дар фаъолияти экосистемаи рақамӣ нақши муҳим доранд ва ба инкишофи сармояи инсонӣ таъири бевосита мерасонанд (ҷадвали 3.2.1).

Ҷузъҳои сохтории инфрасохтори рақамӣ бо ҳам алоқамананд ва барои рушд муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунанд. Барои кишварҳое, ба монанди Тоҷикистон, рушди инфрасохтори шабакавӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, ба ибораи дигар, заминаи институтсионалӣ вазифаҳои калидӣ мебошанд. Ин ба рушди устувори иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад.

Асосҳои институтсионалии рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи механизмҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва танзимкунанда мебошанд, ки барои татбиқ ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятӣ шароит фароҳам меоранд.

Ин асосҳо заминаи қонунгузорӣ, стратегияҳои давлатӣ, институтҳои идоракунӣ ва ҳамкории байналмилалиро дар бар мегиранд, ки дар якҷоягӣ экосистемаро барои табдили рақамии кишвар ташкил медиҳанд.

Заминаи қонунгузорӣ нақши калидӣ мебозад, зеро он заминаи ҳуқуқиро барои рақамисозӣ таъмин мекунад. Дар Тоҷикистон аллакай қонунҳое қабул

шудаанд, ки тиҷорати электронӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва амнияти кибериро танзим мекунанд, ки ин барои эътимод ба хидматҳои рақамӣ замина фароҳам меорад.

**Ҷадвали 3.2.1. - Ҷузъҳои сохтории инфрасохтори рақамӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ**

| ҶУЗЪҲО | ТАВСИФ |
|---|---|
| ҶУЗЪҲОИ САХТАФЗОР | - серверҳо ва марказҳои маълумот: дастгоҳҳои физикӣ барои нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот;<br>- шабакаҳои маълумот: таҷҳизоти алоқа (роутерҳо, коммутаторҳо, кабелҳои нахи оптикӣ ва ғ;);<br>- таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ: манораҳои алоқаи мобилӣ, моҳвораҳо, антеннаҳо. |
| ҶУЗЪҲОИ НАРМАФЗОР | - системаҳои амалиётӣ: нармафзори идоракунии захираҳои сахтафзор;<br>- барномаҳо ва платформаҳо: барномаҳо барои иҷрои вазифаҳои мушаххас (платформаҳои таълимӣ, системаҳои ҳукумати электронӣ, системаҳои CRM ва ғайра;);<br>- пойгоҳи додаҳо: системаҳо барои нигоҳдорӣ ва идоракунии иттилооти сохторӣ (SQL, NoSQL). |
| ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ШАБАКАВӢ | - интернет: шабакаи Глобалӣ, ки дастрасӣ ба иттилоот ва хидматҳоро таъмин мекунад;<br>- шабакаҳои маҳаллӣ (LAN) ва шабакаҳои ҷаҳонӣ (WAN): Шабакаҳо барои интиқоли маълумот дар дохили ташкилотҳо ва байни онҳо;<br>- 5G ва дигар технологияҳои алоқа: шабакаҳои Баландсуръат барои интиқоли миқдори зиеди маълумот. |
| МАЪЛУМОТ ВА ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТӢ | - маълумоти калон (Big Data): массивҳои сохторӣ ва сохторинашуда;<br>- маълумоти кушода: маълумоти оммавӣ, ки барои таҳлил ва таҳияи қарорҳо истифода мешаванд;<br>- зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинсозӣ: технология барои таҳлили маълумот ва автоматикунонии равандҳо; |
| АМНИЯТИ КИБЕРӢ | - системаҳои ҳифзи маълумот: рамзгузорӣ, антивирусҳо, сипарҳо;<br>- мониторинг ва идоракунии хавфҳо: воситаҳо барои пешгирии ҳамлаҳои киберӣ ва ихроҷи иттилоот; |
| САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА САВОДНОКИИ РАҚАМӢ | - омӯзиш ва таълим: барномаҳо барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ;<br>- истифодабарандагон: истеъмолкунандагони ниҳоии хидматҳои рақамӣ, ки малакаҳои онҳо самаранокии истифодаи технологияро муайян мекунанд. |
| ҲУҚУҚӢ ВА ТАНЗИМКУНАНДА | қонунҳо ва санадҳои меъерӣ: танзими соҳаи рақамӣ (қонунҳои ҳифзи маълумот, киберамният, тиҷорати электронӣ);<br>- стандартҳо ва сертификатсияҳо: таъмини мутобиқат ва сифати қарорҳои рақамӣ. |
| ЭКОСИСТЕМАИ ХИДМАТРАСОНИИ РАҚАМӢ | - ҳукумати электронӣ: хизматрасониҳо барои шаҳрвандон ва тиҷорат тавассути платформаҳои рақамӣ;<br>- технологияҳои молиявӣ (Fintech): пардохтҳои рақамӣ, бонкдории онлайн, cryptocurrencies;<br>-платформаҳои таълимӣ ва тиббӣ: омӯзиши онлайн, телемедицина, кортҳои электронии беморон. |
| ИНФРАСОХТОРИ ИНТЕРНЕТӢ (IOT) | - дастгоҳҳои интеллектуалӣ: сенсорҳо, сенсорҳои ба шабака пайвастшуда;<br>- платформаҳо барои идоракунии IT: системаҳо барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот аз дастгоҳҳо;<br>- барномаҳои IT: ҳалли шаҳрҳои интеллектуалӣ, кишоварзӣ, саноат ва ғайра; |
| ИНФРАСОХТОРИ ЭНЕРГЕТИКӢ | - таъмини барқ: таъмини устувори нерӯи барқ барои системаҳои рақамӣ;<br>- технологияҳои каммасраф: қарорҳо барои кам кардани масрафи нерӯи барқ аз марказҳои додаҳо ва шабакаҳо; |

**Таҳияи муаллиф**

Стратегияҳои давлатӣ, аз қабили стратегияи миллии рушд дар давраи то соли 2030 ва Стратегияи рақамикунонии Тоҷикистон, барои дигаргунсозии рақамӣ, аз ҷумла рушди ҳукумати электронӣ, беҳтар намудани инфрасохтори алоқа ва баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ҳадафҳои дарозмуддатро ташкил мекунанд.

Унсури муҳим институтҳои идоракунӣ, ба монанди мақомотҳои марбут ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ мебошанд, ки кӯшишҳои татбиқи сиёсати рақамиро ҳамоҳанг мекунанд. Марказҳои инноватсионӣ ва технопаркҳо низ таъсис дода мешаванд, ки ба платформаҳои дастгирии стартапҳо ва лоиҳаҳои IT табдил меебанд. Рушди инфрасохтор, аз ҷумла тавсеаи фарогирии интернет ва татбиқи технологияҳои муосири алоқа, ба монанди 4G ва 5G, шарти зарурии рақамисозӣ мебошад. Ба ҳукумати электронӣ диққати махсус дода мешавад, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки хидматҳои давлатиро онлайн ба даст оранд, ки шаффофият ва самаранокии кори мақомоти давлатиро баланд мебардорад.

Ҳамкории байналмилалӣ дар рушди иқтисоди рақамии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Кишвар бо созмонҳои байналмилалии ватанӣ, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии рушд фаъолона ҳамкорӣ мекунад ва инчунин дар ташаббусҳои минтақавӣ иштирок мекунад. Ин имкон медиҳад, ки сармоягузорӣ ҷалб карда шавад, таҷриба мубодила карда шавад ва ҳамгироӣ ба иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ таъмин карда шавад.

Таълим ва таълими кадрҳо қисми ҷудонашавандаи асосҳои институтсионалӣ мебошанд. Рушди саводнокии рақамии аҳолӣ ва тайер кардани мутахассисони IT тавассути барномаҳои таълимӣ дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳо ба эҷоди кадрҳои баландихтисосе, ки барои иқтисоди рақамӣ заруранд, кӯмак мерасонанд. Ғайр аз он, дастгирии таҳқиқот ва рушд дар соҳаи технологияҳои рақамӣ ба рушди инноватсионии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дастгирии молиявӣ, аз ҷумла маблағгузории давлатӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ, дар рушди инфрасохтори рақамӣ нақши муҳим мебозад. Таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ ва додани грантҳо барои соҳибкорон ва тиҷорати хурд

рушди бахши IT-ро ҳавасманд мекунад. Амнияти киберӣ ва ҳифзи маълумот инчунин унсурҳои муҳим мебошанд, зеро онҳо ба хидматҳои рақамӣ эътимод мебахшанд. Таҳияи стратегияи миллии киберамният ва таъсиси марказҳои вокуниш ба таҳдидҳои киберӣ ба ҳифзи инфрасохтор ва маълумоти муҳими шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз қабили фарогирӣ ва ташаккули фарҳанги рақамӣ низ барои табдили бомуваффақияти рақамӣ муҳиманд. Таъмини дастрасӣ ба хидматҳои рақамӣ барои ҳама табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон ва ташаккули шуури ҷамъиятӣ, ки ба истифодаи технологияҳои рақамӣ нигаронида шудааст, ба таъмини рушди устувор мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, асосҳои институтсионалии рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккули фаъол қарор доранд. Таҳкими заминаи қонунгузорӣ, рушди инфрасохтор, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва ҳамкории фаъоли байналмилалӣ барои таҳаввулоти бомуваффақияти рақамӣ шароит фароҳам меорад. Ин ба кишвар имкон медиҳад, ки на танҳо ба иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ ҳамгиро шавад, балки рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандон ва рақобатпазириро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намояд.

Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз талошу пешрафти назаррас, бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, ки раванди табдили рақамиро суст мекунанд. Яке аз мушкилоти асосӣ рушди нокифояи инфрасохтори рақамӣ, махсусан дар деҳот ва минтақаҳои кӯҳӣ мебошад. Бисёре аз минтақаҳои кишвар то ҳол дастрасии устувор ба интернет надоранд, ки имкониятҳои татбиқи хидматҳо ва технологияҳои рақамиро маҳдуд мекунад. Ҳатто дар шаҳрҳо, сифати алоқа ва суръати интернет аксар вақт сифати беҳтарро тақозо менамояд, ки истифодаи платформаҳо ва барномаҳои муосирро душвор мегардонад.

Бояд гуфт, ки сифати инкишоф ва вусъати системаи маълумоти олӣ, сарфи назар аз шумора, боиси аз ҳуқуқи таҳсил маҳрум шудани одамон ва афзудани табъизи ичтимоӣ мегардад. Афзоиши тавсеаи миќдории он, новобаста аз

сифати он, масъалаҳои тарки мактаб, камсаводӣ, вобастагии илмӣ, таъминоти ќувваи кории зиёдатӣ ва набудани имкониятҳои эҷодкориро ба миён меорад. Сиёсати ҳукумат бояд ба таъмини роҳбарии бисёрҷонибаи донишгоҳҳои кишвар ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои иштироки гурӯҳҳои гуногун дар таъминоти молиявӣ ва, мувофиқан, назорати он, равона карда шавад.

### 3.3. Коркарди механизми коҳиши “фирори мағзҳо”

Ҳалли мушкилот дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ (берунӣ) яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатии муҳоҷирати Тоҷикистон ба шумор меравад. Мавҷуд набудани стратегияи ягона ва ҳамоҳанги давлатӣ дар соҳаи сиёсати муҳоҷират ба бисёр ҷанбаҳои фаъолияти амалии давлати мо дар ташкили идоракунии ин равандҳо таъсир мерасонад. Дар айни замон пурзӯр шудани таваҷҷуҳ ба онҳо бо сабабҳои хусусияти берунӣ ва дохилӣ вобаста аст. Тоҷикистон наметавонад шаҳрвандони худро бо кори муқаррарӣ пурра таъмин кунад. Дар давоми асри XIX бисёре аз кишварҳои аврупоӣ қонунҳое қабул кардаанд, ки воруди афроди номатлубро маҳдуд мекунанд. Ҳамзамон, кишварҳо ба бастани конвенсияҳои дуҷониба оид ба танзими муҳоҷират шурӯъ карданд, ки баъзеи онҳо то имрӯз амал мекунанд.

Равишҳои назариявию методологии таҳлили муҳоҷирати меҳнатиро Д.Рикардо ва А.Маршалл бо тааҷҷуҳ ба мутобиқати байниҳамдигарии аҳолӣ ва сармоя дар доираи ҳудуди муайян таҳқиқ намудаанд.

Нарасидани қувваи кории баландихтисос пешрафти иқтисодии кишварро суст мекунад. Новобаста аз он ки кишваре, ки дорои захираҳои фаровони табиӣ ва сармояи кофӣ аст, агар захираҳои зарурии инсонӣ надошта бошад, наметавонад ба барномаҳои асосие, ки барои раванди рушд заруранд, рӯй оварад. Аз ин рӯ, муҳоҷирати мағзҳоро метавон як раванди зидди ҷараёни рушд ҳисоб кард.

Фирори мағзҳо як навъи муҳоҷирати бошуурона ба далели дастрасии коршиносон ба иттилоъоти бештар аст, дар баробари муҳоҷирати мутахассисон, фирори мағзҳо низ як навъ муҳоҷирати иҷбории ин гурӯҳ аст.

ЮНЕСКО фирори мағзҳоро як шакли ғайримуқаррарии табодули илмӣ байни кишварҳо муайян кардааст, ки бо ҷараёни яктарафа ба нафъи кишварҳои пешрафта хос аст. Таърихи фирори мағзҳо бори нахуст дар авоили даҳаи 1960 дар Фаронса матраҳ шуд ва дар Тоҷикистон он ҳамчун раванди иҷтимоӣ аз аввали солҳои 90 асри 20 шуруъ шуда.

Истилоҳи "муҳоҷирати элитаҳо ба хориҷа", мероси Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аст, яъне вақте ки кишварҳои ғарбӣ ба барқарорсозии харобаҳои ҷанг ва раванди индустрикунонии худ шурӯъ карданд, элитаҳои илмӣ ва коршиносони табақаи сеюмро ба худ ҷалб карданд. Дар фирори мағзҳо теъдоде аз донишмандон, ихтироъкорон, навоварон, техникҳо, муҳандисон ва табибон, ки сармояи инсонӣ маҳсуб мешаванд, бо далоили мухталифи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва касбӣ маҷбуран тарки зодгоҳи худ мекунанд.

Теодор Шульц қайд кардааст, ки калиди рушди иқтисодӣ инсон аст, на захираҳои он. Бо ин тафсир табиист, ки интизории қонунии ҳар ҳукумат вокуниш ба ҳуқуқи олимони он ҷомеъа, таваҷҷуҳ ба онҳо, пазируфтани андешаҳои онҳо ва талош барои ҳифзи онҳо дар экосистемаи рушди он кишвар аст. Аммо воқеият чизи дигареро нишон медиҳад. Аксарияти кишварҳои рӯ ба тараққӣ имкони нигоҳ доштани элитаи илмиро худро надоранд. Як силсила омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ин кишварҳо сабаби фирор кардани олимон аз ватани худ мешаванд.

Ин дар ҳолест, ки шумори қобили таваҷҷуҳ ва афзояндаи муҳоҷирати олимон аз ин кишварҳо тавассути раванди табодули мағзӣ (циркуляция мозгов) ҷуброн намешавад. Мубодилаи мағзи сар ба ҷараёни дуҷонибаи муҳоҷират байни кишварҳои қабулкунанда ва фиристодани таҷриба дахл дорад. Дар ҳолатҳое, ки ҷараёни ниҳоӣ дар як самт шадид аст, истилоҳи резиши мағзҳо ё азхудкунӣ истифода мешавад ва дар воқеъ кишвари кордеҳ маҷбур мешавад, ки шикастро дар ин вазъият қабул кунад. Густариши муҳоҷирати олимон ва мутахассисон аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ боиси аз даст додани қобилияти истифодаи илму технологияи муосир мегардад ва ин ба раванди истеҳсолот,

содирот ва рақобатпазирии ширкатҳо таъсири бевосита мерасонад аз мамлакатхои номбурда таъсир мерасонад.

Аммо бояд гуфт, ки хатари муҳоҷирати афроди босавод хоси кишварҳои рӯ ба тараққӣ нест ва дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳар сол барои сармоягузорӣ ба натоиҷи пажӯҳиш аз ҷониби кишварҳои аслии худ хароҷоти зиёд сарф мешавад, мутахассисони ватанӣ омода карда шуда, ҳамзамон барои ҷалби нерӯи коршиноси хориҷӣ ва муассир ба кишвари худ тавассути эҷоди бартарии устувори рақобатӣ дар илму истеҳсолот кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Аз ин рӯ, тавсия мешавад, ки сиёсати нигоҳдории элитаҳои илмӣ тавассути дастгирии молиявӣ ва эҷоди ангезаҳои зиндагӣ, дар баробари кӯшиши ҷалби коршиносон аз дигар кишварҳо бо маќсади ба даст овардани бартарии раќобатӣ бознигарӣ шаванд.

Солҳои охир муҳоҷирати ғайриқонунӣ бештар ташвишовар шудааст. Ба андешаи Н. Қудратов «…Айни замон, муҳоҷирати ғайриќонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа боиси ба миён омадани як ќатор хатарҳои гуногун ба амнияти миллӣ ва тамомияти арзии кишварамон мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон будубоши ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули созмонҳои террористӣ ва ифротгароии динӣ, миллатгароӣ мусоидат мекунад, ки ин албатта хатари зуҳуроти терроризмро хеле зиёд мекунад. Таҳдид аз он иборат аст, ки муҳоҷири ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз доираи салоҳият ва берун аз “минтақаи таваҷҷӯҳи” мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти давлат дар самти мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ самти муҳими сиёсати давлатист» [80, С.248].

Таҳияи минбаъдаи назариявии мушкилоти муҳоҷират аз ҷониби мактабҳои иқтисодии хориҷӣ дар доираи моделҳои рушди иқтисодӣ сурат гирифт. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки бо назардошти талаботи байналмилалӣ ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки дар доираи қонун дар бораи вуруд ва хуруҷ, кори доимӣ ва муваққатии

шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, аз ҷумла низоми махсуси андозбандӣ, қарздиҳӣ, тиҷоратро танзим мекунанд, таҳия карда шаванд [5].

Қобили қайд аст, ки зарари “фирори мағзҳо” танҳо бо талафоти молиявӣ маҳдуд намешавад. Вале бояд гуфт, ки паёмадҳои ғайримустақим низ муҳимтаранд:

- коҳиши иқтидори инноватсионӣ дар бахшҳои калидӣ;
- заъфи рақобатпазирии бозори дохилӣ;
- паст шудани сатҳи сифат дар маориф, тандурустӣ ва истеҳсолот;
- пастравии эътимоди ҷавонон ба имкониятҳои дохилӣ [181].

Мо чунин меҳисобем, ки ин омилҳо ба таври умумӣ метавонанд фоизи афзоиши солонаи ММД-ро коҳиш диҳанд. Зимнан бояд махсус қайд намуд, ки дар иқтисодҳои хурд, ба мисли Тоҷикистон, ҳар як фоизи ММД таъсири назаррас дорад ва боиси коҳиши андозҳо, буҷет ва имконияти сармоягузорӣ мегардад.

Дар навбати аввал, вазифаҳои ба чаҳорчӯбаи мутамаддин ворид намудани раванди стихиявии муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун маркази марказӣ ҷудо карда шудаанд. Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки муҳоҷират дар шаклҳои барои ҷамъият қобили қабул ба амал бароварда шавад (дар асоси шартнома рафтани муҷаққатӣ, итмоми муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғайра). Дар ин марҳила такмили қонунгузорӣ аҳаммияти калон дорад. Эҷоди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро танзим мекунад, таҳияи лоиҳаҳои қонун дар бораи вуруд ва хуруҷи шаҳрвандони Тоҷикистон бо мақсади меҳнат, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони муҳоҷирро дар назар дорад; санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ, муассисаҳо ва намояндагиҳои кишвар дар хориҷи кишвар, ки бо шуғли шаҳрвандони Тоҷикистон машғуланд. Меъёрҳои тасдиқ ва бақайдгирии шартномаҳои меҳнатӣ байни корфармои хориҷӣ ва коргари тоҷик низ бояд таҳия карда шаванд.

Дар дуюм марҳала бояд ба мушкилоти касбомӯзӣ ва таълимии муҳоҷирон пеш аз рафтани онҳо таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Ба ин муносибат масоили

васеъ истифода бурдани таълими ғоибона, таълими кушод ва инкишофи франчайзинг дар маориф аҳамияти калон доранд.

Ин марҳала бояд ба рушди мутаносиби равобити муҳоҷирати Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар заминаи баробарҳуқуқӣ ва шарикӣ мусоидат кунад.

Марҳилаи севуми ояндадор дар танзими муҳоҷирати меҳнатӣ аз замоне оғоз мешавад, ки Тоҷикистон мушкилоти ҷомеаи давраи гузаришро паси сар карда, ҷомеаи шаҳрвандӣ, иқтисоди бозаргонӣ, ки босамар фаъолият мекунад, ташаккул меёбад. Ин марҳала бояд барои ба Ватан баргардондани васеи муҳоҷирон, инчунин барои ҷалби мутахассисон ва олимони хориҷӣ барои кор ба марказҳои илмии Тоҷикистон имкониятҳои воқеӣ фароҳам оварад.

Бо назардошти он, ки рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатии берунии аҳолӣ, ба маълумот ва тахассуси муҳоҷирони тоҷик низ алоқаманд аст, зарур аст, ки робитаи байни сиёсати давлатии муҳоҷират ва низоми муҳоҷирати меҳнатӣ муайян карда шавад, ки дар он нақш ва аҳамияти сиёсати давлатӣ дар самти коҳиши “фирори мағзҳо” дар шакли зерин ифода меёбад (расми 3.3.1).

Муҳоҷирати олимону ашхоси болаёқт падидаи нав нест ва дар тамоми ҷаҳон вуҷуд дорад ва то замоне, ки ин падида шакли мантиқӣ ва табиӣ дошта бошад ва ба талаботу пешниҳод тобеъ бошад, мушкиле нахоҳад овард, балки тадриҷан пешравии босуръати баъзе аз давлатҳои пешрафта кишварҳо аз як тараф ва ақибмондагии дигар кишварҳоро баратарф менамояд. Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ аз паҳлӯҳои мухталиф, аз қабили пешрафти илм ва навоварӣ ва шароити беҳтари иқтисодӣ ва некӯаҳволӣ дар як давлат боиси пешрафти давлати дигар мешавад.

Муҳоҷират ба ин кишварҳо, ки як мушкили иҷтимоъист ва дар кишварҳо номутавозунии нерӯҳои инсониро ба вуҷуд меорад ва кишвари мо низ бо ин мушкилот мувоҷеҳ аст.

Хароҷоте, ки барои таълиму тарбияи кадрҳои бомаҳорату соҳибмаърифат сарф шудааст, зиёни кишвари мо аз ҷиҳати фирори мағзҳо миллиардҳо долларро ташкил медиҳад. Маблағе, ки барои таълиму тарбия сарф мешавад, боиси бетағйир мондани маориф мешавад ва азбаски маориф як  шарти пешрафт ва рушди босуръат аст, набудани ин нерӯҳо барои ҷомеа паёмадҳои муҳимтаре дорад.

ТАНЗИМИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНА БО НАЗАРДОШТИ ҲИФЗИ САРМОЯИ ИНСОНИИ МИЛЛӢ

УНСУРҲОИ АСОСИИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНА

**ПРИНСИПҲОИ АСОСӢ:**

- рушди тавонмандиҳои инноватсионӣ;
- ҳизфи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти миллӣ;
- муҳоҷират ба хотири рушди сармояи инсонӣ:
- афзалияти сармоягузории ба бозори дохили меҳнат;
- «гардиши мағзҳо» ба ҷойи «фирори мағзҳо».

**НИҲОДҲОИ АСОСӢ:**

- вазоратҳо ва кумитаҳои масъул ба рушди сармояи инсонӣ;
- муассисаҳои таълимӣ, касбӣ, такмили ихтисос;
- муассисаҳои тандурустӣ, солимии ҷомеа, варзишӣ;
- муассисаҳои машваратии фаъолияти соҳибкорӣ;
- ширкатҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра.

**ФИШАНГҲОИ АСОСӢ:**

- ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва сиёсӣ;
- созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба муҳоҷират ;
- барномаҳои танзими муҳоҷирати берунӣ;
- барномаҳои омузишии таълимӣ забонҳои хориҷӣ;
- барномаҳои танзими бозори меҳнати дохилӣ.

**УСУЛҲОИ ҲАВАСМАНДНАМОИИ БОЗГАШТИ МУҲОҶИРОН:**

- барномаҳои ҳавасамандмамоии моддӣ барои бозгашт;
- тайёрии касбии муҳоҷирони ба ватан омада:
- содда кардани раванди гумрукии бозгашти муҳоҷирон, амвол ва воситаҳои пулии онҳо;
- афзоиши тақозо дар бозори меҳнати дохилӣ ва ғ.

**Ҳ И Ф З  В А  Т А Қ В И Я Т И  Т А Қ О З О  Д А Р  Б О З О Р И  М Е Ҳ Н А Т И  Д О Х И Л Ӣ**

Водор намудани ширкатҳои хориҷӣ ҷиҳати ба кор гирифтани шаҳрвандони тоҷик бо таносуби афзалияти нисбии тарафи Тоҷикистон

Ислоҳоти сохтории идоракунии ҳайат дар ширкатҳои ватанӣ бо таваҷҷуҳ ба баландбардории арзиши сармояи инсонӣ дар заминаи балоғати касбӣ

Ҷалби соҳибкорони тоҷикистонии муқими кишварҳои хориҷӣ ба бунёди ҷойҳои корӣ дар заминаи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ

Таъсиси марказҳои пажуҳишӣ бо ширкати олимони тоҷикистонии муқими кишварҳои хориҷӣ дар фазои маҷозӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи иқтидори илмии ҳамватонони хориҷ аз кишвар ба коркард ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар заминаи консепсияи густариши раванди «гардиши мағзҳо»

**КОҲИШИ ТАЪСИРИ МАНФИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНА БА ТАШАККУЛИ САРМОЯИ ИНСОНИИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**Расми 3.3.1. Механизми коҳиши «фирори мағзҳо»**

Вазифаи давлат дар ин раванд ҳифз, танзим ва назорати равандҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мутобиқи манфиатҳои миллии кишвар аст. Маҳз давлат бояд тамоми захираҳои дорои хусусияти расмӣ ва ғайрирасмиро ба хотири як ҳадаф ва як самт муттаҳид созад. Муҳоҷирон дар хориҷа муддати тӯлонӣ дар сатҳи пасти тахассус кор мекунанд, зеро маъмурияти корхонаҳои кишварҳои қабулкунанда ба омӯзиши онҳо таваҷҷуҳ надоранд ва вазифадор нестанд. Созишномаи байниидоравӣ, байниҳукуматӣ дар соҳаи такмили ихтисоси муҳоҷирон вуҷуд надорад.

Ҳоло таҳримҳои иқтисодие, ки ба шарики стратегии Тоҷикистон, яъне кишвар Россия аз тарафи мамлакатҳои ғарбӣ муқаррар шудааст, вазъи муҳоҷирони меҳнатии моро мураккаб менамояд. Бо таваҷҷуҳ ба ҷорӣ гардидани маҷмӯи бесобиқаи таҳримҳои байналмилалӣ, дурнамои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳама гуна ҳолатҳо ранги манфӣ мегирад. Махсусан ба назар гирифтан зарур аст, ки қисми назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз ҳисоби маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки асосан дар Федератсияи Россия фаъолият мекунанд, таъмин мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат саволи калидӣ пеш меояд: таъсири чунин таҳримҳо ба иқтисоди миллии Тоҷикистон то кучо харобиовар хоҳад буд?

Таҷрибаи воқеии солҳои охир нишон медиҳад, ки дар фазои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, коҳиши босуръати қурби рубл ба унвони як канали асосии интиқоли таъсирот хатарҳои ҷиддии ноустувории макроиқтисодиро ба бор меорад. Ин раванд аллакай мушоҳида шудааст ва зарбаи асосиро ба муҳоҷирони тоҷик мерасонад, ки нақши онҳо дар рушди бахши кишоварзии хусусӣ ва соҳибкории хурду миёнаи дохилӣ калидӣ мебошад.

Дар сурати кам шудани ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ, бахшҳои вобаста ба онҳо, пеш аз ҳама содиркунандагон ва истеҳсолкунандагони хурд, дучори мушкилот мегарданд, ки дар ниҳоят имконияти афзоиши содирот низ натиҷаи назаррас нахоҳад дод. Дар натиҷа, то ҳол муҳоҷирони кории тоҷик аз ҳама гуна ҳимояти иҷтимоӣ аз ҷониби давлат маҳруманд. Пешравони

муҳоҷир беш аз 30 сол аст, ки дар хориҷи кишвар бидуни суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа кор мекунанд. Бояд гуфт, ки ин ҳолат беш аз дигар омилҳо раванди хуруҷи мағзҳо аз Тоҷикистонро шадидтар мекунад.

Бештари теъдоди мутахассисони барҷастаи тоҷик ки ба раванди фирори мағзҳо фаро гирифта шудаанд, табибон мебошанд. Бо таъминоти нокифояи табибон дар кишварҳои даромади паст ва миёна, мо бояд шоҳиди оқибатҳои ногувори иқтисодӣ бошем, ки афзоиши фавтро дар бар мегирад. Ин муаммо, махсусан, барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба як мушкил табдил ёфтааст. Ва имрӯз хавфи он аст, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ фарқиятҳои байни кишварҳои пешрафта ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ бештар ва қувваҳои ҷалби мағзҳо шадидтар хоҳанд. Инчунин, азбаски дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ умуман сатҳи некӯаҳволии иҷтимоӣ паст аст, фирори мағзҳо дар мадди аввал меистад. Ба ҷуз аз тафовути даромад, маълум аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ, арзишҳо ва муносибатҳо бо ҳадафҳои муҳоҷират алоқамананд. Ҳаракат ба сатҳи баланди некӯаҳволии иҷтимоӣ як дурнамои муҳимро барои пешгирӣ кардани фирори мағзҳо нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки масъалаи “фирори мағзҳо” дар даҳсолаҳои охир яке аз мушкилоти асосии рушди инсонӣ ва устувории иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба шумор меравад. Ин раванд дар заминаи ҷаҳонишавӣ, рақобати илмӣ ва шиддат гирифтани ҷалби мутахассисони баландихтисос аз ҷониби кишварҳои пешрафта ба марҳилаи сифатан нав расидааст. Қобили қайд аст, ки аксар кишварҳо, новобаста аз дараҷаи рушд, дар муқобили ин падида сиёсати миллии махсусро таҳия намудаанд, ки ҳадафи асосии он на фақат пешгирии хуруҷи нерӯи зеҳнӣ, балки ба роҳ мондани “гардиши мағзҳо” мебошад, ки муносибати мутавозин ва дуҷонибаи кишварҳои фиристанда ва қабулкунандаро дар назар дорад [181].

Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи байналмилалӣ, давлатҳое, ки тавонистаанд механизми муассири бозгардони мағзҳоро коркард кунанд, ду самти калидиро пайгирӣ намудаанд: яке эҷоди шароити мусоиди иҷтимоиву иқтисодӣ дар дохил, ва дигаре ҳамгироии фаъоли диаспораҳои илмӣ ва касбӣ

дар сохтори миллии таҳқиқот ва инноватсия. Дар ин росто, таҷрибаи кишварҳои монанди Ҳиндустон, Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва Ирландия бештар мавриди таваҷҷуҳи олимони иқтисоди инсонӣ қарор гирифтааст.

Дар мавриди Ҷумҳурии Ҳиндустон, бешубҳа, сиёсати давлатӣ барои баргардони кадрҳои илмӣ бо таъсиси барномаи "Overseas Indian Facilitation Centre" (OIFC) натиҷаҳои назаррас дод. Барнома ба мутахассисони ҳиндие, ки дар хориҷ фаъолият доштанд, имтиёзҳои андозӣ, грантҳои илмӣ ва дастрасӣ ба бозори маҳаллӣ фароҳам овард. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки самаранокии ин барнома бо таъсиси шабакаи фаъоли "Global Indian Scientists and Technocrats Network" (GIST) афзун гардид, ки он воситаи "гардиши мағзҳо" байни Ҳиндустон ва марказҳои илмии ҷаҳонӣ гардид.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин низ қобили таваҷҷуҳ аст. Бо таваҷҷуҳ ба он, ки Чин аз охири солҳои 1990 сиёсати "баргардондани донишмандони хориҷӣ"-ро ба роҳ монд, имрӯз зиёда аз 80% олимону муҳандисони чинӣ, ки дар хориҷа таҳсил мекарданд, ба кишвар баргаштаанд. Барномаи "Thousand Talents Plan" бо пешниҳоди грантҳои давлатӣ, манзил ва имкониятҳои илмӣ барои муҳаққиқон амалӣ гардида, ба ташаккули экосистемаи мукаммали илмӣ-инновационӣ мусоидат намуд. Новобаста аз ин, Чин на танҳо ба баргардони мутахассисон таваҷҷуҳ намуд, балки шабакаҳои "содиротии дониш" ва "инноватсияи баргардондашуда"-ро низ ба вуҷуд овард, ки барои таҳкими ҳамкории илмӣ бо марказҳои хориҷӣ хизмат мекунанд.

Дар ҳолати Кореяи Ҷанубӣ, ки дар даҳсолаи 1970 бо мушкили хуруҷи доимии донишмандон рӯ ба рӯ буд, сиёсати миллии "Brain Korea 21" ба як намунаи муваффақ табдил ёфт. Мақсади асосии он ин буд, ки муҳаққиқони ҷавон дар дохили кишвар имконияти дастрас ба маблағгузории илмӣ ва озмоишгоҳҳои муосир дошта бошанд. Дар натиҷа, дар давоми бист сол шумораи олимони сатҳи байналмилалӣ дар кишвар беш аз се маротиба афзуд. Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин таҷриба, имрӯз дар Тоҷикистон низ зарур аст, ки

барномаи миллии “Brain Tajikistan” таҳия гардад, ки аз ҷиҳати мундариҷа бо барномаи Корея шабоҳат дошта бошад.

Қобили қайд аст, ки Ирландия низ бо истифода аз механизмҳои андозӣ ва ташкили “Innovation Hubs” тавонист муҳаққиқони ирландиро аз хориҷ баргардонад. Бояд гуфт, ки сиёсати андозбандии мусоид барои ширкатҳои илмӣ-технологӣ ва барномаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ имконият фароҳам овард, ки зиёда аз 40% муҳаққиқони ирландии хориҷӣ ба Ватан баргарданд.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки коҳиши “фирори мағзҳо” танҳо дар сурати ҳамоҳангии сиёсатҳои давлатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ имконпазир аст. Бешубҳа, омилҳои муҳиме чун устувории иқтисодӣ, инфраструктураи илмӣ, баланд бардоштани обрӯи илм дар ҷомеа ва созмони шабакаҳои диаспорӣ нақши калидӣ мебозанд. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ бо роҳи муваффақ сохтани “гардиши мағзҳо” тавонистанд аз фирори мағзҳои худ на фақат ҷилавгирӣ намоянд, балки онро ба манбаи рушди технологӣ табдил диҳанд.

Новобаста аз ин, таҷрибаи Африқои Ҷанубӣ, Филиппин ва кишварҳои Амрикои Лотин нишон медиҳад, ки агар давлат сиёсати ҳавасмандкунандаи дуруст надошта бошад, ҳатто бо вуҷуди захираҳои илмӣ ва шабакаҳои фаъол, “фирори мағзҳо” идома меёбад [8]. Дар ин ҳолат нақши муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди сармояи инсонӣ махсусан муҳим аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар Тоҷикистон низ бояд равобити устувор миёни донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва бахши хусусӣ таъмин гардад, то муҳаққиқон ва мутахассисони ҷавон имкони амалӣ намудани дониш ва навовариҳои худро дар дохили кишвар пайдо кунанд.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи байналмилалӣ барои Тоҷикистон як намунаи омӯзанда буда метавонад. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои захираҳои зеҳнии арзанда, метавонад бо истифода аз механизмҳои ҳамгироии илмӣ-инноватсионӣ, таъсиси шабакаҳои диаспории илмӣ ва барномаҳои ҳавасмандкунандаи иқтисодӣ ба сиёсати “гардиши

мағзҳо” гузарад. Бешубҳа, ин раванд ба рушди устувори сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтисодиёти донишбунёд мусоидат хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ аз сатҳи идоракунии раванди муҳоҷират ва сиёсатҳои марбут ба бозгардони донишмандон вобаста аст. Дар заминаи ҷаҳонишавии бозори меҳнат ва рақобати афзоянда барои кадрҳои соҳибтахассус, масъалаи коҳиши “фирори мағзҳо” дигар на танҳо масъалаи иҷтимоӣ, балки масъалаи амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодӣ гардидааст.

Қобили қайд аст, ки Тоҷикистон бо вуҷуди доштани захираҳои арзандаи илмӣ, то ҳол механизми ягонаи “гардиши мағзҳо”-ро ҳамчун қисми таркибии сиёсати давлатии рушди сармояи инсонӣ таҳия накардааст. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки барои гузаштан аз модели анъанавии муҳоҷирати кадрҳои соҳибтахассус ба модели гардиши зеҳнӣ зарур аст, ки барномаҳои давлатӣ, низоми ҳуқуқӣ ва муҳити иқтисодии мусоид дар як низоми ягона ҳамоҳанг карда шаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта, модели миллии “гардиши мағзҳо” дар Тоҷикистон бояд аз пояҳои асосии зерин иборат бошад (ҷадвали 3.3.1).

Қобили қайд аст, ки татбиқи чунин модели шашпояи сохторӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ҷараёни “фирори мағзҳо”-ро ба самти “гардиши дониш ва таҷриба” табдил диҳад. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки муваффақияти ин модел аз сатҳи ҳамоҳангии байниидоравӣ, дастгирии давлатӣ ва иштироки фаъоли бахши хусусӣ вобастагӣ дорад. Бешубҳа, ҳамин омилҳо метавонанд заминаи устувори гузариши кишвар ба марҳалаи нави рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтисодиёти донишбунёдро фароҳам оранд.

Бо таваҷҷуҳ ба он, ки қисми зиёди кадрҳои соҳибтахассуси тоҷик дар соҳаҳои илмҳои табиӣ, техникӣ ва тиббӣ фаъолият доранд, зарур аст, ки дар ин соҳаҳо марказҳои илмии минтақавӣ таъсис дода шаванд, ки ба онҳо олимони хориҷӣ ва ҳамватанони хориҷазим вафотан даъват карда шаванд.

Бешубҳа, чунин марказҳо метавонанд ба “нуқтаҳои рушди илмӣ-инноватсионӣ” табдил ёбанд ва боиси баланд гардидани сатҳи рақобатпазирии илм дар дохили кишвар гарданд.

**Ҷадвали 3.3.1. - Пояҳои асосии модели миллии “гардиши мағзҳо” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Пояи асосӣ | Мазмун ва самти амалисозӣ | Натиҷаи интизоршаванда |
|---|---|---|
| **Институционализатсияи ҳамкории илмӣ бо донишмандони тоҷик дар хориҷ** | Ташкили Маркази миллии ҳамкории илмӣ-инноватсионӣ бо диаспора; таъсиси пойгоҳи иттилоотии ягона оид ба донишмандони тоҷик дар хориҷ; баргузории форумҳо ва барномаҳои муштараки илмӣ | Густариши шабакаи миллии илмӣ-инноватсионӣ; воридшавии таҷриба ва донишҳои муосир ба низоми илмии кишвар |
| **Механизмҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳавасмандкунӣ барои бозгардони кадрҳои соҳибтахассус** | Таъмини имтиёзҳои андозӣ ва иҷтимоӣ; грантҳои илмӣ; дастгирии маблағгузории ибтидоӣ (seed funding) барои лоиҳаҳои бозгашти илмӣ | Афзоиши шумораи донишмандони бозгашта; коҳиши суръати “фирори мағзҳо”; таҳкими иқтидори зеҳнии миллӣ |
| **Рушди инфрасохтори илмӣ-инноватсионӣ ва муҳити эҷодӣ дар дохили кишвар** | Ташкили марказҳои илмӣ ва озмоишгоҳҳои минтақавӣ; барномаҳои ҳамгироии илм бо истеҳсолот; густариши фондҳои навоварию таҳқиқотӣ | Баландшавии рақобатпазирии илм ва технология; ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ |
| **Дипломатияи илмӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар самти “гардиши мағзҳо”** | Эҷоди лоиҳаҳои муштараки илмӣ бо созмонҳои байналмилалӣ (ЮНЕСКО, БМТ, Бонки Ҷаҳонӣ); дастгирии барномаҳои мубодилаи илмӣ ва таҳқиқотӣ | Тавсеаи шабакаҳои илмии байналмилалӣ; баланд бардоштани обрӯи илмии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ |
| **Ташаккули сиёсати давлатӣ ва қонунгузории инноватсионии ҳифзи сармояи инсонӣ** | Таҳияи санадҳои меъёрӣ барои танзими муҳоҷирати кадрҳои соҳибтахассус; муайян кардани масъулияти ниҳодҳои давлатӣ дар дастгирии илм ва инноватсия | Мустаҳкамшавии заминаи ҳуқуқӣ барои татбиқи сиёсати миллӣ оид ба коҳиши “фирори мағзҳо” |
| **Пешбурди фарҳанги илмӣ, маърифатӣ ва эътибори иҷтимоии дониш** | Баланд бардоштани мақоми иҷтимоии донишмандон; ҷорӣ намудани барномаҳои тарғиботии илм; эътирофи иҷтимоии фаъолияти илмӣ ва навоварӣ | Тақвияти рӯҳияи эҷодӣ дар ҷомеа; афзоиши таваҷҷуҳ ба илм ҳамчун арзиши миллӣ ва муҳаррики рушди устувор |

Таҳияи муаллиф

Қобили қайд аст, ки модели миллӣ бояд инчунин унсури “дипломатияи илмӣ” дошта бошад. Яъне ҳамкории илмӣ ва таҳқиқотӣ бояд ба яке аз самтҳои фаъоли сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад. Ин ба кишвар имкон медиҳад, ки тавассути лоиҳаҳои муштарак бо созмонҳои байналмилалӣ (ЮНЕСКО, ПРООН, Бонки ҷаҳонӣ ва ғайра) ҳамзамон захираҳои молиявӣ, дониш ва таҷрибаи идоракунии илмро ҷалб намояд [175].

Новобаста аз ин, дар зимн бояд тазаккур дод, ки “гардиши мағзҳо” танҳо дар шароите самаранок мешавад, ки дар дохили кишвар фазои озоди эҷод, муҳити илмии мусоид ва сатҳи кофии эътимод ба низоми идоракунии давлатӣ мавҷуд бошад. Бояд гуфт, ки дар ҷомеаҳои дорои маҳдудияти иҷтимоӣ ва маъмурии зиёд, ҳатто бо вуҷуди имтиёзҳо, донишмандон майл ба баргаштан надоранд. Аз ин рӯ, такмили муҳити озоди эҷодӣ, шаффофияти грантҳо ва дастгирии илмҳои ҷавон бояд қисми муҳими стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ гардад.

Дар маҷмӯъ, модели миллии “гардиши мағзҳо” барои Тоҷикистон бояд бар пояи принсипҳои зерин таҳия шавад:

- баробарии имкониятҳо, яъне эҷоди дастрасии баробар барои донишмандон дар дохил ва хориҷ;

-интегратсияи илм ва амалия, яъне пайвастани тадқиқот бо эҳтиёҷоти воқеии иқтисоди миллӣ;

-ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ, ки эҳтиром ба мақоми илмӣ, баланд бардоштани маош ва эътирофи иҷтимоиро дар назар дорад;

- пайвасти байнинаслӣ, ба маънои дастгирии муҳаққиқони ҷавон аз ҳисоби барномаҳои ҳамкорӣ бо олимони собиқадор.

Бешубҳа, татбиқи чунин модел метавонад Тоҷикистонро аз кишвари “фиристандаи мағзҳо” ба кишвари “гардиши зеҳнҳо” табдил диҳад. Дар ин сурат, рушди сармояи инсонӣ на танҳо ҳамчун манбаи истеҳсолоти миллӣ, балки ҳамчун пояи устувори иқтисодиёти донишбунёд амалӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки дар низоми иқтисодиёти муосир нигоҳдории сармояи инсонӣ на танҳо як вазифаи иҷтимоӣ, балки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати

иқтисодии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз дидгоҳи мактабҳои иқтисодии муосир, сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосии афзоиши маҳсулнокӣ, навоварӣ ва рақобатпазирии миллӣ арзёбӣ мешавад [135]. Қобили қайд аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди бозори меҳнат, нигоҳдории кадрҳои соҳибтахассус дар дохили кишвар танҳо дар сурате имконпазир аст, ки механизмҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳавасмандкунӣ дуруст ба роҳ монда шаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи байналмилалӣ, механизмҳои мазкур метавонанд дар се гурӯҳи асосӣ ҷамъбаст шаванд: ҳавасмандгардонии молиявӣ ва иқтисодӣ; дастгирии иҷтимоӣ ва касбӣ; муҳити мусоиди кор ва эҷод. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин омилҳо танҳо дар ҳолате самараноканд, ки дар доираи сиёсати миллии ҳамгирои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гарданд (ҷадвали 3.3.2).

Бидуни шак татбиқи маҷмӯии ин механизмҳо имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон системаи устувори ҳифзи сармояи инсонӣ ташаккул ёбад. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки ҳар яке аз ин гурӯҳҳо танҳо дар ҳолати ҳамоҳангии байниидоравӣ ва дастгирии сиёсати давлатӣ метавонад натиҷаи назаррас диҳад. Бешубҳа, маҳз ҳамгироии ин се унсур -иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳити эҷодӣ -заминаи воқеии коҳиши “фирори мағзҳо” ва тақвияти иқтидори зеҳнии миллӣ хоҳад шуд.

Қобили қайд аст, ки сабабҳои иҷтимоии “фирори мағзҳо” на камтар аз сабабҳои иқтисодӣ таъсир доранд. Бояд гуфт, ки набудани эҳсоси устувории иҷтимоӣ, дастнорасии хизматрасонии тиббӣ, манзил ва фароғат барои донишмандон, боиси заъфи ангезаҳои иҷтимоӣ мегардад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар Тоҷикистон зарур аст, ки барномаҳои иҷтимоии ҳифзи кадрҳои соҳибтахассус ҷорӣ карда шаванд, ки дар бар гиранд:

- таъмин бо манзили хизматӣ ва дастгирии ипотекаи имтиёзнок барои кормандони соҳаи илм, маориф ва тандурустӣ;

- суғуртаи ҳатмии иҷтимоиву тиббӣ барои олимон ва муаллимон;

- таъсиси барномаҳои фароғатӣ, саломатӣ ва истироҳат барои кормандони илм ва омӯзгорон.

**Ҷадвали 3.3.2. - Гурӯҳбандии механизмҳои иқтисодиву иҷтимоии нигоҳдории сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Гурӯҳи механизмҳо | Моҳият ва самтҳои асосии амалисозӣ | Натиҷаҳои интизоршаванда |
|---|---|---|
| **Ҳавасмандгардонии молиявӣ ва иқтисодӣ** | - таъсиси Фонди миллии дастгирии сармояи инсонӣ;<br>- ҷорӣ намудани музди меҳнати дифференсиалӣ вобаста ба натиҷаҳои илмӣ;<br>- имтиёзҳои андозӣ барои ширкатҳое, ки ба омӯзиш ва навовариҳои кормандон сармоягузорӣ мекунанд;<br>- дастгирии грантҳои илмӣ ва лоиҳаҳои таҷдиди кадрҳо. | Афзоиши сатҳи ҳавасмандии иқтисодии донишмандон; коҳиши шиддати “фирори мағзҳо”; таҳкими тавозуни байни сармояи молиявӣ ва зеҳнӣ |
| **Дастгирии иҷтимоӣ ва касбӣ** | - таъмини манзили хизматӣ ё имтиёзнок барои кадрҳои соҳибтахассус;<br>- суғуртаи ҳатмии иҷтимоиву тиббӣ барои кормандони илм, маориф ва тандурустӣ;<br>- барномаҳои солимгардонӣ ва фароғатии олимон;<br>- ҷорӣ намудани дастгирии оилавии кормандони соҳаҳои стратегӣ (илм, маориф, тиб). | Беҳбудии сатҳи зиндагии кадрҳои соҳибтахассус; устувории иҷтимоӣ; афзоиши ангеза барои фаъолияти касбӣ дар дохили кишвар |
| **Муҳити мусоиди кор ва эҷод** | - дастрасӣ ба базаҳои байналмилалии иттилоотӣ ва нашрияҳои илмӣ;<br>- шаффофият дар низоми грантҳо ва таъйини вазифаҳои илмӣ;<br>- интегратсияи донишгоҳҳо ба шабакаҳои байналмилалии илмӣ;<br>- барномаҳои таблиғу эътирофи дастовардҳои илмӣ ва навоварӣ. | Баландшавии обрӯ ва мақоми иҷтимоии илм; афзоиши эътимоди муҳаққиқон ба низоми илмии миллӣ; рушди фарҳанги илмдӯстӣ ва эҷодкорӣ |

**Таҳияи муаллиф дар асоси [114; 110; 100; 95].**

Дар зимн бояд тазаккур дод, ки чунин барномаҳо дар кишварҳои Скандинавия (Шветсия, Норвегия, Финландия) боиси болоравии қобили мулоҳизаи дараҷаи некӯаҳволии иҷтимоии кормандони илм гардиданд [24]. Дар натиҷа, сатҳи муҳоҷирати илмӣ дар ин кишварҳо ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Бешубҳа, барои Тоҷикистон низ ҷорӣ намудани чунин барномаҳо имкон медиҳад, ки муҳити иҷтимоии устувор барои донишмандон таъмин гардад ва арзиши иҷтимоии меҳнати зеҳнӣ афзояд. Дар ин росто, вазоратҳои

меҳнат, маориф, тандурустӣ ва молия бояд ҳамоҳангии амалӣ дошта бошанд, то сиёсати иҷтимоии нигаҳдории кадрҳо самаранок иҷро гардад.

Бояд гуфт, ки яке аз шароити асосии татбиқи самараноки механизмҳои мазкур мавҷудияти муҳити макроиқтисодии устувор мебошад. Дар ҳолате ки иқтисоди миллӣ ба таври устувор рушд мекунад, давлат имкони афзоиши маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва илмро пайдо менамояд. Новобаста аз ин, дар шароити буҷети маҳдуди давлатӣ бояд аз механизмҳои алтернативии маблағгузорӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хусусӣ ва грантҳои байналмилалӣ истифода бурда шавад. Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта, истифодаи моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи илм ва маориф метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии рушди сармояи инсонӣ бошад [43].

Қобили қайд аст, ки дар шароити Тоҷикистон низ бахши хусусӣ тадриҷан ба манфиатҳои сармоягузорӣ дар таҳсил ва омӯзиши кадрҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Дар зимн бояд тазаккур дод, ки рушди ин раванд ниёз ба механизмҳои ҳуқуқии ҳавасмандкунӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ барои ширкатҳои сармоягузор дар таҳсилоти касбӣ ва барномаҳои навоварӣ дорад. Бешубҳа, ин сиёсат метавонад на танҳо сатҳи шуғли босифатро афзояд, балки иқтидори зеҳнии дохили кишварро низ устувор нигоҳ дорад.

Бо назардошти он, ки яке аз вазифаҳои муҳими давлат - бунёди низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва касбӣ мебошад, бояд гуфт, ки он донишмандон ва кормандони илмро аз хавфҳои иқтисодӣ муҳофизат мекунад. Дар ҳолати аз кор мондан, беморӣ ё нафақа, шахс бояд дастгирии моддии устувор дошта бошад. Воқеан ҳам, таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки дастгирии иҷтимоии устувор барои кормандони илмӣ, ҳамзамон бо сиёсати афзоиши маош, дар муддати кӯтоҳ сатҳи “фирори мағзҳо”-ро коҳиш додааст [54].

Зимнан бояд махсус қайд намуд, ки таъмини устувории иҷтимоӣ барои донишмандон бояд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии илм якҷо амалӣ гардад. Ин маънои онро дорад, ки дар назди донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ

бояд шароити муносиб барои зиндагӣ, хидматрасонӣ ва фароғат фароҳам оварда шавад. Бидуни шак, чунин муҳит ҳисси мансубият ва устувории иҷтимоии донишмандонро тақвият мебахшад.

Мо чунин меҳисобем, ки масъалаи баланд бардоштани мақоми иҷтимоии илм яке аз муҳимтарин вазифаҳои стратегии давлат мебошад. Дар ҷомеаи муосир, ки арзишҳои бозорӣ бар меъёрҳои илмӣ ғолиб меоянд, эҳтироми иҷтимоӣ нисбат ба дониш ва донишмандон бояд аз нав барқарор карда шавад. Вале, ин вазифа танҳо бо кӯшиши ниҳодҳои давлатӣ ҳал намешавад, ВАО, муассисаҳои фарҳангӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд дар ин раванд саҳм гузоранд. Воқеан ҳам, таъсиси ҷоизаҳои давлатӣ ва корпоративӣ барои дастовардҳои илмӣ, барномаҳои телевизионӣ ва муҳокимаҳои илмӣ дар сатҳи миллӣ метавонад фазои иҷтимоиро ба самти қадршиносии дониш ва илм равона созад.

Дар маҷмӯъ, механизмҳои иқтисодиву иҷтимоии нигоҳдории сармояи инсонӣ бояд ҳамчун қисми модели миллии устувории зеҳнӣ (intellectual sustainability model) шинохта шаванд. Бо назардошти он, ки чунин модел бояд ҳамзамон дар бар гирад:

- устувории иқтисодӣ, тавассути сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ;

устувории иҷтимоӣ, тавассути кафолати ҳаёти шоиста ва муҳити мусоиди корӣ;

- устувории фарҳангӣ, тавассути эҳтиром ба дониш ва арзиши илм дар ҷомеа.

Мо чунин меҳисобем, ки, муттаҳид намудани ин унсурҳо метавонад Тоҷикистонро дар роҳи гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд қарор диҳад. Бидуни шак, ин раванд танҳо дар сурате самара хоҳад дод, ки механизмҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳифзи сармояи инсонӣ бо дигар стратегияҳои давлатӣ, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди устувор то соли 2030, Барномаи давлатии рушди илму маориф ва Барномаи миллии инноватсия ва рақамикунонӣ пурра ҳамоҳанг карда шаванд.

Ҳамин тавр, сармояи инсонӣ як қисми дороиҳои кишвар ва муҳимтарин бартарии рақобатӣ ва манбаи нодир дар иқтисоди муосири донишбунёд мебошанд. Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки шумораи зиёди намояндагони элитаи илмӣ ва мутафаккирон аз соҳаҳои гуногуни илм аз кишвар хориҷ мешаванд. Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти сабабҳои муҳоҷирати элитаи илмӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъсири амнияти иҷтимоиро ба муҳоҷирати элита, сарфи назар аз аҳамияти он, баррасӣ намекунад. Аз ин рӯ, баррасии оқибатҳои муҳоҷирати элитаи илмӣ муҳим аст.

Дар асоси натоиҷи тадқиқот пешниҳод мешавад, ки ҳукумат ба татбиқи сиёсату қонунҳои худ ва дифоъ аз нақшаҳои дастгирии элитаҳои илмӣ ва соҳибкорон ва фароҳам овардани замина барои рушду пешрафт барои олимони кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд.

Татбиқи беҳбудии иҷтимоӣ ба хотири пешгирӣ аз фирори мағзҳо, аз қабили кумак ба кормандони маориф, беҳбудӣ ва дастрасӣ ба саломатӣ ва беҳдошти мардум, эҷоди шуғл ва хидматрасонии касбӣ дар кишвар яке аз муҳимтарин омилҳои пешгирии фирори мағзҳо маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, мо метавонем ба масъалаҳои иќтисодии табаќаҳои илмии ҷомеаҳо таваҷҷӯҳи хоса диҳем, рӯҳияи шодиву умедро густариш диҳем, ҳамкориҳои байниидоравӣ барои баланд бардоштани савияи дониш, таваҷҷӯҳ ба арзишҳои, иҷтимоӣ ва ахлоќиро бештар намоем. Таваҷҷуҳ ба нуқтаҳои осебпазирии иҷтимоӣ дар мавриди истеъдодҳо ва элитаҳо, аз байн бурдани сохторҳои бесамар дар соҳаи тадқиқот, таваҷҷӯҳ ба тавонмандии марказҳои таълимӣ ва донишгоҳӣ, омодасозӣ ва нигоҳдории кадрҳои баландихтисос, идоракунии фазои виртуалӣ, сайтҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади пешгирии ҷалби осони элитаҳои илмӣ ба манфиати кишвар мебошад. Ҳадафи дастгирии иҷтимоӣ, масъулият ва талаботи иҷтимоӣ дар сатҳҳои гуногуни таълимӣ, паст кардани фишори равонии муҳити таълимӣ ва корӣ, истифодаи иқтидори воситаҳои ахбори омма бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги таваҷҷуҳ ба иқтидори элитаи ҷомеа, тартибот ва эҳсоси амнияти иҷтимоӣ, таваҷҷуҳ ба фароғат ва оромии аҳли илм, омӯзиши техникӣ ва касбӣ барои

баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон, шуғли устувор ва интерактивӣ, фарогирии мувофиқи суғурта барои ҷомеаи илмӣ ба шумор меравад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 3

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон мушкилоти такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ҳануз ба мақоми аҳамияти стратегӣ дошта баробар карда нашудааст. Албатта, дар суханрониҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бобат хеле таъкидҳои ҷиддӣ шудааст. Инчунин чандин барномаҳо ва стартегияҳои давлатӣ қабул шудаанд ва мавриди татбиқ қарор доранд, ки бевосита ва ё бавосита ба муаммоҳои руши сармояи инсонӣ бахшида шудаанд. Аммо, ҳамаи ин ҳануз кофӣ нест.

Таҳлили арзиши стратегии сармояи инсонӣ дар корхонаҳои саноатӣ нишон дод, ки барои пешрафт, инкишоф ва рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ сармояи инсонӣ нақши ҳалкунанда дорад. Яъне имруз сармояи инсонии босифат омили калидии инкишофи босуботи Тоҷикистон мебошад. Пас дар ин самт сармоягузорӣ намудан ва дареғ надоштани маблағҳои буҷети мантиқан дуруст ва мувофиқи мақсад мебошад. Ин дар ҳолест, ки дар бисёр кишварҳо омили асосии пешрафт ва рақобатпазири самроаи физикӣ, табиӣ ва молиявӣ муҳосиба шудааст. Аммо дар шароити Тоҷикистон, чунон, ки таҳлил нишон дод, маҳз сармояи инсонии босифат омили калидии рушди устувор аст.

Низоми таҳсилоти олии кишвар ниёз ба дастгирӣ ва пуштибонии давлатӣ дорад. Дар шароити босуръат густариш пайдо намудани технологияҳои рақамӣ донишгоҳҳои кишвари мо ҳануз омодаи қабул ва татбиқи ин падидаи муҳим нестанд. Аз ин ру, давлат бояд ҳамаҷониба, ҳам дар самти таъминоти молиявӣ, ҳам ташкилӣ ва технологӣ фаъолияти макотиби олиро зери назорати хеш қарор диҳад. Аз ҷониби дигар, дахолати давлат ба фаъолияти макотиби олӣ набояд характери директивӣ ва фармонфармоӣ дошта бошад. Балки баръакс ин дахолат – дахолати назоратӣ аз руи татбиқи стандартҳои сифати таҳсилот, татбиқи фановариҳои нав,

ташкили системаи муосири омодакунии кадрҳо ва густариши нуфузи донишгоҳҳои кишвар дар арсаҳои байналхалқӣ бошад.

Дар самти пешгирии муҳоҷирати кадрҳои мутахассис, элитаи илмӣ, донишҷуёни болаёқат низ функсияҳои асосӣ ба давлат нисбат дода мешавад. Маҳз сиёсати аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи давлат дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон метавонад самараи дилхоҳро дар ҳалли ин муаммо ба бор орад. Истифода аз модели танзими муҳоҷирати кадрҳои мутахассис, ки дар тадқиқоти мо пешниҳод шудааст, метавонад то андозае барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти нигоҳ доштан ва ҳифзи сармояи инсонӣ мусоидат намояд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

***А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия***

1. Марҳилаи нави рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бештар бо рушд ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди сармояи инсонӣ омили асосии рушди устувор дониста шудааст, ки самаранокии он бояд самаранокӣ ва сари вақт ноил гардидан ба татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд. Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ дарк намудани нақши асосии сармояи инсонӣ муҳим аст, зеро имкониятҳои ба кор андохтани тамоми захираҳо бепоён нестанд. [5-М; 7-М].

2.Мувофиқи равиши мактаби институтсионалӣ идоракунии сармояи инсонӣ дар низоми мушаххаси институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин ҷо, низоми идоракунӣ ба маънои васеъ – чун маҷмуи сохторҳои зерин: мақомоти идоракунӣ; робитаҳои байни мақомот робитаи байни мақомотҳо ва объектҳои идоракунӣ; робитаи байни мақомотҳои идоракунии минтақаи мазкур ва мақомотҳои идоракунии дигар минтақаҳо; робитаи байни мақомотҳои идоракунӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ ва амсоли он фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки дониш ва малакаи касбӣ, тахассуси кормандон омили аслии ташаккули ҷузъи сифатии сармояи инсонӣ буда, маҳз низоми таҳсилоти касбӣ ва таълими бояд дар ҷанбаи институтсионалии ташаккули сифатҳои инноватсионии сармояи инсонӣ ба механизми амалӣ табдил ёбад. [2-М; 5-М; 8-М.]

3.Вазифаи муҳимтарини эҷоди механизми самараноки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳамоҳангсозии кӯшишҳои низоми давлатии маориф ва низоми таълими корпоративӣ ҷиҳати расидан ба меъёрҳои иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад. Муносибати анъанавӣ ба таълими умумӣ ва истеҳсолӣ, ки дар доираи муассисаҳои таълимии расмӣ сурат мегирад, ба талаботи шароити муосир пурра ҷавобгӯ нест. Сармоягузории мутавозин ба сармояи инсонӣ илова бар сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, хароҷоти

тандурустӣ, аз ҷумла хароҷот барои пешгирии бемориҳо, нигоҳубини тиббӣ ва ғизо ва хароҷоти ҳаракатро дар бар мегирад, ки ҳар яке аз зовияи худ ба тавонмандии инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ таъсиргузор мебошанд. [1-М; 2-М; 8-М; 10-М].

4. Дар тадқиқотҳои илмӣ ба ҷанбаҳои институтсионалӣ, махсусан механизмҳои ҳамкории муҳити институтсионалӣ ва сармояи инсонӣ дар шароити табдили муносибатҳои иқтисодӣ ва шаклҳои идоракунӣ нисбатан кам таваҷҷуҳ дода мешавад. Мактаби неоинститутсионалӣ чунин имконият дорад, ки механизми динамикаи институтсионалӣ ва бунёди сохторҳои назариявии таъсири мутақобилаи муҳити институтсионалӣ ва сармояи инсониро шарҳ диҳад. Аз ин лиҳоз, назарияи институтсионалӣ барои мақсадҳои тадқиқот сермаҳсул ба назар мерасад, ки имкон медиҳад ҳадафҳои ниҳои мехнизми бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ ба ҳадафҳои старетегии рушди иқтисодиёти миллӣ мутобиқ карда шавад. [5-М; 2-М].

6.Дар мактаби институсионалӣ ҳолатҳои мухталифи бархурди ниҳодҳо баррасӣ мешавад, ки яке аз муҳимтарини онҳо назарияи “домҳои ниҳодӣ” аст. Он, маъмулан, ба ҳолате гуфта мешавад, ки дар асари аз таъиноти худ хориҷ шудани баъзе ниҳодҳо инкишофи равандҳои муайян ба сустӣ пеш меравад ва ё аслан ҳолати сукутро ба миён меорад. Вобаста ба муҳити ниҳодии бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонӣ низ ҳолатҳои мухталифи “доми ниҳодӣ” пеш меояд, ки оқибатҳои он ба гурези сармояи инсонӣ дар шакли густариши раванди “фирори мағзҳо” дар миқёси махсусан бузург оварда расониданаш мумкин мебошад. [1-М; 2-М].

***Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

7.Низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон аз тамоюлҳои ҷаҳонии рушди таҳсилоти олӣ хеле ақиб мондааст. Ва маҳз ҳамин аст, ки ба ҷилавгирӣ аз рушди сармояи инсонӣ дар кишвар таъсири хоса дорад. Бар асоси ин, дар баробари ҳалли мушкилоти дохилӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва байналхалқӣ гардонидани таҳсилоти олӣ ҷиҳати ҳамгироии донишгоҳҳои

Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ тавассути ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ муҳим аст. [4-М; 10-М].

8. Дар соҳаи такмил додани сиёсат ва идоракунии таҳсилоти олӣ зарур аст бо иштироки доираи васеи мутахассисон, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони мактабҳои олӣ ва аҳли ҷомеа ва бо назардошти тамоюли ҷаҳонии рушди таҳсилоти олӣ стратегияи давлатии рушди таҳсилоти олӣ таҳия шавад, ки бо ба назар гирифтани тағйиротҳои ниҳодӣ такмили қонунгузории амалкунанда ва қабули санадҳои меъёрию барномаҳои иловагӣ, мутобиқгардонии онҳо ба стандартҳои байналмилалиро бо мақсади фароҳам овардани заминаи устувори ҳуқуқӣ, ки барои рушди минбаъдаи низом ҷиҳати рушди тавонмандиҳои инноватсионии фориғуттаҳсилин мусоидат намояд. [7-М; 9-М].

9.Як далели густариши раванди "фирори мағзҳо" идоракунии ғайрисамараноки сармояи инсонӣ дар корхонаҳои ватанӣ, ба ибораи дигар сатҳи поини муносибатҳои иҷтимоӣ меҳнатӣ дар бозори дохилии меҳнат ба шумор меравад. Вобаста ба ин дар диссертатсия амсилаи таъмини рақобатпазирии кормандони ширкатҳои ватанӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳлили инстиутсионалии омилҳои муассир ба шаклгирии тавонмандиҳои инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ анҷом дода шуд. Натиҷаҳои амсилаи мазкур ба зарурати тағйиротҳои сохторӣ, рафторӣ ва бунёдии низоми бозтавлид ва инкишофи сармояи инсонии кормандони ширкатҳои ватанӣ далолат мекунад. [4-М; 6-М].

10.Омили муҳими арзишофарии сармояи инсонӣ тавонмандии инноватсионии он ба ҳисоб меравад. Амсилаи санҷиши омилҳои мухталиф ба арзиши сармояи инсонӣ нишон медиҳад, ки омилҳое чун тавоноии тимсозӣ, малакаҳои марбут ба пешбурди корҳои тадқиқотӣ, рушди касбӣ ва хидматӣ таъсири бештар ба инкишофи сармояи зеҳнии кормандон доранд. Истифордаи натоиҷи амсилаи мазкур ба корхонаҳои ватанӣ имкон медиҳад, ки тавассути боло бурдани сатҳи арзишофарии ҳомилини сармояи инсонии

ширкат монеъи падидаи “фирори мағзҳо” гарданд ва ҷиҳати ҷалби неруҳои баландихтисос ангезаҳои мувофиқ пешниҳод намоянд. [3-М; 10-М].

11. Яке аз мушкилоти асосии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи пойни талабот дар бозори меҳнати дохилӣ мебошад, ки ҳамоҳангии низоми таҳсилоти олиро бо корхонаҳои ватанӣ дар самти омода намудани кадрҳои соҳибтахассус тақозо менамояд. Таъмини самаранокии механизми ҳамоҳанг намудани низоми таҳсилот ва бозори меҳнат аз як тараф баланд бардоштани сифати таҳсилро ва аз тарафи дигар такмили низоми идоракунии захираҳои инсониро дар корхонаҳои ватанӣ тақозо мекунад. Дар ин замина ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба раванди ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мебошад. [2-М; 9-М].

12. Дар самти сиёсат ва идоракунии муҳоҷирати меҳнатии берунии аҳолӣ зарур аст, ки бо иштироки доираи васеи мутахассисон, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ консепсияи давлатии танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро бо дарназардошти рушди сармояи инсонии муҳоҷирон, нигоҳ доштани нерӯи зеҳнии кишвар таҳия гардад. Ҳамзамон ҷараёни инкишофи сармояи инсонӣ бояд дар ҳамоҳангӣ бо инкишофи технологияҳои нав, махсусан технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда шавад. [4-М; 10-М].

# РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдуллозаде Н.Р. Источники и направления инвестиций в развитие человеческого капитала в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 2. - С.141-147.

2. Абдуллозаде Н.Р. Формирование инновационной экономики для активизации человеческого капитала в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2018. - № 1. - С. 13-20.

3. Акрамова З.Б. Анализ формирования и использования человеческого капитала в контексте устойчивого развития экономики Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. - № 10-1. - С. 182-189.

